**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 338.436** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БОБОШЕРЗОДА НОЗАНИН ҚАРАҚУЛ**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОИШУДАИ АГРОСАНОАТӢ (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 – Иқтисодиёти
минтақавӣ ва ҳудудӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
Раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо........................................................................................ 3**

**Муқаддима............................................................................................................. 4**

**БОБИ I. АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-МЕТОДОЛОГИИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОШУДАИ АГРОСАНОАТӢ ...................... 14**

1.1. Ҳамгироии агросаноатӣ ҳамчун омили рушди устувори иқтисодиёти минтақа.................................................................................................................. **14**

1.2. Ташаккули асосҳои методологии равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ...................................................................................................... **35**

1.3. Таҳлили таҷрибаи хориҷии ҳамгироӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ…………………………...................................................................... **48**

**БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОШУДАИ АГРОСАНОАТӢ....................................................................................... 66**

2.1. Таҳлили вазъи муосири тамоюли рушди комплекси агросаноатии вилояти Хатлон…………………………………………………….. **66**

2.2. Рушди рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақавӣ................ **88**

2.3. Самаранокии фаъолияти сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ.................................................................................................... **107**

**БОБИ III. МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОШУДАИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН............................................................................................................. 126**

3.1. Танзими давлатии рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ ............................................................................................ **126**

3.2. Рушди сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ.................. **145**

3.3. Мукаммалгардонии идоракунии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ.............……………………………….... **164**

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ............................................................... 173**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот……...…..... 175**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...................................................................................... 175**

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия.... 195**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**СМРҶТ** – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КАС** – Комплекси агросаноатӣ

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ИДМ**- Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**МСФ** - модели сохторӣ-функсионалӣ

**АШ -** Аврупои Шимолӣ

**ИҶШС -** Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**НТҶ –** ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**б.ф** – банди фоизӣ

**ҳаз.** – ҳазор

**мар.**- маротиба

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ, на танҳо дар шакли ашёи хом, балки то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ки бевосита ба истеъмолкунанда мерасад, ҳамчун масъалаи асосӣ ва стратегӣ маҳсуб меёбад. Ин амал дар содироти маҳсулоти кишоварзӣ, дар сатҳи зарурӣ коркард кардани маҳсулоти боғу токпарварӣ, суръат бахшидани рушди чорводорӣ, занбӯрпарварӣ, моҳипарварӣ, ҳамчунин, баланд бардоштани истеҳсоли пахта ва шиддати ҳосилнокӣ дар сатҳи истеҳсолот ва ғайра ифода меёбад. Чунин талабот на танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки ба коркарди саноатӣ, то ба фурӯш баровардани он низ дахл дорад. Бо дарназардошти зарурати рушди соҳа дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ масъалаҳои ташкили кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун масъалаи калидӣ муайян гардида, дар марҳилаи дуюм татбиқи ҳаматарафаи он пешбинӣ шудааст[1].

Рушди истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ ва роҳҳои истифодаи самараноки шаклҳои нави фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидориро тақозо мекунад. Яке аз усулҳои маъмултарини ҳалли масъалаи рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар шаклҳои ташкили ҳамгироии истеҳсолкунандагон дар сатҳи гуногун мебошад, ки он имкон медиҳад тамоми давраи такрористеҳсол ба як раванди ягона, аз истеҳсоли ашёи хом то баровардани он бо маҳсулоти тайёри ба истеъмоли ниҳоӣ пешбинишуда, муттаҳид карда шавад. Чунин иттиҳод метавонад иқтидорҳои истеҳсолию иқтисодиро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Аз як тараф, дар бисёр минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои ҳамгироӣ барои таъмини самаранокӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ пешбинӣ шуда, васеъ паҳн шудаанд ва бо шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ҳайати иштирокчиёни фаъол, шаклҳои фаъолият, шаклҳои моликият тавсиф карда мешаванд. Аз дигар тараф, амалия ва таҷриба нишон медиҳад, ки сарфи назар аз

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [манбаи электронӣ]. – URL: - http://kor.tj/doc/Strategiya_tojik- .pdf. (санаи дастрасӣ: 12.05.2020)

шиддат гирифтани равандҳои ҳамгироӣ, аз ҷумла дар комплекси агросаноатӣ, дар фаъолияти сохторҳои ҳамгироӣ парокандагӣ аз рӯйи фаъолият ва камсамарӣ ба назар мерасад. Ин ҳолатҳо, аксар маврид бо таркиби тасодуфии ташаккулёфта, сохтори беасоси ҳудудии ширкатҳо, набудани стратегияи коркардҳои маркетингӣ дар вақти кор шарҳ дода мешаванд. Чунин ҳолатҳо дар аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, ки коркард ва роҳҳои ҳалли онҳо дар доираи таҳқиқоти илмӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар сохторҳои ягонаи агросаноатии вилояти Хатлон норасоии асосӣ дар он аст, ки онҳо аксар вақт бидуни назардошти шароитҳои объективии муҳити берунӣ ва дохилии фаъолият ташкил карда мешаванд. Дар татбиқ ва ҳалли муаммоҳои ин масъала ҳанӯз моделҳои оптималии онҳо ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ коркард нашудаанд, инчунин шумораи оптималии иштирокчиён аз рӯйи шаклҳои фаъолият муайян нагардидаанд. Таҳлили фаъолияти чунин сохторҳо дар минтақа нишон медиҳад, ки дар амал ташкили муносибати ягонаи онҳо дар комплекси агросаноатӣ қариб вуҷуд надорад. Воситаи муҳимми идоракунии корхонаҳои бузурги муттаҳидшуда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо таҳияи методологияи аниқ санҷидашуда ва арзёбии мукаммали ташаккул ва инкишофи фаъолияти ин сохторҳо дар асоси омӯзиши омилҳо мебошад, ки ба самаранокии равандҳои ҳамгироӣ вобастаанд.

Дар робита ба ин, омӯзиши масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти самараноки комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳои он дар алоҳидагӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои иқтисодӣ, самтҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа яке аз қисматҳои асосӣ ва мубрами таҳқиқоти илмию амалии мо мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди ҳамкорӣ ва ҳамгироии агросаноатӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ, ба монанди М.И. Туган-Барановский, В.Т. Водянников, Р. Гумеров, В.А. Добринин, Б.З. Дворкин, Ю.А. Конкин, С.Л. Маслов, С.Н. Прокопович, М.С. Ромашин, Э. Сангинов, И.Г. Ушачев, Е.В.

Худякова, Н.Г. Чернишевский, А.В. Чаянов, А.Н. Челинтсев ва дигарон ба таври хеле муфассал мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба таҳқиқи масъалаҳои арзёбии самаранокии ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла сохторҳои ҳамгирогардида асарҳои олимони дохилию хориҷӣ, аз қабили П.А. Гохан, С. Гроссман, У. Парето, А. Томюн, Ҷ. Тирол, Й. Шумпетер, С. Элвис, О. Ҳорт ва ғ. бахшида шудаанд. Олимони ватанӣ, ба мисли Т.Н. Назаров, Р.К. Раҳимов, И.А. Асроров, В.В. Воҳидов, Т.Б. Ғаниев, Ш. Раҳимзода, Қ.Қ. Давлатзода, Ҳ.Р. Исайнов, З.Р. Шарифов, С.Ҷ. Комилов, Р.Р. Қудратов, М.Р. Қурбонов, А.А. Мадаминов, Х.М. Муҳаббатов, Ҳ.А. Одинаев, Ҷ.С. Пиризода, С.Р. Пиров, Ҳ.Б. Раҳматзода, И.Ҳ. Самандаров, Х.М. Давлатов, Х.Ғ. Ғафуров, Б.Г. Сафаров, Ҷ.А. Тағоев, Н. Хоналиев ва ғ. низ оид ба ин масъала таҳқиқот бурдаанд.

Бо вуҷуди заминаи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти мавҷудаи таҳқиқот, бисёр масъалаҳои раванди ҳамкорӣ ва ҳамгирой, бо дарназардошти дигаргуниҳои иқтисодии дар кишвари мо бавуҷудомада, аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҳалли онҳо таҳқиқ гардида, интихоби мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти рисоларо муайян кардаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомшуда дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати аграрӣ, интишороти олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои даврӣ оид ба соҳаи КАС, ҳамчунин, асарҳои илмии классикони назарияи иқтисодӣ, иқтисодчиёни хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ омода гардидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи мо бо назардошти санадҳои меъёрӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳамгироии агросаноатӣ дар вилояти Хатлон гузаронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ ин таҳияи равандҳои асосноки назариявӣ ва ташкилию методӣ оид ба мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба ҳадафҳои гузошташуда расидан вазифаҳои зерин муайян гардидаанд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии равандҳои ташаккул ва рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа;
- муайян сохтани хусусиятҳо, омилҳо ва принсипҳои сохторҳои мушаххаси ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ ва дар ин асос, асоснок намудани самаранокии фаъолияти онҳо;
- таҳлили вазъи муосири сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда ва ошкор сохтани хусусиятҳои рушди соҳа;
- арзёбии нишондиҳандаҳои сатҳи рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақавӣ дар вилояти Хатлон;
- ошкор сохтани самаранокии фаъолияти комплекси агросаноатӣ ва дар заминаи ин, баррасии мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ;
- асоснок намудани механизмҳои мукаммалсозии танзими давлатии рушди ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ;
- коркарди модели сохторӣ-функсионалии низоми идоракунии механизми ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа вобаста ба ҳолат ва нишондиҳандаҳои воқеии соҳа.

**Объекти таҳқиқотро** фаъолияти субъектҳои иқтисодии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақаи Хатлон ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқотро** муносибатҳои иқтисодие ташкил медиҳанд, ки дар сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатии сатҳи минтақа ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқотро** як қатор таҳлилҳое ташкил медиҳанд, ки хусусияти рушди равандҳои мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд, ки бидуни он татбиқи масъалаи мазкур дар сатҳи иқтисодиёти кишвар имконнопазир аст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои такмили сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Инчунин, консепсияҳо ва назарияҳои тақсимоти ҳудудии қувваҳои

истеҳсолкунанда, усулҳои мавҷудаи арзёбӣ ва ташхиси рушди соҳавӣ ва минтақавӣ, ҳуҷҷатҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати омори вилояти Хатлон ва Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои зерин ташкил медиҳанд: илмӣ-абстрактӣ, иқтисодӣ-оморӣ, меъёрӣ, муқоисавӣ.

**Сарчашмаи иттилоотро** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи кории мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар вилояти Хатлон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва интишороти олимон, маводи Интернет ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар заминаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2022 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ва пешниҳоди амалии натиҷаҳо оид ба такмили онҳо дар сатҳи минтақа зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шуданд ва ба ҳимоя бароварда мешаванд, инҳо мебошанд:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақа хусусиятҳои ташаккул ва роҳҳои рушди он, ҳамчун омили наздикшавӣ ва мутобиқсозии фаъолияти якҷояи субъектҳои хоҷагидории истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мушаххас (вилоят, ноҳия, ҷамоат), ба низом даровард шуда, ҳадафи асосӣ рушд ва амиқсозии робитаҳои истеҳсолӣ ва технологӣ, истифодаи муштараки захираҳои меҳнатӣ,

сармояи пулӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва бартараф намудани монеаҳои мутақобила таҳқиқ карда шудааст;

- муайян карда шудааст, ки сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ бо истифодаи маҷмуи принсипҳо (узвияти ихтиёрӣ, мустақилияти иқтисодии корхонаҳо, манфиати иқтисодии истеҳсолкунандагони молҳои аҳаммияти истеъмолидошта, тақсимоти мутавозини натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи сатҳи минтақавӣ) тавассути маҷмуи омилҳо: иқтисодӣ, аз қабили сохтор ва динамикаи истеъмоли маҳсулот, фоизи қарз, тақсимоти фоида, тағйирёбии талабот ва таклифот; иҷтимоӣ, аз қабили, суръати рушди демографӣ, қувваи коргарӣ, афзоиши хоҷагиҳои инфиродӣ дар шаклҳои гуногун, муҳоҷирати меҳнатӣ, кам кардани шумораи корхонаҳои зиёновар; техникӣ, аз қабили дараҷаи механикунонӣ ва автоматикунонии ҷараёнҳои технологӣ, коркарди технологияҳои нави рақамӣ ҳангоми коркарди маҳсулот, воридоти технологияҳои нав ва ғайра мебошанд;

- таҳлили вазъи муосири сохторҳо ва корхонаҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон мушаххас намуд, ки равандҳои ҳамгироӣ аз афзалиятҳои рақобатпазирӣ ва имкониятҳои иқтисодии он, аз ҷумла ҷамъоварии захираҳои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ; аз рӯйи стандартҳои рақобатпазири мутамарказонидани ҷараёнҳои молиявӣ ва ҷалби лоиҳаҳо ба сармоягузорӣ; рафъи номутаносибии нархҳо дар соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ вобаста; кам кардани хароҷоти амалиётӣ; баланд кардани ҳосилнокии корхонаҳои агросанотӣ; ба даст овардани сарфаи миқёс ва гуногунрангӣ; рафъи мавқеи инҳисорӣ ва рафтори шарикон ва ҳалли рушди инноватсионии истеҳсолоти кишоварзии ватанӣ иборатанд;

- монеаю мушкилоти равандҳои ҳамгироӣ дар сохторҳои алоҳидаи агросаноатии вилояти Хатлон муайян карда шуда, роҳҳои муосири ҳалли мушкилоти мавҷуда тавассути ҳамкориҳои иқтисодии корхонаҳои соҳаҳои мухталифи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дар доираи шартномаҳои истеҳсолӣ ва ҳамгироии моликият пешниҳод карда шуданд;

- ошкор карда шудааст, ки хусусиятҳо ва равандҳои ҳамгирой дар бахши агросаноатии минтақаи Хатлон ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ таъсири мусбат расонида, зарурати ташкили ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байниминтақавӣ оид ба мубодила ва истифодаи таҷрибаи пешқадам дар татбиқи раванди ҳамгироии минтақавӣ, фаъолсозии равандҳои ҳамкорӣ дар минтақа, рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва институтсионалӣ дар заминаи шарикии корхонаҳои агросаноатии минтақавӣ ва давлатӣ бо дарназардошти истифодаи фишангҳои самараноки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ асоснок карда шудаанд;

- механизми танзими давлатии рушди ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои истеҳсолии минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ коркард ва мукаммал карда шуд, ки он имкон медиҳад самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ аз ҳисоби: сатҳи истифодаи замин, яъне таносуби маҳсулоти умумӣ ва маҳсулоти соф нисбат ба майдони кишти маҳсулоти кишоварзӣ; сатҳи истифодаи фондҳои асосӣ: таносуби маҳсулоти умумӣ ва маҳсулоти соф ба арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосии истеҳсолии таъйиноти кишоварзидошта; сатҳи истифодаи захираҳои меҳнатӣ: таносуби маҳсулоти умумӣ ва маҳсулоти соф ба корманди соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоби миёнаи солона; сатҳи даромаднокӣ: таносуби фоида ба арзиши пурраи маҳсулоти фурӯхташуда ба арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосии истеҳсолӣ ва воситаҳои гардон; сатҳи истифодаи хароҷоти ҷорӣ; таносуби маҳсулоти умумӣ ба масрафҳои анҷомшуда бо асъори миллӣ баланд бардошта шавад;

- модели сохторӣ-функсионалии низоми идоракунии механизми ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа пешниҳод карда шудааст, ки сохти зерсистемаҳои функсионалиро дар се сатҳ: ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар бар гирифта, ба амалисозии вазифаҳои ташаккул, назорат ва танзими тамоми равандҳои марбут ба ташкил ва фаъолияти ҳамгироии агросаноатӣ равона карда шудааст ва ҳамчун унсури асосии вазифаи ҳамоҳангсозии маҷмуи ҳадафҳои субъектҳои соҳибкорӣ барои ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона шуда, дар доираи стратегияи рушди минтақавӣ амалӣ мегардад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тавсифи хусусиятҳои ташаккул ва роҳҳои рушди сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақа дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-методологии адабиёти илмӣ;

2. Тавзеҳи маҷмуи принсипҳои ташаккули сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ ва ошкор кардани гурӯҳи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва технологии ба он таъсиррасон;

3. Мушаххас шудани афзалиятҳои рақобатпазирӣ ва имкониятҳои иқтисодии корхонаҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон дар асоси таҳлили вазъи муосири сохторҳо ва корхонаҳои мазкур;

4. Муайян гардидани монеаю мушкилоти равандҳои ҳамгироӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо дар сохторҳои алоҳидаи агросаноатии вилояти Хатлон дар доираи шартномаҳои истеҳсолӣ ва ҳамгироии моликият;

5. Исбот шудани таъсири мусбати хусусиятҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақаи Хатлон, тавзеҳи зарурати ташкили ҳамкориҳои бисёрҷонибаи байниминтақавӣ оид ба мубодила ва истифодаи таҷрибаи пешқадам дар татбиқи раванди ҳамгироии минтақавӣ;

6. Таҳия ва такмили механизми танзими давлатии рушди ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои истеҳсолии минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ;

7. Таҳия ва пешниҳоди модели сохторӣ-функсионалии низоми идоракунии механизми ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти анҷомшуда аз он иборат аст, ки мустақиман барои беҳтар сохтани муносибатҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатии вилояти Хатлон аз рӯйи принсипҳои ҳамгироии агросаноатӣ равона карда шудааст. Иҷрои пешниҳодҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва ҳам корхонаҳои бахшҳои дигари комплекси агросаноатӣ баланд бардошта шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рафъи бухрон дар соҳа, алалхусус дар

мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатии минтақа, муътадилӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода бурда шаванд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо оид ба муайян кардани самаранокии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот бо истифода аз қарордодҳои байни ҳамдигар дар доираи ташаккули ҳамгирой, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳбудии иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд, омода карда шудаанд. Самараи иқтисодии татбиқи тавсияҳои илмӣ ва амалии таҳиянамудаи муаллифи рисола бо ҳадафи онҳо - имконияти татбиқи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни воҳиду сохторҳои агросаноатӣ бо дарназардошти қонунгузории мавҷуда муайян карда мешавад. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои такмили ҷараёни таълим дар макотиби олӣ аз чунин фанҳо, ба монанди «Комплекси агросаноатӣ», «Иқтисоди аграрӣ», «Иқтисоди миллӣ», «Кооператсия ва ҳамгирой дар соҳаи кишоварзӣ» истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд. Дар таҳқиқоти анҷомгардида вобаста ба механизмҳои имконпазири рушди сохторҳои ҳамгирошудаи минтақаҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон як қатор таҳлилҳо анҷом дода шуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин, тарзҳои умумиилмӣ, ба монанди муносибати танзимшуда ба объект ва мавзуи таҳқиқот, мантиқи диалектикӣ, таҳлил ва синтез, муқоиса ва ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ, усули хулосаи назариявии илмӣ ва моделсозӣ, ки комилият ва эътимоднокии диссертатсияро таъмин мекунад, истифода гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад: 1.5. Трансформатсияҳои ҳудудӣ-иқтисодӣ; муаммоҳои ташаккулёбии ҳудуди ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон; тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳамгироии ҳудудӣ ва дезинтегратсияи мамлакат; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои трансформатсияи он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.19. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии инкишофи кишоварзӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Муаллиф саҳми худро дар таҳия ва татбиқи самтҳои асосӣ, амиқтар гардонидани фишангҳои сиёсати давлатии минтақавӣ дар сохторҳои ҳамгирошудаи минтақа, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти воқеии оморӣ оид ба мавзуи таҳқиқ гузошта, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳо ба даст оварда, мақолаҳои илмиро омода кардааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Ҷараёни татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия аз муайян кардани рушди сохторҳои ҳамгирошудаи минтақаҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон иборат аст, ки барои зиёд шудани дастрасии имконияти бештари бозорҳои кишвар бо маҳсулоти хушсифат ва хуб шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд ва таҳияи механизмҳои баҳодиҳии минтақаҳои агросаноатиро ҷиҳати муайян кардани эҳтиёҷоти оптималии истеҳсолкунандагонро ба истеҳсолот дар бар мегирад.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 мақолаи илмӣ дар нашриёҳои гуногун, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва пешниҳодот, феҳристи адабиёт истифодашуда бо 182 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 198 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, дорои 31 ҷадвал, 5 формула, 4 расм ва 1 диаграмма мебошад.

# БОБИ I.
# АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-МЕТОДОЛОГИИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОШУДАИ АГРОСАНОАТӢ

## 1.1. Ҳамгироии агросаноатӣ ҳамчун омили рушди устувори иқтисодиёти минтақа

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва мустақил шудани тамоми субъектҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатии бозори минтақавӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва қобили эътимод дар такмили бахши агросаноатии иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки метавонад ба таъмини амнияти озуқаворecho кишвар мусоидат намуда, то як андоза амнияти иқтисодиро таъмин намояд. Бояд қайд кард, ки барои татбиқи дурусти ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам овардан мувофиқи мақсад мебошад.

Аз ҳамин лиҳоз, барои давлат дурнамо ва ҳадафи асосӣ ташкили ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ мебошад ва дар заминаи ин, ҳамгироии агросаноатӣ метавонад ба қатори яке аз беҳтарин омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти минтақа маҳсуб ёбад.

Аз ин рӯ, омӯзиши иқтисодии хусусиятҳо, равандҳо, мундарича ва шаклҳои ташкилии он дар сатҳи мазкур зарур аст. Натиҷаҳои ҳар як таҳқиқот бояд ба ҳалли амалии масъалаҳои гузошташуда оид ба ташаккули сохторҳои ҳамгирошудаи минтақавӣ дар шароити муосири бозор мусоидат кунанд. Дар чунин шароит мавҷудияти кооператсия ва ҳамгироии агросаноатӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар соҳаи коркарди маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасонии фурӯш вазифаҳои гуногуни муҳимро иҷро мекунанд.

Масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар иқтисоди бозорӣ дар бисёр адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқи амиқ фаро гирифта шудаанд. Мушкилоти мазкур дар солҳои охир мавзуи таҳқиқоти соҳаи аграрии мамлакатҳои ИДМ қарор гирифтааст. Асарҳои бисёр олимон ва мутахассисон ба инъикоси масъалаҳои кооператсияи байнихоҷагӣ ва ҳамгироии агросаноатӣ бахшида шудаанд. Вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда олимони зиёд корҳои илмӣ

намудаанд ва имрӯзҳо низ таҳқиқот бурда истодаанд, аз он ҷумла В.В. Алексанова, В.П. Василенко, А.Ф. Демченко, Е.Д. Кухлев, Г.Л. Коваленко, А.П. Курносов, М.Я. Лемешев, В.Н. Новиков, А.И. Панченко, С.Н. Сазонов, А.Л. Стадник, А.А. Черняев, И.В. Шетинина ва дигарон.

Дар пажуҳишҳои илмӣ-амалӣ ҳамгироӣ маънои дар тамоми соҳаҳо якҷояшавии қисмҳо, ашёҳо ё равандҳои ҷудогонаро бо якдигар дорад. Ҳамгироӣ метавонад ҳам зуҳурот ва ҳам равандҳоеро, ки дар иқтисодиёт ва сиёсат, илм ва соҳаи иҷтимоӣ рух медиҳанд, ба ҳам пайваст намуда, тавсиф намояд. Дар ин бора дар адабиёти илмӣ чунин шаклҳои ҳамгироӣ, аз қабили ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва монанди инҳо пайдо шуданд. Дар раванди муносибатҳои иқтисодӣ вобаста ба шароите, ки раванди ҳамгироӣ сурат мегирад, объектҳо ва сатҳи фаъолияти субъектҳои ҳамгирошуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳамгироӣ, принсипҳо, усулҳои фаъолият ва натиҷаҳои ниҳоии он ба куллӣ фарқ мекунанд.

Омӯхтани мафҳуми таҳлили масъалаҳои муҳим ва афзалиятҳои татбиқ ва раванди танзимшавандаи ҳамгироии агросаноатӣ яке аз вазифаҳои асосии рисолаи илмии мо ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби олимон омӯзиши муҳиммияти паҳлуҳои гуногуни ин масъала гузаронида шудаанд. Масалан, ҳамгироӣ ҳамчун мафҳум дар асарҳои Е.Г. Федотов дар чунин шаклҳо ифода ёфтааст:

- ҳамгироӣ (барқароркунӣ, пурра кардан) - маҷмуи амалҳои ҳамгироӣ ва фаъолияти ҳамгироӣ, ки боиси ташаккулёбии ҳамгироӣ мегарданд;
- интегер (integer - пурра, лотинӣ) - натиҷаи амалҳои ҳамгироӣ, ташкилоти ягона ё иттиҳодия ҳамчун шакли ташкилӣ (ассотсиатсия, иттифоқ);
- интегратор - ташаббускор, асосӣ, роҳбари ҳамгироӣ, роҳбар ё ҳамоҳангсози амалҳои ҳамгироӣ;
- интегралҳо - иштирокчиёни иттиҳодияҳои ҳамгироӣ [2].

Илова ба ин гуфтаҳо Ю.В. Седих чунин мешуморад, ки ҳамгироии агросаноатӣ ҳангоми ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни корхонаҳо дар марҳилаи рушди қувваҳои истеҳсолӣ ба миён меояд ва афзоиши минбаъдаи тамаркузи

[2] Федотов, Е.Г. Развитие организационно-правовых форм интеграции в АПК государств-участников СНГ: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ Е.Г. Федотов. - М.: 2006. – С.8.

истеҳсолотро аз ҳисоби васеъ кардани хоҷагиҳои ғайри қобили амал дар доираи мавҷудияти корхона он ба рушди баъзе соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати коркард ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот монеа эҷод мекунад[3].

Дар дигар маврид, ба андешаи И.А. Могилевтсев "ҳамгироии агросаноатӣ пайвастшавии органикии хоҷагии қишлоқ бо соҳаҳои ҳамсоя мебошад, ки тавассути хизматрасонӣ ва расонидани маҳсулот ба истеъмолкунанда, инчунин, натиҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, тақсимоти аниқи иҷтимоии меҳнати махсусгардонидаро дар бар мегирад"[4].

Ҳамчунин, ақидаи И. Ушачев «ҳамгироии агросаноатӣ ин раванди объективии иқтисодӣ мебошад, ки бо қонунияти муайяни ба шаклҳои моликият, рушди тақсимоти иҷтимоии меҳнат, ҳамкорӣ ва зарурати дар ин замина барои ҳамкориҳои байни бахшҳо ва корхонаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноатӣ алоқаманд, тавсиф менамояд»[5].

Дар заминаи илмӣ ва таҳқиқоти ҳадафманд ҳалли мушкилоти рушди равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ ба таври объективӣ, ҳамҷоя кардани коркарди илмии муаллифони гуногунро талаб менамояд. Бо назардошти ин, зарур аст, ки мафҳум ва моҳияти "ҳамгироӣ" дар низоми комплекси агросаноатӣ аниқ карда шавад.

Тибқи сарчашмаҳо ҳамгироӣ аз ибораи лотинӣ «барқарорсозӣ», «иҷро», «пурра» - маънои пайвастагии қисмҳои ҷудогона ба маҷмуъро дорад[6].

Маъмулан, равандҳо ва асосҳои методологии ҳамгироӣ як мафҳуми ягона барои тамоми истеҳсолоти иҷтимоӣ мебошад, аммо дар соҳаи кишоварзӣ тобиши дигар дорад. Чӣ тавре ки О. Родионова қайд менамояд, он дорои хусусиятҳои фарққунандае мебошад, ки аз як тараф, бо хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва

---

[3] Седых, Ю.В. Межхозяйственная кооперация и агропромышленная интеграция в сельском хозяйстве [Текст]/Ю.В. Седых. - М.: Колос, 1978 – С.162.

[4] Могилевцев, И.А. Организационно-экономические аспекты агропромышленной интеграции в АПК: Дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ И.А. Могилевцев. – СПб.: Пушкин, 2001. - С.74.

[5] Ушачев, И. Развитие интеграционных процессов в АПК Белгородской области [Текст]/ И. Ушачев // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2002. – №2. – С. 6.

[6] Денин, А. Эффективность агропромышленной интеграции на микроэкономическом уровне [Текст]/А. Денин // АПК: экономика, управление. – 2003. - № 10. – С. 44 - 51.

аз дигар тараф, бо мураккабии идоракунӣ тавсиф карда мешавад[7]. Хусусияти иқтисодии ҳамгироии агросаноатӣ аксаран яктарафа шарҳ дода мешавад, аз ин рӯ, дар адабиёти иқтисодӣ тафсир ва таърифҳои мухталифи ҳамгироии агросаноатӣ оварда шудаанд. Масалан, ба андешаи А. Денин ҳамгироии агросаноатӣ ин категорияи иқтисодиест, ки моҳияти он муттаҳидсозии корхонаҳои дорои хусусиятҳои гуногун ва дар раванди ташаккулёбии такрористеҳсоли агросаноатии навтаъсис қарордошта мебошад[8].

Ҳамгироии агросаноатиро ба чараёни дигар дар зинаҳои гуногуни зинанизом омӯхта, И.В. Куртсев онро ҳамчун раванди бисёрсатҳӣ - аз сатҳи хоҷагии халқ то сатҳи корхонаи алоҳидаи кишоварзӣ тавсиф намуда, қайд намудааст, ки: «Дар сатҳи хоҷагии миллӣ он дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ташаккул ва рушди комплекси агросаноатии хоҷагии миллӣ ифода ёфтааст. Дар сатҳи минтақавӣ ин раванд бо ташаккули ассотсиатсияҳои гуногуни агросаноатӣ бо иштироки корхонаҳои кишоварзӣ, коркарди шаклҳои нави хизматрасонии агросаноатӣ ва дигар корхонаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ, рушди техникаҳои кишоварзии минтақа тавсиф меёбад. Дар сатҳи як корхонаи алоҳидаи кишоварзӣ, ҳамгироии агросаноатӣ тавассути дар он таъсис додани коргоҳҳои коркард ва ташкили савдо аз рӯйи ширкатҳои кишоварзӣ сурат мегирад”[9].

Дар заминаи таъкидҳои И.В. Куртсев бояд қайд кард, ки бо назардошти тавсеаи муносибатҳои молию пулӣ, мафҳуми «ҳамгироии агросаноатӣ» ба таври назаррас густариш меёбад ва тамоми сиклҳои истеҳсолӣ, ба монанди истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш ва ба истеъмолкунанда расонидан, инчунин, ҳалли баъзе масъалаҳои иқтисодию иҷтимоиро дар бар мегирад. Агар мо ба ҳамгироии агросаноатӣ соҳаҳоеро дохил намоем, ки дар онҳо маводи кишоварзӣ, сохтмон, инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад, онҳо боз ҳам васеътар мегарданд. Барои чунин як омезиши аниқ И.П. Улянов таърифи зерини

[7] Родионова О.А. Трансформация интеграционных процессов в агропродовольственной сфере России [Текст]/ О.А. Родионова // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2001. – № 9. – С.38.
[8] Денин, А. Эффективность агропромышленной интеграции на микроэкономическом уровне [Текст]/А. Денин // АПК: экономика, управление. – 2003. - № 10. – С. 44 - 51.
[9] Курцев, И.В. Устойчивое развитие агропромышленного ком-плекса Сибири: предпосылки, факторы и путы [Текст]/И.В. Курцев. – Новосибирск, 2005. – С.185.

мафҳуми «ҳамгироии агросаноатӣ»-ро пешниҳод намудааст: «Ҳамгироии агросаноатӣ - раванди бисёрҷонибаест, ки дар он истеҳсоли миқдори зарурии молҳои истеъмолӣ аз ашёи хоми кишоварзӣ тавассути омезиши соҳаи кишоварзӣ бо дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ истеҳсол карда мешавад»[10].

Мафҳуми "ҳамгироӣ"-ро муайян карда, бояд гуфт, ки ҳамгироии агросаноатӣ падидаи мураккаб ва бисёрҷанбаи давраи иқтисоди бозорӣ буда, аз нуқтаи назари гуногун омӯхта шавад. Баъзе олимон методологияи ҳамгироии агросаноатиро ҷамъбаст намуда, бар он такя мекунанд, ки ҳамгироиро дар доираи маҳдуди манфиатҳои одамон бояд ҳисоб намуд, ки аксаран ба зиёни соҳибони дигар амал мекунад. Масалан, Б.И. Уметский ҳангоми омӯзиши ҳамгироии агросаноатӣ ва манфиатҳои корхона қайд мекунад, ки «... ширкати саноатӣ ё як ширкати савдо, ҳамчун интегратор амал намуда, фермерро ба манфиати худ тобеъ менамояд»[11]. Дар робита ба ин, мо андешаи академик И.Ф. Хитсковаро ҷонибдорӣ менамоем, ки чунин мегӯяд: «Ҳамгироӣ раванди объективии иқтисодӣ мебошад, ки ба тақсимот ва кооператсияи меҳнати ҷамъиятӣ бо мақсади рушди нисбатан самараноки ҳамаи сохторҳои ҳамгирошаванда мусоидат мекунад»[12].

Вобаста ба пайгирии ин андеша қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи олимони ватанӣ низ вобаста ба ҳамгироии агросаноатӣ таҳқиқот бурда мешавад.

Ба ақидаи И.С. Фасеҳзода, "ҳамгироии агросаноатӣ ин раванди ташкилию иқтисодиест, ки муттаҳидшавии бошуурона ва танзимшаванда дар чаҳорчӯбаи воҳиди ягонаи хоҷагидорӣ ва рушд намудани зергурӯҳҳои махсусгардонидашудаи соҳаи кишоварзӣ, саноат, хидматрасонӣ ва савдоро тавсиф мекунад"[13].

Дар дигар маврид, ба ақидаи Ҳ.Р. Исайнов ҷараёни ҳамгироӣ дар панҷ давра ба амал меояд[14]:

---

[10] Ульянов, И.П. Агропромышленная интеграция – что это такое? Монография [Текст]/ И.П. Ульянов. – М.: Колос, 1982. – С.12.

[11] Умецкий, Б.И. Организационные формы агропромышленного кооперирования [Текст]/ Б.И. Умецкий. – М.: «Колос», 1997. – С. 67.

[12] Хицков, И.Ф. Интеграционные связи в агропромышленном производстве [Текст]/ И.Ф. Хицков // АПК: экономика, управление. – М., 2003. – № 9. – С. 9-17.

[13] Фасеҳзода, И.С. Иқтисодиёти агросаноатӣ ва муносибатҳои бозорӣ. Васоити таълимӣ. [Матн]/И.С. Фасеҳзода. – Душанбе: ДМИТ, 2015. – С.187

[14] Исайнов, Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ [Матн]/Ҳ.Р. Исайнов. – Душанбе: Ирфон, 2018 -С.414.

1. Омодасозӣ ва ташаккули корпоратсияҳои агросаноатӣ (агар якчанд корхонаи агросаноатӣ якҷоя шуда бошанд) бо ёрии технологияи идоракунии лоиҳавӣ;

2. Ташаккул ва оғози кори ҷамъияти саҳомӣ;

3. Ҳамгироӣ дар давраи гузариш;

4. Баробарсозии фарқиятҳо, яъне муваффақ шудан ба натиҷаи ниҳоии ширкат;

5. Ҳамгироии пурра (пухта).

Инчунин, ҷиҳати тавзеҳи паҳлуи дигари масъала М.Р. Қурбонов дар таҳқиқоти худ мазмуни ҳамгироии агросаноатиро ба се нуқтаи назар ҷудо мекунад: "Якум ҳамгироии агросаноатӣ - ин шакли муттаҳидшавӣ ё ҳолати системавии иштирокчиёни муайяни истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад; дуюм, раванди таҳкими робитаҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ, муттаҳид намудани иштирокчиёни инфиродии истеҳсолот, аз ҷумла аграрӣ дар якҷоягӣ; сеюм, механизмҳо ё усулҳое мебошанд, ки тавассути он иштирокчиёни истеҳсолоти агросаноатӣ ба як организми ягонаи истеҳсолӣ ва иқтисодӣ муттаҳид карда мешаванд. Таҳлили таҳаввулоти ҳамгироӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои кооперативӣ аввалин бор пайдо шуданд ва ин муносибатҳо тадриҷан ба ҳамгироӣ табдил ёфтанд"[15].

Ҳамзамон, дар шакли дигар профессор Қ.Қ. Давлатов қайд намудааст, ки муносибатҳои гуногун ба омӯзиши механизми сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ ба мо имкон медиҳанд, ки усули системавиро ҳамчун принсипи асосии методологӣ истифода барем, яъне ҷузъҳои алоҳидаи иқтисодиёт дар ҷараёни ҳамкорӣ муттаҳид шуда, вазифаи мушаххасро иҷро мекунад. "Равиши систематикӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои гуногуни мураккаби дар ҷараёни муносибатҳои байни аъзои хоҷагиҳои дар доираи сохторҳои ҷудогона бавуҷудоянда бо роҳи оқилона, мантиқӣ ва илмӣ асоснок карда шаванд. Моҳияти муносибати систематикӣ бо он асоснок карда мешавад, ки унсурҳо ва системаҳои

---

[15] Курбонов, М.Р. Состояние и перспективы развития интеграционных процессов в хлопковом подкомплексе [Текст]/ М.Р. Курбонов // Таджикистан и современный мир. – Душанбе. - 2016. - №5 (55). - С. 154-162.- 0,6 п.л.

муносибатҳои ба ҳам алоқаманд ва мутафовите, ки системаро ташкил намекунанд, дар раванди ҳамкорӣ байни худ баъзе хусусиятҳои нав медиҳанд, яъне амалҳои муштараки онҳо барои ноил шудан ба вазифаҳои гузошташуда имкон медиҳанд”[16].

Вобаста ба тавзеҳи ақидаҳои дар ин масъала қайдгардида, бояд гуфт, ки механизми рушди муносибатҳои ҳамкориҳо ва ҳамгирой тамомияти онро дар назар дорад. Зеро механизме, ки дар он ҳамаи унсур ва низоми муносибатҳо барои дар як самт ва як ҳадаф - ба даст овардани самараи синергетикӣ аз ҷониби кишварҳои иштироккунанда нигаронида шудааст, яъне самараи бадастомадаи натиҷаи ҳамкориҳои иштирокчиён аз натиҷаи фаъолияти як шахс бояд зиёд бошад. Аз ҳамин лиҳоз, механизми рушди муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирой дар сатҳҳои гуногуни агросаноатӣ бо таркиби унсурҳо ва низоми муносибатҳои байни иштирокчиёни воҳидҳои ҳамгирошуда тавсиф шуда, аз дараҷаи ҳадди ҳамоҳангӣ, мавқеи устувор, рақобатпазирӣ, кафолати баробарии мубодила ва тақсимот, таҷдиди дурусти мутаносиби захираҳо ва дигарҳо иборат аст. Тавсифи низоми муносибатҳо ва фаъолияти муштараки иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирой шарти хосияти сохтории механизми рушди муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирой мебошад.

Воқеан, вобаста ба инъикоси масъалаи баёнгардида, вақте сухан дар бораи робитаи органикӣ миёни соҳаҳои I, II ва III-и КАС меравад, ин маънои онро надорад, ки тобеияти як соҳа ба дигараш ҳамбаста аст, зеро ин соҳаҳо на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати технологӣ ба ҳам алоқамандӣ доранд ва барои ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирой, ба монанди корхонаҳои кишоварзӣ, коркардкунандагон, ташкилотҳои савдо ва ғ. фоидаовар мебошанд.

Зимни ҷамъбасти гуфтаҳои боло, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми ташкили муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирой манфиати ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамҷоя бояд мутобиқатшуда ва мувофиқ бошанд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки таваҷҷуҳ бояд ба фаъолияти корхонаю иттиҳодияҳо дар раванди

---

[16] Давлатов, К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан. Монография/ К.К. Давлатов. – Воронеж: изд-во «Истоки», 2008. – С.87.

истеҳсол, нигаҳдорӣ, интиқол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ равона шуда бошад.

Ба ақидаи мо, сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ ин раванди ба ҳам наздикшавӣ ва мутобиқсозии мутақобилаи субъектҳои истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мушаххас буда, ҳадафҳои он рушд ва амиқсозии робитаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ва технологӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, бартарафсозии монеаҳо ва монанди инҳо мебошад.

Бояд қайд намуд, ки комплекси агросаноатӣ се минтақаи асосиро дар бар мегирад. Якум, комплекси агросаноатӣ аз соҳаҳое иборат аст, ки воситаҳои истеҳсолотро барои ташкили истеҳсолот дар комплекси аграрӣ татбиқ менамояд ва, инчунин, онҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ хидматҳои истеҳсолӣ ва техникӣ мерасонанд, ба ин раванд дохиланд. Масалан, тракторсозӣ ва кишоварзӣ, истеҳсоли хӯроки омехта ва нуриҳои минералӣ, таъмири техникаи кишоварзӣ, нигоҳдории мошинҳо ва таҷҳизот. Дувум, соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки аз соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ иборат аст. Сеюм соҳа аз бахшҳое иборат аст, ки харид, коркард ва ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти кишоварзиро таъмин мекунанд. Хоҷагии қишлоқ дар комплекси агросаноатӣ ҷои марказиро ишғол намуда, як қисми бозори пуриқтидори дохилии соҳаи саноат мебошад. Рушди баъзе соҳаҳо аз кишоварзӣ ва рушди кишоварзӣ аз фаъолияти пурсамари саноат вобастагии зиёд дорад ва онҳо якдигарро пурра менамоянд.

Вобаста ба таҳқиқи ҳадафманд ҳамгироии агросаноатӣ бояд ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи микро баррасӣ карда шавад. Дар сатҳи микроиқтисодӣ ҳамгироии агросаноатӣ дорои як қатор соҳаҳо ва ташкилотҳое мебошад, ки ба истеҳсол, харид, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ва расонидани онҳо ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ машғуланд.

Ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ бошад, комплекси агросаноатии кишварро ифода мекунад, ки барои ҳамгироии соҳаҳои вобаста ба кишоварзӣ, харид ва фурӯши маҳсулоти тайёр ба минтақаи мушаххас пешбинӣ шудааст.

Рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи микро бо роҳи таъсис ва бунёди фаъолияти самарабахши воҳидҳои мухталифи агросаноатӣ сурат мегирад. Ба таркиби чунин воҳидҳо метавонанд корхонаҳои коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, инчунин, ташкилоту корхонаҳои барои нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши махсулоти тайёр махсусгардонидашуда дохил шаванд. Шарти ҳатмии ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи микро ҷомеаи ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳудудии соҳаҳои махсусгардонидашудаи кишоварзӣ, коркард, нақлиёт ва дигар соҳаҳо мебошад. Ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи микро барои истифода ва коркарди самарабахши ашёи хоми кишоварзӣ, захираҳои меҳнатӣ ва техникии корхонаву ташкилотҳое, ки ба таркиби агросаноатӣ шомиланд, шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳамгироии агросаноатӣ шакли пешрафтаи ҳамкориҳои кишоварзӣ дар замони муосир мебошад. Он ҳамкории самарабахши субъектҳои агросаноатиро таъмин намуда, ба ғанӣ гардонидани бозорҳои озуқаворӣ мусоидат менамояд ва дар заминаи пешрафти илмию техникӣ такмил меёбад, инчунин, барои баланд бардоштани даромаднокии маҳсулоти кишоварзӣ шароити хуб фароҳам месозад.

Бо назардошти усулҳои муайян кардани моҳияти ҳамгироӣ бояд ба афзалият ва нуқсонҳои раванди ҳамгироӣ ва шаклҳои он дар сатҳи минтақа аҳаммияти аввалиндараҷа диҳем. Дар адабиёти илмӣ номгӯи гуногуни шаклҳои ҳамгироии агросаноатӣ истифода шудаанд, ба монанди сохторҳои ҳамгироӣ, сохторҳои корпоративӣ, сохторҳои аграрӣ, корпоратсияҳои аграрӣ, гурӯҳҳои аграрии ширкатҳо, иттиҳодияҳои агросаноатӣ, ташкилотҳои аграрӣ, воҳидҳои иқтисодӣ ва ғайра. Ба баррасии истилоҳоти номбаршуда муфассалтар шуруъ мекунем.

Аз ҳамин хотир моро зарур аст, ки барои бардошт ва арзёбии самтҳои мушаххаси ҳамгироӣ ба таври муфассал таҳлил намоем. Бояд гуфт, ки ташкилотҳои ба як созмони ҳамҷоя дохилшаванда метавонанд ба шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ мансуб бошанд, ба мисли шарикӣ ва ширкатҳои хоҷагӣ дар шакли (ҶДММ, ҶСП, ҶСК), кооперативҳои истеҳсолӣ, кооперативҳои истеъмолӣ, ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо. Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба таърифи «ташаккули ҳамгироии агросаноатӣ» андешаҳо гуногунанд. Дар баъзе адабиёт

муаллифон шаклҳои ҳамгироиро дар комплекси агросаноатӣ агрошаклҳо номидаанд, ки мувофиқи мақсад аст. Ҳамин тавр, бо такмили ин гуфтаҳо Л.В. Тугачева таърифи зеринро додааст: «Агрошаклҳои ҳамгироӣ намуди ташкилие мебошанд, ки субъектҳои комплекси агросаноатиро муттаҳид намуда, новобаста аз мавҷудияти мустақилияти иқтисодӣ дар асоси идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии ҷараёни захираҳои ташкилоти ибтидоӣ, фаъолият мекунанд»[17].

Ин таъриф ба шаклҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ низ дахл дорад, зеро субъектҳои комплекси агросаноатӣ метавонанд корхонаҳои се соҳаи КАС бошанд.

А.Н. Сёмин ва Н.В. Малтсев дар таҳқиқоти худ шаклҳои гуногуни ҳамгирошудаи комплекси агросаноатиро фарқ мекунанд, аммо ҳангоми пешгӯии самаранокии идоракунии равандҳои ҳамгироӣ дар шаклҳои миёна ва калони ҳамгирошудаи кишоварзию агросаноатӣ (дар мисоли зеркомплекси ширӣ), моделҳои асосии ташаккулёбии кишоварзиро (агрохолдингҳо (варианти 1), агрохолдингҳо (варианти 2), ширкатҳои кишоварзӣ, ташкилотҳои алоҳида) ҷудо кардаанд. Ҳамзамон, онҳо таъкид мекунанд, ки дарояндаи наздик бояд шаклҳои ҳамгирошудаи навъи амудӣ-уфуқӣ таҳия карда шаванд[18], ки аз пешгӯии хоҷагиҳои кишоварзӣ (варианти 2) иборат аст.

Дар як маврид Я.В. Бирюков қайд мекунад, ки ташаккулёбии комплекси агросаноатӣ дорои сатҳҳои гуногуни идоракунии самаранокро дар бар мегирад[19]. Дар асоси ин таъриф, шаклҳои кишоварзӣ ҳамчун шаклҳои ҳамгирошуда маҳсуб меёбанд, яъне онҳо ба ҳамгироии уфуқӣ асос ёфтаанд.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, таърифи мафҳуми «ташаккули ҳамгироии агросаноатӣ» ҳамчун ассотсиатсияи комплексии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шакли мушаххас агробизнес карда шуда, дар байни онҳо муносибатҳои устувор

---

[17] Тугачева, Л.В. Совершенствование внутрихозяйственных отношений в интегрированных образованиях аграрного сектора экономики: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ Л.В. Тугачева. - Орел, 2009.- С.179.

[18] Семин, А.Н. Концепция управления интеграционными процессами в аграрных и агропромышленных формированиях: особенности разработки и механизм реализации [Текст]/ А.Н. Семин, Н.В. Мальцев // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2010. - № 10. - С.68.

[19] Бирюков, Я.В. Планирование производственной деятельности интегрированных агроформирований: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ Я.В. Бирюков. - М., 2010. - С.163.

мавҷуданд ва дар доираи маҷмуаи ягона амал карда, барои ташкили маркази ягонаи тасмимгирии стратегӣ ҷиҳати ба эътибор гирифтани хусусияту шаклҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ имкон медиҳад.

Хусусиятҳои хоси фаъолият ва амалкарди равандҳои ҳамгироии агросаноатӣ аз рӯйи иттиҳодия инҳо мебошанд:

1) дорои ҳама гуна шакли моликият бошад;

2) дар асоси низоми ягонаи идоракунӣ бо шартҳои мутақобилан судманди ташкилотҳои технологӣ ва иқтисодӣ алоқаманд аст;

3) як қатор субъектҳои дар соҳаи кишоварзӣ, коркард, хизматрасонӣ ва дигар бахшҳои комплекси агросаноатӣ фаъолияткунандаро дар бар мегирад;

4) барои ба даст овардани натиҷаи ягонаи ниҳоӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани даромаднокии иштирокчиёни он, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат фаъолият мекунад.

Дар низоми муттаҳидшаванда хусусияти хоси робитаҳои ҳамгироӣ метавонад аз рӯйи дараҷаи махсусгардонии амудӣ ва уфуқӣ бошад[20]. Вобаста ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиёти хориҷӣ ҳамгироии агросаноатӣ метавонад дар байни хоҷагиҳои хурди хонаводагӣ низ бошад.

Дар ин ҷо ҳамгироии уфуқии агросаноатӣ ҳамчун ҳамкории мутақобилаи ташкилию иқтисодӣ ё иттиҳоди соҳаҳо ва корхонаҳои як соҳа ё якчанд зербахшҳои он (кооператсияи дохили саноатӣ), ки маҳсулоти якхела истеҳсол мекунанд ва барои истеҳсоли онҳо амалиёти гуногунро анҷом медиҳанд, фаҳмида мешавад. Ин амиқсозии тахассусӣ, қисмҳои ҷудогонаи ҷараёни ягонаи технологӣ, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии он ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулотро таъмин менамояд. Равандҳои ҳамгироии уфуқии агросаноатӣ дар бахшҳои комплекси агросаноатӣ васеъ паҳн шуда, дар он ҷо маҳсулоти ниҳоии як корхона ҳамчун ашёи дигар корхона истифода мешавад.

---

[20] Закшевский, В.Г. Экономический механизм стабилизации и развития аграрного производства в системе государственного регулирования: дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ В.Г. Закшевский. – Воронеж, 1999. – С.20.

Робитаҳои устувори саноатӣ ва иқтисодӣ дорои системаҳои ҳамгироии уфуқии хоҷагии қишлоқ бо назардошти соҳаҳои зерин мебошанд: шаробҳои аввалия - корхонаҳои шароббарории дувум - корхонаи истеҳсоли шакар; хоҷагиҳои тухмипарварӣ - репродуктивӣ - корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ғалладона; истеҳсоли хӯроки чорво – чорводорӣ ва ғайра. Дар соҳаи парвариши чорвои ширдеҳ ва гӯштӣ робитаҳои уфуқию истеҳсолӣ ва иқтисодӣ дар заминаи амиқсозӣ ва зина ба зина рушдёбанда, ҷудокунии комплексҳо барои парвариши чорво мувофиқи мақсад аст (расми 1.1.1).

Шакли муваффақтарини системаи ҳамгироии уфуқии агросаноатӣ иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ мебошанд, ки корхонаҳои кишоварзиро дар якҷоягӣ бо зерқисматҳои илмӣ дар бар мегиранд. Амалия нишон медиҳад, ки рушди ҳамгироии уфуқии агросаноатӣ омили муҳим дар гузариши тадриҷӣ аз сохтори гуногунрангсозӣ ба сохтори махсуси соҳавӣ мебошад.




**Расми 1.1.1.- Робитаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии низомҳои ҳамгироии уфуқии агросаноатӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Вобаста ба алоқамандии сохтори расми 1.1.1 гуфтан мумкин аст, ки дар ҳамгироии амудии агросаноатӣ ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва якҷоякунии корхонаҳо ва соҳаҳои гуногуни саноат мавҷуданд, ки гузариши оптималии ҳаҷми

молҳоро дар раванди ягонаи технологӣ аз як марҳилаи истеҳсол ба давраи дигар, кам кардани хароҷот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшавандаро таъмин менамоянд.

Ҳамгироии амудии агросаноатӣ чунин иттифоқи истеҳсолкунандагонро дар бар мегирад:

1) дар зинаҳои аввали раванди истеҳсолот - ҳамгироии захираҳо (корхонаи кишоварзӣ, ки бо парвариш ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд);

2) марҳилаҳои ниҳоӣ - ҳамгироии маҳсулоти ниҳоӣ (корхонаи коркард, ки соҳиби мағозаҳо мебошад ва бо коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, фурӯши маҳсулоти тайёр дар мисоли мол (консерваҳо, гӯшт, ҳасиб ва монанди инҳо) машғуланд);

3) тамоми марҳилаҳои ҷараёни истеҳсолӣ - ҳамгироии захираҳо ва маҳсулоти ниҳоӣ (ширкатҳои кишоварзӣ, ки дар онҳо истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр ба равандҳои ягонаи технологӣ муттаҳид карда мешаванд).

Аз рӯйи хусусиятҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ, ассотсиатсияҳои амудӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд:

1) ассотсиатсияҳое, ки технологияҳоро якҷоя истифода мебаранд, аммо ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқиро пешбинӣ намекунанд (яъне, дар ин ҷо ягонагии вазифаҳои ташкилӣ ва маъмурӣ вуҷуд надорад). Муносибатҳо дар доираи ассотсиатсия дар асоси шартномаҳои одии шарикӣ, шартномаҳои таъминот, дигар шартномаҳо сохта мешаванд;

2) ассотсиатсияҳо бо ягонагии функсионалӣ ва технологӣ, мақомоти ташкилӣ ва тақсимотӣ (хоҷагиҳои хонаводагӣ). Хоҷагии хонаводагӣ дар моликияти ҳар як иштирокчӣ ҳиссаи муайяни худро дошта, иштирок мекунад.

Ба ташкили ин масъала дар сатҳи хоҷагии хонавода О. Родионова ҳамгироии амудиро шартан ба ассотсиативӣ - «нарм» ва корпоративӣ - «дурушт» тақсим мекунад. Ба шаклҳои нармтарини иттиҳодияҳо - ассотсиатсия, иттифоқҳо, шарикии ғайритиҷоратӣ ва иттифоқи стратегиро марбут медонад. Навъи

«дурушти» равобити ҳамгирой ба комбинатҳо, консернҳо, трестҳо, холдингҳо хос мебошад[21].

Дар доираи ҳамгироии амудии агросаноатӣ блокҳо (ассотсиатсияҳо) нисбатан мустақил фаъолият мекунанд, ба монанди системаи зерин: ангур ва шароб, корхонаҳои истеҳсоли навъҳои саноатии ангур (истеҳсоли шароб аз ангур); консервабарории меваю сабзавот (истеҳсоли мева ва сабзавот, консерваҳо, анборҳо, яхдонҳо); маҳсулоти ширӣ (комплексҳо ва хоҷагиҳои ширӣ, корхонаи ширӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти шир); гӯшт (корхонаҳо барои парвариши чорвои калон, гӯсфандҳо, парандаҳо, корхонаҳои гӯштӣ, яхдонҳо) (расми 1.1.2.).




**Расми 1.2. - Намунаҳои ҳамгироии амудии агросаноатӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамгироии агросаноатии байниҳукуматӣ - омезиши қисми захираҳо ва воситаҳои ҳалли мушкилоти муайян, ба монанди истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии истеҳсолӣ, сохтмон, коркарди ашёи хом ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамчунин, он метавонад дар ду шакл рушд ёбад:

[21] Родионова О.А. Экономические отношения в системе агропромышленной интеграции: дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ О.А. Родионова. – Москва, 2000. - С.12.

1) дар асоси муносибатҳои дарозмуддати истеҳсолӣ ва иқтисодии иштирокчиёне, ки дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар гурӯҳҳо бе ташкили шахси ҳуқуқӣ сохта шудаанд;

2) дар шакли ҳуқуқӣ, ки иштирокчиёни онҳо асосан шахси ҳуқуқӣ мебошанд (шарикӣ ва ширкатҳо). Комплекси агросаноатӣ ҳамгироиро дар шакли сохторҳои дифференсиалӣ (конгломератҳо) фаъолона рушд медиҳад, ки он корхонаю ташкилотҳоеро дар бар мегирад, ки бо фаъолияти истеҳсолӣ ба ҳам алоқаманд нестанд.

Дар шароити муосир ҳамгироии байниҳукуматии агросаноатӣ ба яке аз омилҳои муҳимтарини рафъи бухрони иқтисодӣ ва муътадилсозии вазъи истеҳсолоти агросаноатӣ табдил меёбад. Рушди ин раванд, пеш аз ҳама, ба шароити нави тиҷоратӣ вобаста буда, муносибати гуногунро ба ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусгардонӣ ва гуногунрангсозии он бо таҳвили маҳсулоти тайёр ба бозор талаб менамояд. Ҳамгироии байнисоҳавии агросаноатӣ, бахусус дар бахшҳо, аз ҷумла токпарварӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва истеҳсоли ғалладона ба таври васеъ дар ҳоли рушд қарор дорад.

Равандҳои ҳамгироӣ бештар дар соҳаҳои растанипарварӣ, боғдорӣ ва ангурпарварӣ дар тараққӣ карда, ин масъала аҳаммияти бештарро тақозо менамояд. Таъсис ва рушди шаклҳои ҳамгироӣ дар ин соҳаҳо ба зиёд шудани ҳаҷми ашёи хом дар шакли меваю сабзавот, кам шудани талафоти маҳсулот ҳангоми коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва татбиқи он мусоидат намуда, ба натиҷаҳои беҳтари иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ва иттиҳодияҳои агросаноатӣ оварда мерасонад. Ташаккули муносибатҳои байни зерсохторҳои истеҳсоли меваю сабзавот ба ҳамгироӣ ва ташаккули шаклҳои нави ташкилии идоракунӣ асос ёфтааст.

Дар ин давра ҷиҳати ҷалби мутахассисони соҳибихтисос ба ташаккули ҳамгироии агросаноатӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар ҳамин замина барои татбиқи амалии он як қатор принсипҳои асосии ба ҳамгироии агросаноатӣ асосёфта ва принсипҳои соҳавӣ истифода мешаванд.

Принсипҳои асосӣ, ки ба ҳамгироии агросаноатӣ асос ёфтаанд, инҳоро дар бар мегирад:

- узвияти ихтиёрӣ дар ташаккули ҳамгироӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодии соҳаҳои гуногуни идоракунӣ асос ёфтааст;

- мустақилияти қонунии корхонаю ташкилотҳои соҳаи агросаноатӣ;

- манфиати иқтисодии молистеҳсолкунандагон, ки барои зиёд кардани даромади корхонаю ташкилотҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии кормандони корхонаҳо ва ассотсиатсияҳои муттаҳидшуда равона гардидааст;

- тақсими натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии ташаккули ҳамгироӣ бо назардошти иштироки корхонаю ташкилотҳо;

- хусусияти демократии идоракунӣ бо мунтазам интихоб намудани мақомоти роҳбарикунандаи гурӯҳҳои ҳамгироӣ;

- пешбурди сиёсати фаъоли иҷтимоӣ, тарбия ва таълими аъзои он, ташкили курсҳо, мактабҳо, семинарҳо, машваратҳо;

- ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо дигар гурӯҳҳои ҳамгироии сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ;

- мавҷудияти маълумот дар бораи фаъолияти сохтори агросаноатӣ барои ҳама аъзои ҳамгироӣ.

Фаъолияти тиҷоратии гурӯҳҳои ҳамгироӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

- таҳқиқоти соҳибкорӣ ва маркетинг;

- ташкили истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулот бо назардошти истеъмолкунандагони мушаххас дар сатҳи бозори дохилию байналмилалӣ;

- таблиғи маҳсулоти кишоварзӣ;

- истифодаи шаклҳои гуногуни савдо, танзими нархҳо мувофиқи талабот ба гардиши асосии маҳсулот;

- ба таври васеъ истифода бурдани шартномаҳо оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ҳамчун шакли муносибатҳои мутақобилан судманд ва баробар, тиҷорати байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон;

- ҳавасмандгардонии моддии кормандони гурӯҳҳои ҳамгирошуда вобаста ба даромади корхонаю иттиҳодияҳо.

Дар гуфтаҳои боло фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкил ва идоракунии ҳамгироии соҳаи агросаноатӣ бояд бо танзими давлатӣ ба шартҳои зерин мувофиқ бошад:

- додани қарз;
- пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ;
- муқаррар кардани нархи ҳадди ниҳоии маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ.

Танзими давлатӣ мутобиқи манфиатҳои ҳамгироии агросаноатӣ механизми бозорӣ мебошад. Он ҳам мустақилият ва ҳам озодии амали гурӯҳҳои ҳамгироро пешбинӣ мекунад, ки ин барои фаъолияти самараноки онҳо мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули якпорчагии агросаноатӣ ва асоснокии самти фаъолият ҳаҷми маҳсулоти ниҳоӣ бо шумораи истеҳсолкунандагони он ба ҳамгироӣ гузаронида мешавад. Ҳамзамон, зарурати якчанд воситаи истеҳсолот ва воситаҳои пулӣ, захираҳои меҳнатӣ ҳисоб карда шуда, арзиши нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаю ташкилотҳо муайян карда мешаванд.

Тибқи мавҷудияти захираҳои моддию молиявӣ, шароити бозор ва нархи пешбинишаванда, ҳаҷми истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст.

Тавозуни мавҷудияти нақдина ва муайянкунии пешниҳоди пулҳои озод имкон медиҳад, ки ба хизматрасониҳои алоҳидаи бонкӣ қарори дуруст қабул шавад, яъне андозаи қарзҳои дарозмуддат ва манбаи пӯшонидани онҳо, инчунин, қарзҳои кӯтоҳмуддат муайян гардад. Дар ҳолати номусоид будани вазъи бозор дар ташаккули заминаҳои агросаноатӣ барномаи пешбурди фаъолият бо мақсади пешгирии зиён ислоҳ карда мешавад.

Шарти муҳимми муваффақият дар марҳилаи ибтидоии ҳамгироии агросаноатӣ мубодилаи иттилоот ва омӯзиши кормандони соҳаи кишоварзӣ мебошад. Огоҳии аъзоёни ҳамгироии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи кормандонро зиёд намуда, амалиётҳоро дар фаъолияти корхонаҳо ва созмонҳо ҳавасманд менамояд.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда соҳибкории роҳбарон ва мутахассисон, ташаккули ҳамгироии агросаноатӣ зарур аст. Бинобар ин, бояд марказҳои таълимӣ ташкил карда, барои аъзоёни ҳамгироии агросаноатӣ

мунтазам семинарҳои илмӣ гузаронида шавад, кадрҳои баландихтисос тайёр карда шаванд. Рушди муносибатҳои ҳамгироӣ вазифаи афзалиятноки фаъолияти бахши кишоварзӣ мебошад.

Вобаста ба ташкили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ намудҳои зерини ташаккули комплексӣ ҷудо карда мешаванд:

- ташкилотҳои (комплекси) ҳудудӣ ташкилотҳое мебошанд, ки якчанд соҳа ва корхонаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, ташкилӣ ва техникӣ ба ҳам наздикро муттаҳид мекунанд.

Дар чунин ташкилот идоракунии умумӣ, мутамарказонидани фурӯш ва хидматрасонӣ, маблағгузорӣ сурат мегирад;

- саноатӣ (хӯрокворӣ) - инҳо ташкилотҳое мебошанд, ки бо яке аз хусусиятҳои зерин таъсис дода шудаанд:

1) истеҳсолот ва технология (ассотсиатсияи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, иттифокҳои касаба ва ассотсиатсияҳо);

2) коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ (ҳамгироии корхонаҳои агросаноатӣ ва дигар корхонаҳои дорои як шакли муайяни фаъолият бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ амалкунанда).

Маҷмуи омилҳои ҳамгироии агросаноатиро шартан ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- омилҳои табиӣ бо тавсифи меҳнати кишоварзӣ, мавсимӣ будани он, номутобиқатии давраи истеҳсолот ва давраи корӣ вобастаанд;

- омилҳои иҷтимоӣ зарурати тағйир додани сохтори иҷтимоии кормандони соҳаи кишоварзӣ, коҳиши хурӯҷи ҷавонон аз деҳот, афзоиши даромади кормандони соҳаи кишоварзӣ, беҳтар намудани шароити манзилӣ ва маданиро муайян мекунанд;

- омилҳои иқтисодӣ дар зарурати баланд бардоштани ҳосилнокии иқтисодӣ ва зичии истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнати деҳқонон ва устувории нишондиҳандаҳои иқтисодӣ инъикос меёбанд;

- омилҳои техникӣ ба саноатикунонӣ, таъмини соҳаи кишоварзӣ бо воситаҳои техникӣ (тракторҳо, мошинҳо, муҳаррикҳои баркӣ ва ғайра) вобастаанд;

- омилҳои технологӣ марбут ба татбиқи технологияҳои нави истеҳсол ва коркарди ашёи кишоварзӣ, интиқол, нигаҳдорӣ ва ба истеъмолкунанда расонидани онҳо.

Ҳамчунин, омилҳое, ки рушди ҳамгироии кишоварзиро ҳавасманд мекунанд, инҳоянд:

1) кам кардани шумораи корхонаҳои зиёновар дар комплекси агросаноатӣ;

2) вусъати робитаҳои байни корхонаҳои зербахшҳои озуқаворӣ;

3) татбиқи принсипи мубодилаи фоида ҳангоми пешниҳоди мол аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда;

4) баланд бардоштани самаранокии идоракунии моликият дар ҷамъиятҳои саҳомӣ;

5) такмили механизмҳои идоракунӣ дар ассотсиатсияҳо;

6) такмили заминаи қонунгузории соҳавӣ ва ғайра.

Дар баробари ин, омилҳое, ки рушди ҳамгироии агросаноатиро бозмедоранд, инҳоро дар бар мегирад:

1) мавҷудияти уҳдадориҳои қарзӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои кишоварзӣ;

2) сатҳи пасти ҷалби сармоягузорӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ;

3) фарсуда шудани заминаи техникӣ ва таҷҳизоти моддию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ;

4) сатҳи пасти таҷҳизоти техникӣ ва технологии корхонаҳои коркард;

5) шаклҳои гуногуни ҳуқуқии иштирокчиёни иттиҳодияҳо, ки барои муттаҳид намудани онҳо ба шакли ягонаи ҳуқуқӣ маблағҳои иловагӣ талаб мекунад;

6) маҳдудиятҳои қонунии иштироки бонкҳо ба фаъолияти холдингҳо ва гурӯҳҳои молиявию саноатӣ.

Дар шароити муосир сабабҳои рушди ҳамгироии агросаноатӣ инҳоянд:

- сарфаи миқёси истеҳсолот - равандҳои техникӣ ва технологӣ, ки дар натиҷаи мутамарказонидани истеҳсолот, истифодаи оқилонаи замин, захираҳои моддию техникӣ ва меҳнатӣ ба даст оварда мешаванд;

- пасандоз аз рӯйи микёси фаъолият - пасандозҳо аз гуногунии маҳсулот ва бозорҳо тавассути коҳиш додани хароҷот ҳангоми диверсификатсияи истеҳсолот;

- пасандоз аз рӯйи хароҷоти амалиётӣ, яъне хароҷоте, ки на бо истеҳсол, балки бо мубодила алоқаманданд, инҳоро дар бар мегирад:

1) ҷустуҷӯи маълумот оид ба нархҳо, ҷонибҳо;

2) гуфтушунид ва бастани аҳднома;

3) таҳияи стандартҳо, назорати сифат ва ғайра.

Вобаста ба таҳқиқу бардошти масъалаҳои гузошташуда дар самти татбиқи ҳадафҳои рушди ҳамгироии агросаноатӣ хулосаҳои зеринро метавон ба даст овард:

• Агар ҳамгироии уфуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз масъалаи махсус бошад, пас ҳамгироии амудӣ аз камтарин ду марҳилаи пайдарпай иборат аст: истеҳсол ва коркард. Ҳамгироии амудӣ гузариши маҳсулоти кишоварзиро ба як занҷири ягонаи технологӣ аз як марҳилаи истеҳсолӣ ба марҳилаи дигар таъмин менамояд ва ба баланд шудани рақобатпазирӣ, сифат ва самаранокии маҳсулот мусоидат менамояд.

• Ҳамгироии амудӣ боиси ба вуҷуд омадани пайвандҳои нави соҳавӣ мегардад, ки он ба таври табиӣ корхонаҳои коркард ва савдоро дар худ муттаҳид менамояд. Ба туфайли ин, ягонагии равандҳои ташкилию истеҳсолӣ ба даст омада, дар заминаи технологияҳои навтарин барои саноатикунонӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки ақибмонии техникии соҳаи кишоварзӣ дар шароити нарасидани захираҳои пулӣ бартараф карда шуда, фаъолият дар қатори «истеҳсолот - коркард - фурӯш» ҳамоҳанг карда шавад.

Инкишофи ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ дорои сохторҳои гуногуни ташкилию иқтисодӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар байни олимон оид ба самтҳои мукаммалгардонии ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ ҳамфикрӣ ва фарқият дида намешавад.

Мувофиқи ақидаи баъзе олимон, ба монанди О.Ю. Антсиферов, А.Ю. Аҷиева, Д.С. Бобилева, Л.И. Борисова, Х.А. Волкова, Л.Г. Гордеева, Ч.Б. Котеева, М.Г. Лешева, В.З. Мазлоева, Н.И. Оксанич, А.А. Приходко, М.Л. Ушвитский, В.Д.

Хлопова, И.П. Чаляпина, В.В. Чуканов, Ч.Б. Шляхтин, самти мукаммали эҷоди сохторҳои ҳамгироии амудӣ дар шакли холдинг мебошад.

Олимони дигар - М.М. Ишмуратов, М.Г. Озерова, А.Б. Ткач, Ю.А. Романова чунин мешуморанд, ки шаклҳои умумии кооперативии корхонаҳо бартарӣ доранд.

Ба гуфтаи олимон Г.Ф. Балакина, Э.А. Батишева, Г.П. Белякова, А.А. Васченко, Г.А. Власкина, Т.С. Кузмина, Н.В. Карамнова, Э.Б. Ленчук, Э.А. Мамаш, И.А. Сергеева, О.А. Фролова, А.С. Хухрина, И.М. Шабунина ва дигарон, дар шароити муосир сохтори муассиртарини ҳамгироӣ кластер мебошад. Мо ҷонибдори андешаи А.Н. Семина ва Н.В. Малтсев мебошем, ки чунин қайд намудаанд, дар ояндаи наздик шаклҳои муттаҳидаи навъи амудӣ-уфуқӣ бояд таҳия карда шаванд[22].

## Хулосаи зербоб

Дар ҷараёни таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои ҳамгироӣ ва равандҳои ба ин баробар маълум гардид, ки тамоми пажуҳишҳои анҷомгардида, ин пеш аз ҳама, мушаххас намудани зарурати масъала дар сатҳи таъмини рушди иқтисодиёт вобаста ба равишҳои минтақавӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳамаи самтҳои номбаршудаи рушди ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ манфиати назариявӣ ва амалӣ доранд. Ҳар яке аз самтҳо бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, шароити истеҳсолот, тахассус, шароити таббӣ ва иқлимӣ, шаклҳои таърихии таъсисёфтаи ташкилию ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, афзалиятҳои мақомоти минтақавӣ дар дастгирии шаклҳои алоҳидаи ташкили ҳамгироии агросаноатӣ таҳия карда мешаванд.

Шаклҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ бо тарзи мутақобила якдигарро мукаммал мекунанд ва барои амалисозии фаъолияти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меоранд ва бо ин роҳ самтҳои рушди тамоми комплекси агросаноатиро муайян намуда, асосҳо ва равандҳои методологии ҳамгироии агросаноатиро мукаммал менамоянд.

---

[22] Семин, А.Н. Концепция управления интеграционными процессами в аграрных и агропромышленных формированиях: особенности разработки и механизм реализации / А.Н. Семин, Н.В. Мальцев // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2010. - № 10. - С.68.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо, дар шароити муосир сабабҳои рушди ҳамгироии агросаноатӣ инҳоянд:

- сарфаи миқёси истеҳсолот - равандҳои техникӣ ва технологӣ, ки дар натиҷаи мутамарказонидани истеҳсолот, истифодаи оқилонаи замин, захираҳои моддию техникӣ ва меҳнатӣ ба даст оварда мешаванд;

- пасандоз аз рӯйи миқёси фаъолият - пасандозҳо аз гуногунии маҳсулот ва бозорҳо тавассути коҳиш додани хароҷот ҳангоми диверсификатсияи истеҳсолот;

- пасандоз аз рӯйи хароҷоти амалиётӣ, яъне хароҷоте, ки на бо истеҳсол, балки бо мубодила алоқаманданд, инҳоро дар бар мегирад:

1) ҷустуҷӯи маълумот оид ба нархҳо, ҷонибҳо;

2) гуфтушунид ва бастани аҳднома;

3) таҳияи стандартҳо, назорати сифат ва ғайра.

## 1.2. Ташаккули асосҳои методологии равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ

Ҳамгироӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ дар ҳар як кишвар бо назардошти хусусиятҳои ҳатмии рушди иҷтимоию иқтисодии он ва бо гуногунии шартҳои табиию ҷуғрофӣ, демографӣ, таърихӣ ва анъанавӣ, арзишҳои миллии халқҳои маскуни он сохта ва таҳия карда мешаванд. Фарқият ва хусусиятҳои хоси дохилии минтақаҳои алоҳида, хусусиятҳои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ба назар гирифтан зарур аст, зеро кишоварзӣ ҳамчун яке аз низомҳои муҳимми истеҳсолии комплекси агросаноатӣ аз дигар соҳаҳо фарқ мекунад, ки бо давраҳои мавсимии эъломшудаи истеҳсолот, вобастагии қавӣ аз омилҳои табиӣ, паҳншавии зиёди минтақаҳои сераҳолӣ ва норасоии кадрҳо, махсусан кадрҳои соҳибтахассус тавсиф карда мешавад. Аз ин рӯ, дар чунин шароит дар усул ва равишҳои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, хусусан дар соҳаи агробизнеси минтақавӣ, ки дар заминаи таҷрибаи идоракунии анъанавии табиат бо принсипҳои оқилонаи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ ташаккул ёфтааст, ягонагӣ вуҷуд надорад.

Дар сатҳи илмӣ аз рӯйи назария ва амалия эътироф шудааст, ки ҳадафҳои стратегии таъмини озуқаворӣ дар ҳамбастагии рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, мошинсозии деҳот, хизматрасонӣ ва дигар шаклҳои фаъолият дар рушди

равандҳои ҳамгироӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши рушди равандҳои ҳамгироӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ муҳим буда, онро бояд дар ҷанбаи минтақавии ин ё он кишвар ҳамаҷониба омӯхт. Ин ҷанбаи омӯзиш имкон медиҳад, ки бо назардошти хусусиятҳои мавҷудаи миллӣ ва минтақавӣ гуногунии шароити иқтисодӣ, саноатӣ, илмӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ дар давраҳои гуногуни рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои ояндадори ҳамгироии агросаноатӣ пешбинӣ карда шаванд.

Гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ, соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ ва қатъ гардидани робитаҳои иқтисодию хоҷагидорӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонид. Робита миёни соҳаҳои кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ вайрон гардида, дараҷаи иштироки сохторҳои давлатӣ дар таъмини он бо захираҳои моддию техникӣ, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра тағйир ёфт. Вобаста ба ин, зарурати рафъи мушкилоте ба вуҷуд омад, ки бо ташаккули робитаҳои нави истеҳсолӣ ва иқтисодӣ дар низоми кишоварзӣ ба рушди муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ, ки ба моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот, гуногунии шаклҳои идоракунӣ ва корхонаи озод асос ёфтаанд, такони тоза мебахшанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи бархе аз минтақаҳо, ба монанди Федератсияи Россия тасдиқ мекунанд, ки яке аз роҳҳои раҳоӣ аз бухрони аграрӣ ва муътадилсозии вазъи иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ муттаҳид сохтани онҳо дар заминаи муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ мебошад. Бартарии муносибатҳои ҳамкорию ҳамгироӣ дар он аст, ки дастовардҳои пешрафтаи илмӣ ва техникии имконпазир захираҳои молиявии зиёдро талаб мекунанд. Ҳавасмандгардонии рушди муносибатҳои ҳамкорӣ - ҳамгироӣ ба даст овардани фоида аз фаъолияти муштарак барои субъектҳои ширкаткунанда мебошад.

Чӣ тавре ки И. Ушачев қайд менамояд, “... ҳамҷоякунии корхонаҳо дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ дар шакли сохтори ҳамгироӣ барои муттаҳидсозии оқилонаи қувваҳои истеҳсолӣ табиист, ки барои воситаҳои истеҳсолкунандагон шароит

фароҳам оварда, ба афзоиши қобилияти потенсиали низоми нави истеҳсолӣ оварда мерасонад»[23].

Дар шароити доимотағйирёбандаи ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодии дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бамиёномада, ба назари мо, иттиҳодияҳои кооперативии ҳамгирой роҳи ягонаи самарабахш дар ба даст овардани фоидаи ҳадди аксари бахшҳои соҳаи кишоварзӣ, алалхусус барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Новобаста аз муҳиммияти ин масъала, он ҳамчун таъминкунандаи ашёи хом дар сатҳи корхонаҳо махсуб меёфт, талафоти калон дид. Ҳамзамон, корхонаҳои коркард аз ҳисоби ашёи арзони аз ин соҳа бадастоварда фоидаи худро афзоиш медоданд. Ин ба он оварда расонид, ки то як андоза истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз саноат дур монд.

Воқеан, дар шароити доимотағйирёбандаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои кишоварзӣ ба дасти фурӯшандагон ва пас аз чанд даст ба истеъмолкунанда мерасад, ки ин ба арзиши номиналии маҳсулоти истеҳсолшуда таъсири манфӣ расонида, арзишро ба тадриҷ баланд мегардонад. Чӣ қадаре ки миёнарав миёни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда зиёд бошад, маҳсулот ҳамон қадар қимат мешавад. Вазифаи муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирой маҳз дар он зоҳир мегардад, ки шумораи миёнаравон дар сикли ба дасти истеъмолкунанда расонидани маҳсулот аниқ коҳиш дода шавад. Ҳамин тавр, аз ҳисоби сарфаи миқёс ва коҳиши хароҷот самаранокии иқтисодии фаъолияти иштирокчиёни воҳидҳои муттаҳидшуда баланд мешавад.

Ҳамгироии агросаноатӣ аз низомҳои пешинаи алоқа дар соҳаи кишоварзӣ ва саноати коркард фарқ мекунад, зеро ин пайвандҳо аз пайванди миёнаравӣ дар занҷираи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ - коркарди саноатии он озоданд[24].

Дар асоси амиқсозии ҳамкориҳои муштарак ва ҳамгирой афзоиши фурӯши маҳсулот барои коркарди минбаъда бо нархҳои беҳтар имконпазир аст. Ҳамзамон,

---

[23] Ушачев, И. Интеграционные процессы в АПК: плюсы и минусы [Текст]/ И. Ушачев //АПК: экономика, управление. – М., 2006. – № 9. – С. 9.
[24] Ушачев, И. Интеграционные отношения в агропромышленном производстве России [Текст]/ И. Ушачев //АПК: экономика, управление. – М., 2003. – № 8. – – С.12-16.

корхонаҳои коркард метавонанд аз ҳисоби сарфи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ, дар баробари рушди минтақа тавассути ашёи хоми худ, на аз ҳисоби ашёи арзон фоидаро зиёд кунанд. Дар акси ҳол, рушди нокифояи заминаи ашёи хом, тавре ки А.С. Негру-Водэ қайд намудааст, тадриҷан рушди саноати коркардро паст мекунад, ки ин дар навбати худ, имкони афзоиши фоидаро маҳдуд месозад[25].

Вобаста ба нишондиҳандаҳо дар соҳаи фаъолият қатъи робитаҳои хоҷагидорию иқтисодӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ миёни заминдорӣ ва саноат боиси ташаккули муносибатҳои ҳамгироии шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ гардид.

Таҷрибаи кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда собит месозад, ки яке аз роҳҳои асосии баромадан аз бухрони аграрию иқтисодӣ ва муътадил гардонидани вазъи иқтисодии агросаноатӣ тақвияти робитаи иқтисодии кишоварзӣ бо соҳаҳои ҳамсон дар асоси муносибатҳои кооперативӣ-ҳамгироӣ мебошад. Ҳамзамон, бояд ба соҳаи кишоварзӣ, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ мавқеи калидӣ дорад, эътибори зарурӣ дода шавад. Зинаи маркази муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии корхонаҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликият бояд бошад, зеро рушди минбаъдаи устувори дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ аз фаъолияти пурсамари корхонаҳои кишоварзӣ вобаста аст. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои заминӣ, обӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти пурсамари корхонаҳои коркард барои нигоҳдорӣ ва ба истеъмолкунанда расондани маҳсулоти ниҳоӣ мусоидат мекунанд.

Барои ба муносибатҳои ҳамгироӣ ворид гардидан ҳам корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам корхонаҳои коркард хатарҳои истеҳсолии худро бояд коҳиш диҳанд. Ҳамзамон, корхонаҳои кишоварзӣ таъсири шароити иқлимиро ба натиҷаҳои молиявии фаъолият дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ кам кунанд. Корхонаҳои коркардкунанда худро бо пойгоҳи устувори ашёи хом таъмин мекунанд. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ муносибатҳои иштирокчиёни иттиҳодияҳои

[25] Негру-Водэ А.С. Межхозяйственная кооперация: опыт и проблемы[Текст]/ А.С. Негру-Водэ. - М.: Колос, 1975. - С.352.

ташаккулёфта бо истифодаи усулҳои идоракунии демократӣ ва коллективӣ, ки мустақилияти хоҷагидорӣ ва иқтисодии сохторҳои ҳамгироиро афзоиш медиҳанд, бояд «аз сатҳи поён ба боло» сохта шаванд.

Вобаста ба ин, андешаи Е.А. Яковлева мавҷуд аст, ки гуфтааст, «дар иқтисоди бозаргонӣ сохторҳои ҳамгирошудаи кишоварзӣ ба манфиатҳои инфиродӣ ва худхоҳона бартарӣ додаанд, аммо ҳамзамон барои ҳамкорӣ, аз ҷумла бо мақсади баланд бардоштани манфиатҳои амалии муштарак ва таъсири синергия ҳавасмандӣ низ вуҷуд дорад. Маҳз ба даст овардани самараи синергетикӣ дар шароити равандҳои пуршиддати парокандагӣ омили муттаҳидшавӣ байни шохаҳои аз ҷиҳати технологӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд»[26].

Ҳамин тавр, муносибатҳои кооператсионӣ - ҳамгироӣ бо дарназардошти гуногунии моликият ва идоракунии бахши кишоварзӣ дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ имконияти воқеиро доранд.

Назария ва методологияи муносибатҳои ҳамгироиро омӯхта, олимони рус гуногунии намудҳо ва шаклҳои татбиқи онҳоро пешниҳод кардаанд. Аз рӯйи намудҳо ва равандҳои ҳамгироӣ одатан: намудҳои уфуқӣ, амудӣ ва уфуқӣ-амудӣ (омехта), аз рӯйи намудҳо ва равандҳои ҳамгироӣ: мустақиман, баръакс ва омехта, аз рӯйи шаклҳо ва равандҳои ҳамгироӣ: тасодуфӣ, қисмӣ ва мукаммалро ҷудо кардан мумкин аст.

Дар миёни олимон нуқтаҳои назари гуногун оид ба таърифу тавсифи ҳамгироии мустақим ва баръакс мавҷуданд. Баъзе олимон ҳамгироии мустақимро чунин меҳисобанд, ки дар он намояндагони шохаи сеюми комплекси агросаноатӣ сохторҳои ҳамгирошударо инъикос менамоянд. Вақте ки корхонаи кишоварзӣ ҳамчун сохтори ҳамгирошуда баромад мекунад, ҳамгироии баръакс номида мешавад.

Як қатор муаллифон ба ҳамгироии мустақим онеро марбут медонанд, ки дар он вазифаҳои асосии ташкилию идоракуниро корхонаҳое иҷро мекунанд, ки барои кишоварзӣ воситаҳои истеҳсолотро истеҳсол намуда ё таъминоти моддию

[26] Яковлева, Е.А. Кооперация и интеграция в АПК региона. Теория и практика / Е. А. Яковлева. – Воронеж: ВГУ, 2004. – С. 59.

техникиро ба роҳ монда, ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ хизмат мерасонанд. Ҳамгироии баръакс ҳамчун яке аз сохторҳои ҳамгирошудаи асосии корхонаҳо ҳисобида мешавад, ки фаъолияти соҳаи кишоварзиро назорат ва ҳамоҳанг месозад. Инҳо метавонанд корхонаҳои коркард ва таъминот, инчунин, ширкатҳои тиҷоратӣ бошанд.

Таҳлили назария ва методологияи муносибатҳои ҳамгироӣ дар таҳқиқоти мо имкон медиҳад, ки якчанд намуд ва шаклҳои татбиқи ҳамгироиро ҷудо кунем, аз ҷумла ҳамгироии мустақим, ҳангоме ки корхонаи кишоварзӣ ҳамчун сохтори ҳамгирошуда баромад менамояд ва ҳамгироии баръаксро ба соҳаҳои якум (соҳаҳое, ки воситаҳои истеҳсолоти кишоварзиро таъмин мекунанд) ва соҳаи сеюм (соҳаҳое, ки ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти кишоварзӣ: ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш) бахшҳои кишоварзӣ дар якҷоягӣ ба уҳда дошта, нақши сохтори ҳамгирошударо корхона ё ташкилоти саноатӣ ё иқтисодии як кишвар ё кишвари хориҷӣ бар дӯш мегирад.

Бояд қайд кард, ки шаклҳои мухталифи равандҳои ҳамгироӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, асосан дар шакли тасодуфӣ ва қисман рушд мекунанд. Аммо ин шакли пурраи равандҳои ҳамгироӣ дар кишвар ба таври кофӣ рушд наёфтааст, зеро дар аксар иттиҳодияҳои мураккаб ҳамгирошуда кишварҳои ширкаткунанда мустақилияти иқтисодӣ ва баъзан ҳатто мустақилияти ҳуқуқиро аз даст медиҳанд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки мустақилияти хоҷагидорию иқтисодӣ ба даст овардаанд, гумон аст, ки ба ин розӣ шаванд, зеро зарурати рушди ҳаматарафаи онҳо аз ин масъала вобаста мебошад.

Аммо, зарурати муносибгардонии муносибатҳо миёни ҳамаи бахшҳои КАС бо мақсади кам кардани талафоти захираҳо ва маҳсулоти тайёр, амиқии ҳамкориҳоро дар ташаккули сохторҳои мураккаби ҳамгироӣ муайян менамояд. Ҳамзамон, бояд рушди марҳилавӣ имкони намоиш додани комёбиҳо бошад, ки дар натиҷаи ин гуна якҷояшавӣ (ба ном «самари намоишӣ») ба назар гирифта шавад.

Бояд ба як нуқтаи дигар низ диққат диҳем: дар шароити рушди шакли пурраи ҳамгироӣ, дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун сохтори ҳамгирошуда корхонаи саноатӣ баромад мекунад, ки бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд набуда,

мустақилияти ҳуқуқӣ ва хоҷагидории субъектҳои иқтисодиро маҳдуд месозад. Дар айни замон эҳтиёҷот ва зарурати корхонаҳои кишоварзӣ ба назар гирифта намешавад, аммо диққати бештар ба бозгашти сармоягузориҳо дода мешавад, ки дар ниҳояти кор ба паст шудани нишондиҳандаҳои хоҷагиҳои инфиродӣ ва дар маҷмуъ, тамоми иттиҳодияҳо оварда мерасонад.

На ҳама шаклҳои ҳамгироӣ метавонанд ба таври баробар арзёбӣ карда шаванд. Тавре ки академик И.Ф. Хитсков қайд мекунад: «... дар иттиҳодияҳое, ки корхонаҳои кишоварзӣ мустақилияти иқтисодӣ ва ҳуқуқии худро аз даст медиҳанд, сохторҳои ҳамгирошуда на ҳамеша рушди самарабахши фаъолияти худро таъмин мекунанд, зеро онҳо захираҳои истеҳсолоти кишоварзиро ба манфиати худ истифода намуда, фурӯши чорво ва заминро ба роҳ монда, инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва ғайраро вайрон месозанд. Аз ин рӯ, чунин низомҳои ҳамгироиро афзалият шуморидан нашояд»[27].

Масалан, таҷрибаи сохторҳои ҳамгирошуда дар баъзе минтақаҳои Федератсияи Россия ба таври қатъӣ собит месозад, ки дар чунин сохторҳои ташкилию иқтисодӣ, ки корхонаҳои кишоварзӣ мустақилияти қонунии худро аз даст додаанд, вазъи истеҳсолию иқтисодӣ ва молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ба таври назаррас тағйир ёфтаанд. Сохторҳои нави ҳамгирошаванда барои фурӯши маҳсулот бо нархҳои мусоид барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, хариди воситаҳои моддию техникӣ, таъмини тухмиҳои хушсифати пешрафта, нуриҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ва ғайра шароит фароҳам оварданд.

Ба андешаи мо, дар оянда бо назардошти рушди устувори шаклҳои тасодуфӣ ва хусусии равандҳои ҳамгироӣ ҳангоми таҳияи тавсияҳо оид ба асоснок кардани методология, шакли пурраи равандҳои ҳамгироӣ дар амал васеъ истифода мешаванд ва бо дарназардошти ҳама меъёрҳои ташкиливу ҳуқуқӣ бояд самараи муайяни иқтисодӣ оранд.

---

[27] Хицков, И.Ф. Кооперация, управление, организация в сельском хозяйстве: теория и практика. Монография [Текст]/ И.Ф.Хицков. – Воронеж: Изд-во ВГУ, 1991. – С.168.

Новобаста аз шароити иқлимию табиӣ ва принсипҳои мухталиф, кооператсия ва ҳамгироӣ бо он муттаҳид мешаванд, ки онҳо танҳо ҳангоми ҳамкории одамон имконпазиранд. «Таъсири ҳамкорӣ метавонад тавассути ҳам ҳамгироӣ ва ҳам ҳамкорӣ ба даст оварда шавад»[28].

Таҷриба нишон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоию иқтисодии кооператсия ва ҳамгироӣ дар лаҳзаҳои муайян шабеҳ буда, ҳамон як равандро ифода намуда, дар ҷараёни истеҳсолот якдигарро пурра мекунанд. Аз ин рӯ, мо бо ақидаи В.В. Горлова розӣ шуда метавонем, ки гуфтааст, «Кооператсия ва ҳамгироӣ аз рӯйи моҳияти худ бо якдигар наздик мебошанд. Дар ҳолати якум – ҳамкории истеҳсолот ва корхона дар доираи як соҳа, дуюм – ҳамкории истеҳсолот ва корхонаҳои соҳаҳои гуногуни дар истеҳсоли як маҳсулоти ниҳоӣ ширкаткунанда мебошад»[29].

Чунин нуқтаи назарро дар асарҳои олимони барҷастаи Федератсияи Россия, аз қабили И.Н. Буздалов, Э.Н. Крилатих, А.А. Никонов, В.Р. Боев, А.В. Петриков ва дигарон вохӯрдан мумкин аст: «... шаклҳои имконпазири ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолоти кишоварзӣ аз рӯйи моҳияти иҷтимоию иқтисодии худ фарқ мекунанд, аммо дар амал онҳо то ҳадде ҳамдигарро пурра мекунанд»[30]. Аз ин рӯ, кооператсия ва ҳамгироӣ дар соҳаи агросаноатӣ бояд кулли соҳаҳои фаъолиятро фаро гирад: истеҳсолот- коркард- фурӯш- таъминот ва ғайра, инчунин, кооператсия ва ҳамгироӣ дар тамоми давраҳои раванди истеҳсолӣ бояд якдигарро пурра намоянд.

Воридшавии ихтиёрӣ ба ҳамкорӣ ва ҳавасмандии моддӣ бо усулҳои коллективии истеҳсолот ва ташаккули истеҳсолоти ҳамгироӣ барои ҳама шаклҳои кооператсия ва ҳамгироӣ яксон мебошад.

---

[28]Турьянский, А.В. Опыт и тенденции развития сельскохозяйственной кооперации и агропромышленной интеграции на современном этапе [Текст]/А.В. Турьянский // Международный сельскохозяйственный журнал. - М., 2004. - №3. - С.33-38.

[29] Горлов В.В. и др. Теоретические аспекты кооперации и интеграции в свеклосахарном производстве [Текст]/В.В. Горлов и др. // Экономика АПК Центрального Черноземья: состояние, тенденции, механизм развития: сборник научных трудов ГНУ НИИЭО АПК ЦЧР РФ. – Воронеж. - 2003.– С.87.

[30] Аграрные отношения: теория, историческая практика, перспективы развития [Текст]/ И.Н. Буздалов, Э.Н. Крылатых, А.А. Никонов и др. – М.: Наука, 1993. – С.229.

Дар амал муносибатҳои кооператсионӣ аз содатарин шаклҳо дар сатҳи корхонаҳои кишоварзӣ то шаклҳои омехтаи ҳамгироии агросаноатӣ, ба монанди холдингҳо, гурӯҳҳои молиявӣ ва агросаноатӣ, ширкатҳои кишоварзӣ ва ғайраро вомехӯранд.

Коршиносон бар он ақидаанд, ки яке аз роҳҳои таъмини иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркард бо ашёи хом ва назорат аз рӯйи ҷараёни ашёи хом ин таъсиси иттиҳодияҳо дар шакли холдинги агросаноатӣ мебошад. Таҷрибаи баъзе минтақаҳои Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки сохтори ҳамгирошуда тавассути ширкатҳо асосан корхонаҳои ғайрикишоварзӣ мебошанд, дар чунин иттиҳодияҳо идоракунии моликият ва истеҳсолот нисбатан мушкил ҳисобида мешавад. Инчунин, дар иттиҳодияҳои ҳамгироии намуди холдингӣ бо мақсади назорат ва идоракунӣ аз рӯйи фаъолияти хоҷагиҳо ва корхонаҳои ба ин сохтор дохилшаванда ширкатҳои холдингӣ саҳмияҳои назоратии ин корхонаҳоро доро мебошанд. Ҳангоми ташкили ширкати холдингӣ, асосан, иштирокчиён мустақилияти иқтисодиро аз даст дода, дар баробари ин, мустақилияти ҳуқуқиро нигоҳ медоранд.

Иртибот бо намуди иттиҳодияҳои холдингии агросаноатӣ ба муносибатҳои шартномавӣ ва амволӣ асос ёфтааст, ки дар он ширкати асосӣ (аслӣ) идоракунии фаъолияти ташкилотҳои фаръиро бар дӯш мегирад.

Ширкатҳои холдингӣ метавонанд дар 3 шакл фаъолият намоянд:

- холдинги тоза ё амволие, ки вазифаҳои молиявӣ-сармоягузорӣ ва молиявӣ-назоратиро иҷро мекунад;

- холдинги роҳбарикунанда ё шартномавӣ, ки идоракунии истеҳсолӣ-технологӣ ва роҳбарии иқтисодии бахшҳоро амалӣ месозад;

- холдинги омехта, ки ба ғайр аз иҷрои вазифаҳои дар боло номбаршуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ, молиявӣ-қарзӣ, саноатӣ, тиҷоратӣ, нақлиётӣ ва ғайра машғул мебошад[31].

[31] Хицков, И.Ф. Интеграционные связи в агропромышленном производстве [Текст]/ И.Ф. Хицков // АПК: экономика, управление. – М., 2003. – № 9. – С. 9-17.

Муносибатҳои иштирокчиёни ширкатҳои холдингии кишоварзиро академик И.Г. Ушачев чунин таснифот кардааст:

а) намуди амволӣ, дар чунин ҳолат субъектҳои холдингӣ мустақилияти иқтисодӣ ва ҳуқуқии худро аз даст медиҳанд;

б) намуди шартномавӣ, дар чунин ҳолат субъектҳои холдингӣ мустақилияти хоҷагидориро нигоҳ медоранд;

в) намуди воҳид, вақте ки субъектҳо мустақилияти хоҷагидориро нигоҳ дошта, аммо мақоми шахси ҳуқуқии онҳо тағйир меёбад;

г) намуди омехта (маҷмуи муносибатҳои амвол ва шартномавӣ)-ро дар бар мегирад[32].

Хусусияти фарққунанда ва асосии холдинг аз дигар иттиҳодияҳои агросаноатӣ мавҷуд будани ширкати асосӣ мебошад, ки стратегияи умумии рушди ширкатҳои фаръиро назорат менамояд ва дар сохтори холдингӣ бастаи назоратии саҳмияҳо ба ширкати асосӣ тааллуқ дорад.

Азбаски ширкати холдингӣ шакли пешрафтаи ташкилию ҳуқуқии истеҳсолот ба ҳисоб меравад, он дорои афзалиятҳои муҳим дар сатҳи иқтисодӣ мебошад, аз ҷумла:

- сатҳи даромаднокии ҳамаи иштирокчиёнро таъмин намуда, баробарии қобилияти муносибатҳои иқтисодиро нигоҳ медорад;

- рушди сармоягузориро аз ҳисоби мутамарказонидани воситаҳои молиявӣ таъмин менамояд;

- ба истифодаи нисбатан босуръати миқёси самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад;

- аз ҳисоби ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии иштирокчиён дар давраи истеҳсолӣ самаранокии истифодаи иқтидори захиравии КАС меафзояд.

Корхонаю ташкилотҳои аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ бо ҳам алоқаманд ҷиҳати муттаҳид шудани сармоя, гурӯҳҳои молиявӣ-агросаноатӣ ба ҳисоб меравaнд. Онҳо ҳамчун воҳидҳои мураккабтарин дар комплекси агросаноатӣ

---

[32] Ушачев, И. Интеграционные отношения в агропромышленном производстве России [Текст]/ И. Ушачев //АПК: экономика, управление. – М., 2003. – № 8.– С.12-16.

ҳисобида мешаванд. Аммо, бартарии гурӯҳҳои молиявӣ-агросаноатӣ нисбат ба дигар иттиҳодияҳои агросаноатӣ дар он аст, ки, аввалан, ташкилотҳое, ки ба гурӯҳҳои молиявӣ-агросаноатӣ дохил мешаванд, мустақилияти ҳуқуқӣ ва саноатӣ-иқтисодӣ ва ташкилию ҳуқуқиро нигоҳ дошта, дуюм, яке аз аъзоёни гурӯҳ бояд ҳатман ташкилоти бонкӣ ё қарзӣ бошад, ки ба татбиқи лоиҳаҳои банақшагирифташудаи сармоягузорӣ ва барномаҳои истеҳсолии гурӯҳҳои молиявӣ-агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Зарурати таъсиси гурӯҳҳои молиявӣ-агросаноатӣ аз камчинии захираҳои молиявӣ, набудани техникаи нисбатан муассир, таҷҳизот, технологияҳои муосир, коркарди нокифояи маҳсулоти зироатӣ ва гӯштӣ ва сифати пасти онҳо, мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзнок ва дастраси бонкҳои тиҷоратӣ ва набудани маблағгузории давлатӣ, кам будани рақобати шадиди бозорӣ, шумораи зиёди миёнаравон дар сикли истеҳсолии маҳсулот (истеҳсолкунанда-истеъмолкунанда) бармеояд.

Гурӯҳи молиявӣ-агросаноатӣ ба муттаҳидсозии сармояи молиявӣ, кишоварзӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ, инчунин, кам кардани хароҷот аз истеҳсол то фурӯши маҳсулот, кам шудани робитаҳои миёнаравӣ ҳангоми фурӯши молҳо, татбиқи шароитҳои баробари иқтисодӣ барои иштирокчиён тавассути механизми мутавозини тақсимоти даромад ва ғайра мусоидат мекунад.

Азбаски дар вазъияти бамиёномада вазифаи асосӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ ба ҳисоб меравад, он гоҳ иштирок дар гурӯҳи молиявӣ-агросаноатӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ то андозае дар таъминоти воситаҳои моддию техникӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва ғайра мушкилотро бартараф намудан имкон медиҳад. Аз ин рӯ, корхонаҳои кишоварзии ба гурӯҳи молиявӣ-агросаноатӣ воридшаванда метавонанд рушди иқтисодиро барои худ таъмин намоянд.

Дигар намуди иттиҳодияҳои агросаноатӣ, ки дар онҳо иштирокчиён мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии худро аз даст дода, ҳамчун воҳидҳои сохтории онҳо баромад мекунанд, ширкатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравand. Ширкатҳои кишоварзӣ асосан аз ҷониби корхонаҳои агросаноатӣ ба таври ихтиёрӣ таъсис

дода мешаванд. Корхонаю ташкилотҳои ба ширкатҳои кишоварзӣ шомилшуда мақоми шахси ҳуқуқӣ ва мустақилияти иқтисодиро аз даст дода (ба ҷойи онҳо сохтори нави ҳуқуқӣ ба қайд гирифта мешаванд), ҳамчун воҳидҳои сохтории онҳо амал мекунанд. Таҷрибаи бисёр иттиҳодияҳои ҳамгирошавандаи навъи ширкати кишоварзӣ нишон медиҳад, ки муассисони ширкатҳои кишоварзӣ метавонанд ҳамчун мақомоти минтақавӣ ва вилоятии идоракунии соҳаҳои агросаноатӣ баромад намоянд.

Бартарии ширкатҳои кишоварзӣ ва пайдоиши ҳавасмандӣ дар дастгирии онҳо ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ бо пуррагӣ ва маҳдудияти раванди истеҳсолӣ дар давраи ягонаи хоҷагидорӣ бо такрори минбаъдаи он муайян карда мешавад.

Чӣ тавре ки К.С. Тернов ва дигарон таҷрибаи равандҳои ҳамгироиро дар минтақа омӯхтаанд, бартариҳои зерини низоми ҳамгироиро дар доираи як шахси ҳуқуқӣ (ширкати кишоварзӣ) чунин қайд мекунанд:

- мутамарказонидани идоракунии соҳаҳои ҳамҳудуд;

- тамаркузи тамоми намудҳои захираю имкониятҳо ва қобилияти идора кардани онҳо;

- мутамарказонидани захираҳои молиявӣ ва мутаносибгардонии ҷараёни пулӣ;

- ташкили маркази ягонаи молиявию ҳисоббаробаркунӣ;

- ҷорӣ кардани низоми самараноки баҳисобгирӣ ва назорат;

- барҳам додан ё ба таври назаррас коҳиш додани амалиётҳои молиявии пинҳонӣ[33].

Ширкатҳои кишоварзӣ асосан бо мақсади роҳ надодан ба фишори нарх аз ҷониби миёнаравони зиёди тиҷоратӣ ва корхонаҳои коркард таъсис дода мешаванд.

## Хулосаи зербоб

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули асосҳои методологии равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ ин як роҳи зарурии расидан ба ҳадафҳои таъмини ғизоии кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз,

[33] Терновых, К.С. и др. Развитие интеграционных процессов в АПК региона [Текст]/ К.С. Терновых и др. //Развитие интеграционных отношений в агропромышленном производстве: сборник Всерос. науч.-практ. конф. – М.: ВНИЭТУСХ. - 2003. – С.126.

арзёбии дурнамои муносибатҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ ва имкониятҳои истифодаи шаклҳои гуногуни кооператсия ва ҳамгироӣ барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои истеҳсолоти агросаноатӣ ба мо имкон медиҳад, ки вазифаҳои муҳимтарини зеринро муайян намоем:

- дар навбати аввал, бояд консепсияи рушди сохторҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои КАС дар шароити шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ таҳия карда шавад;

- дуюм, асоснок ва таҳия намудани тадбирҳои низоми танзими давлатӣ ва дастгирии шаклҳо ва намудҳои мухталифи сохторҳои кооператсионӣ ва ҳамгироӣ;

- сеюм, равона кардани сиёсати кишоварзӣ ба рушди муносибатҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, сохторҳои коркардкунанда ва хизматрасонӣ, инчунин, ташкилотҳои молиявию қарзиро барои рушди ҳаматарафаи ин соҳа муттаҳид менамояд;

- чорум, ҳамагуна мусоидат ба рушди муносибатҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ миёни кишварҳои ИДМ вобаста ба сохторҳои соҳавӣ, ки таҳти таъсири омилҳои табиӣ таъсис меёбанд, масалан, таъсиси филиалҳои фаръии ҳамгирошавандаи Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини онҳо бо техникаи кишоварзии Россия, қисмҳои эҳтиётӣ, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти химиявии муҳофизати растанӣ ва ғайра ва таъмини корхонаҳои саноати бофандагӣ ва сабуки Федератсияи Россия бо нахи пахта.

Дар ҷамъбаст бояд қайд кард, ки дар шароити давраи гузариш яке аз вазифаҳои муҳим аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳким ва амиқсозии муносибатҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд ба ҳисоб меравад, ки қобилияти зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзиро ҳангоми рушди пурраи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дорад. Аз ин рӯ, муносибатҳои муосири кооператсионӣ-ҳамгироии комплекси агросаноатӣ бояд дар заминаи омезиши манфиатҳои хоҷагиҳои ширкаткунанда рушд ёфта, рушди устувор ва такрористеҳсоли васеи онҳоро таъмин намоянд.

## 1.3. Таҳлили таҷрибаи хориҷии ҳамгироӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ

Дар шароити доимотағйирёбандаи равандҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳадафҳои стратегӣ дар таҷрибаи байналмилалии таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза метавонанд дар ҳамбастагии рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, мошинсозӣ, хизматрасонӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти ба ин масъала хос ҳангоми рушди равандҳои ҳамгироӣ ба даст оварда шаванд. Таҷрибаи рушди равандҳои ҳамгироӣ дар бахши комплекси агросаноатии кишварҳои хориҷӣ нишон дод, ки барои корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурии мо истифодаи ин таҷриба муҳим буда, онро ҳаматарафа омӯхтан ба манфиати ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Инчунин, ҳангоми истифодаи ин таҷриба тафовути миллӣ ва минтақавӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Хусусиятҳои хоси фаъолият дар соҳаи ҳамгироии агросаноатӣ дар кишварҳои гуногун, пеш аз ҳама, бо гуногунии хусусиятҳои илмию иқтисодӣ, табиӣ ва дигар имкониятҳо вобаста аст.

Бояд гуфт, ки низоми истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар бисёр кишварҳо ва пеш аз ҳама, кишварҳои пешрафта, дар маҷмуъ ба принсипҳои кооператсия ва ҳамгироӣ асос ёфтааст. Таҷрибаи ҷаҳонии пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар ин соҳа одатан ба фаъолияти корхонаҳои ҳамгирошудаи ҳаҷман калон ва миёна асос ёфтааст. Азбаски наздикии хусусиятҳои иқтисодиёти мо бо иқтисоди Федератсияи Россия дар солҳои охир рушд ёфтааст, аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки ҳангоми ҳалли бисёр масъалаҳои иқтисодӣ мо бояд ба таҷрибаи Федератсияи Россия, ки ба КАС наздикӣ дорад, такя намоем.

Ҳамчунин, ҳамаи чораҳои танзими давлатӣ ва дастгирии истеҳсолоти агросаноатиро аз рӯйи чунин мақсадҳо метавон гурӯҳбандӣ кард:

1. Дастгирии истеҳсолкунандагон бо мақсади гирифтани даромад:

- ✓ пардохти ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳо барои зарари офатҳои табиӣ, пардохти зарар вобаста ба азнавташкилдиҳии истеҳсолот;

2. Таъсири нархҳо:

- ✓ дастгирии нархҳои дохилӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, муқаррар кардани квотаҳо ва андозҳо барои содирот ва воридоти озуқаворӣ;
- ✓ ҷуброни хароҷот барои ба даст овардани воситаҳои истеҳсолот;
- ✓ нуриҳо, маҳсулоти муҳофизати растанӣ, хӯроки чорво;

- ✓ чорабиниҳои маблағгузорӣ ҷиҳати мусоидат ба рушди бозор;
- ✓ мусоидат ба рушди инфрасохтори саноатӣ тавассути ҷудо кардани маблағ барои ташкили пойгоҳи нигаҳдории маҳсулот, таъминоти моддию техникӣ, рушди нақлиёт ва ғайра.

Дар солҳои 1980-уми замони Шуравӣ ба вуҷуд омадани воҳидҳои алоҳидаи агросаноатии навъи ҳудудӣ (ассотсиатсияҳо, комплекси агросаноатӣ) хос буданд.

Дар солҳои ташаккул ва рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар якчанд минтақа ва ҷаҳон ин модели ҳамгироии Федератсияи Россия мебошад, ки онро дар ҷадвали 1.3.1. тариқи зайл нишон додем.

**Ҷадвали 1.3.1. - Хусусиятҳои модели хамгироии Федератсияи Россия дар соҳаи кишоварзӣ**

| Хусусияти фарққунанда | Хусусияти мундариҷа |
|---|---|
| **1. Таваҷҷуҳи ҳамгироӣ** | Дар баробари ҳамгироӣ дар асоси усулҳои идоракунии маъмурӣ, тамоюли эҷоди муносибатҳои ҳамгироии муштарак аз поён ба боло ба таври равшан зоҳир мегардад. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард ҳамчун «ҳамгироӣ», корхонаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор ҳамчун «нуқтаҳои рушд» амал мекунанд (бахшҳои сохтории воқеӣ). |
| **2. Мушаххасоти миқёс ва минтақа** | Паҳншавии пурраи равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои шимолу ғарбии Федератсияи Россия (Орлов, Белгород ва ғайра), дар дигар минтақаҳои маҳаллӣ, дар баъзе минтақаҳои дигар.<br>• ассотсиатсияҳои минтақаи Орлов бо иштироки бартарии мақомоти давлатӣ дар пойтахти сохторҳои таъсисёфта тавсиф мешаванд;<br>• барои Белгород - истифодаи низоми идоракунии қатъӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ;<br>• барои Тамбов - ташкили ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳое, ки бо қитъаҳои шахсии ёрирасон асос ёфтаанд;<br>• барои Воронеж - маҷмуи ҳамгироии амудӣ, уфуқӣ ва саноатӣ - аграрӣ ва ғайра вуҷуд дорад. |
| **3. Хусусиятҳои сохтори ташкилии ассотсиатсияҳо** | Шаклҳои «сахти» эҷоди муносибатҳои байни субъектҳо дар шакли ширкатҳои ҳолдингӣ бартарӣ доранд. |
| | Шакли асосии ташкилии аксарияти ассотсиатсияҳо ҷамъияти саҳомӣ мебошад, ки аксар вақт шакли пӯшида доранд. |
| | Моделҳои афзалиятноки холдингҳо инҳоянд:<br>• ширкатҳои холдингии давлатӣ (ҳамгироӣ «аз боло») бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ;<br>• саҳмияҳои корхонаҳои соҳаҳои дигар (саноати нафту газ, металлургия ва ғайра), ки як қисми онро ба агробизнес равона месозанд;<br>• холдингҳо, ки аз ҷониби ташкилотҳои коркард ва савдо бо кумаки мақомоти идоракунӣ таъсис дода шудаанд (ҳамгироӣ аз поён) |
| | Дар сатҳи минтақавӣ, байниминтақавӣ ва соҳавӣ, муносибатҳо дар шакли «нарм» ба роҳ монда шудаанд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи маводи Кооперация в агропромышленном комплексе: учеб. пособие / Н.В. Ермалинская, Е.А. Кожевников. – Гомель: ГГТУ им. П.О.Сухого, 2016.–191 с.

Чуноне аз ҷадвал дида мешавад, вобаста ба модели мазкур хусусиятҳои рушди муносибатҳои кооперативӣ дар комплекси агросаноатии Федератсияи Россия бо самти ташаккулёбии онҳо, тақсимоти минтақавӣ дар миқёси дигаргуниҳо ва моделҳои ташкилию иқтисодии иттиҳодияҳои агросаноатӣ муайян карда шудаанд.

Марҳилаи кунунии рушди раванди ҳамгироии агросаноатии замони имрӯза аз зинаи пешина фарқ мекунад. Аксари муҳаққиқон якчанд марҳилаҳои пай дар пайро муайян мекунанд, ки тавассути онҳо ҳамагуна ташаббуси ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба таври возеҳ ё ғайримустақим мегузарад, ки инҳоро дар бар мегирад:

1. Ташаккули шартномаҳои тиҷоратӣ (картел), созишномаҳо оид ба тақсимоти бозорҳо, оид ба сиёсати ягонаи фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда;

2. Таъсиси иттиҳодияҳо ва иттифоқҳои истеҳсолӣ дар комплексҳои агросаноатӣ;

3. Рушди фаъолияти муштараки ҳамгироии корхонаҳо тавассути муттаҳид кардани як қисми дороиҳо ва тақсими масъулият бе ташкили шахсони ҳуқуқии нав;

4. Ташкили сохторҳои ҳамгироии истеҳсолӣ, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ (комбинатҳо, комплекси агросаноатӣ) мебошанд;

5. Таъсиси гурӯҳҳои молиявӣ ва саноатӣ[34].

Бисёр муҳаққиқони рус шаклҳои ҳамгирошударо ба дурушт ва нарм тақсим мекунанд, ки ҳар кадоми он хусусияти махсус дорад. Навъи дурушт равобити ҳамгироиро барои холдингҳо, консернҳо, комбинатҳо, ширкатҳои кишоварзӣ истифода менамояд. Ба навъи нарм бошад, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо, шарикии ғайритиҷоратӣ ва кооперативҳои истеъмолӣ дохил мешаванд. Рушди ҳар яке аз ин шаклҳо дар Федератсияи Россия бо роҳҳои гуногун сурат гирифтааст.

Инчунин, равандҳои ҳамгироӣ дар зинаҳои поёнтар, алалхусус дар фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ сурат мегиранд. Хоҷагиҳои фермерӣ бо ширкатҳои ғайрикишоварзӣ дар доираи истеҳсоли маҳсулоти мушаххас фаъолона ҳамкорӣ мекунанд (масалан, истеҳсол ва фурӯш, истеҳсол ва коркард, логистикаи истеҳсолот ва ғайра).

[34] Юхина, О.К. Развитие интеграции в АПК России [Текст]/О.К. Юхина // Эпоха науки. – Ачинск. - 2015. - №4. - С.90-94.

Дар ҷадвал як қатор заминаҳо ва шартҳои маркази равандҳои фаъолсозии ҳамгирой дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Беларус оварда шудаанд (ҷадв.1.3.2).

**Ҷадвали 1.3.2. - Шароити рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Беларус**

| Давра | Шарту шароитҳо |
|---|---|
| **Солҳои 90 –уми, асри 20** | 1) номутавозунии муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ;<br>2) азнавсозии колхозу совхозҳо, хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ;<br>3) тафовут дар нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва захираҳои саноатӣ;<br>4) аз даст рафтани минтақаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби корхонаҳои коркард;<br>5) афзоиши корхонаҳои зараровар; |
| **солҳои 2001 то 2003** | 1) афзоиши шумораи корхонаҳои зараровари кишоварзӣ (дар соли 1995 - 392 корхона, соли 1999 - 1121, соли 2000 -1177);<br>2) ихтисори шуғл дар истеҳсолоти кишоварзӣ (бештар аз 40%) бо сабаби муҳоҷират ва таназзули табиӣ, ҳавасмандии ками меҳнат; |
| **солҳои 2004 то 2005** | 1) сатҳи пасти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар солҳои 1996-2003 ба 10-14% аз сатҳи соли 1990);<br>2) нигоҳ доштани нобаробарии нархҳо (таносуби индекси нархҳои саноатӣ ва кишоварзӣ 3,3 : 1 нисбат ба соли 1990);<br>3) кам шудани даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ (дар соли 1990 буд 42,6%, дар соли 2003 - 5,7% кам шуд);<br>4) суръати пасти ҷараёни ислоҳот;<br>5) зарурати ҳалли амнияти озуқаворӣ ва зиёд кардани дастгирии буҷети соҳаи кишоварзӣ; |
| **солҳои 2005 то 2010** | 1) ташаккули заминаи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо дар шароити бозор;<br>2) зарурати ба самти худтаъминкунӣ равона кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;<br>3) сармоягузории нокифоя ба соҳаи иҷтимоии деҳа;<br>4) зарурати таъмини ҷолибияти меҳнат ва тарзи зиндагӣ дар деҳот; |
| **солҳои 2011 то 2015** | 1) инноватсияи нокифояи корхонаҳои кишоварзӣ (истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ тақрибан 10%, дар сатҳи мувофиқ 50%);<br>2) зарурати таҳкими амнияти озуқаворӣи давлат ва баланд бардоштани сатҳи дастрасии иқтисодии ғизо (дар соли 2007 ҳиссаи хароҷоти озуқаворӣ дар даромади хонаводаҳо 52% буд);<br>3) зарурати коҳиш додани танзими мустақими давлатии агробизнес; |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи маводи Кооперация в агропромышленном комплексе: учеб. пособие / Н.В. Ермалинская, Е.А. Кожевников. – Гомель: ГГТУ им. П.О.Сухого, 2016.–191 с.

Дар рушди равандҳои ҳамгироии бахши кишоварзии ҷумҳурӣ чунин қонуниятҳо ҳамчун вобастагӣ аз ҳолати ҷории корхонаҳои ҳамгирой зоҳир мешаванд:

- муносибати байни мундариҷаи ҳамгирой ва шаклҳои ташкили он;
- шаклҳои маҳдуди иттиҳодияҳо бо иштирокчиёни номаҳдуд;
- рушди таҳаввулоти равандҳои ҳамгирой аз содатарин то шаклҳои мураккаб;

- мутаносиб намудани ҳама робитаҳои ассотсиатсия, ки дар марҳилаҳои ҷудогонаи истеҳсолот мутахассис ва таҷриба доранд.

Тибқи арзёбии олимони белорус ва рус, равандҳои ҳамгирой дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ба чунин принсипҳо, ба монанди имконпазирии офариниш, якпорчагӣ ва фарогирӣ, мавҷудияти сохтори ҳамгирошуда, андозаи оптималӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои умумӣ ва хусусӣ, фаъолият дар асоси худкифой, худмаблағгузорӣ, худидоракунӣ ва ғайра асос ёфтаанд. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки таҷрибаи Ҷумҳурии Беларус дар заминаю шартҳои рушди ҳамгироии агросаноатии он таҳлил карда шуд. Қисми зиёди ҳамгироии агросаноатӣ дар асоси ҳамгироии уфуқӣ ва амудӣ сурат мегирад, ки фаъолияти корхона тамоми марҳилаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва таҳвили маҳсулотро ба истеъмолкунанда фаро гирифта, сохторҳо барои мақсадҳои мухталиф дар шакли иттиҳодияҳо ё дар асоси муносибатҳои шартномавӣ инкишоф меёбанд.

Дар шакли васеъ гуфтан мумкин аст, ки равандҳои ҳамгирой тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатиро, ба монанди истеҳсолоти агротехникӣ, истеҳсоли агрохимиявӣ, интиқол, нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, коркард, савдо, корҳои таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯӣ фаро мегиранд. Ин ба шиддатгирии истеҳсолот ва кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ расонида, рақобатпазирии маҳсулотро дар сатҳи зарурӣ афзоиш медиҳад.

Вобаста ба масъалаҳои дар ҷадвали 1.1.3. зикргардида танзими давлатии равандҳои ҳамгироии соҳаи кишоварзӣ дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ташаккули бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва хӯрокворӣ дар асоси ҳамкории бахшҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ;

- маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, суғурта, андозбандии имтиёзноки гурӯҳҳои агросаноатӣ;

- ҳимояи манфиатҳои субъектҳои ҳамгироии дохилӣ дар амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

- маблағгузории фаъолияти илмӣ оид ба ташкили бахшҳои самараноки ҳамгирой дар соҳаи кишоварзӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди босуръати соҳаи иҷтимоии деҳот;

- ташаккули заминаҳои меъёрию ҳуқуқии зарурӣ.

Бояд қайд кард, ки Н.В. Ермалинская, Е.А. Кожевников дар дастури таълимии худ «Кооператсия дар КАС» хусусиятҳои ҳамгироии кишоварзии Ҷумҳурии Беларусро бо таври худ шарҳ додаанд, ки дар ҷадвал оварда шудааст (ниг. ҷадв.1.3.).

**Ҷадвали 1.3. - Хусусиятҳои ҳамгироии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Беларус**

| Мундариҷа | Хусусияти мундариҷа |
|---|---|
| **Заминаҳои асосии рушд** | Оқибатҳои аз байн бурдани низоми маъмурию фармонфармоии идоракунӣ (номутавозунии байнисоҳавӣ, муфлисии корхонаҳои кишоварзӣ) |
| | Зарурати таъмини амнияти озуқаворӣ, ташаккули маҳсулоти рақобатпазир ба содирот |
| **Самтҳои асосӣ ва рушди табиат** | Бартарии ҳамгироии поён (аз боло ба поён) бо дахолати фаъоли мақомоти минтақавӣ |
| | Паҳншавии шаклҳои «дурушт»-и ҳамгироӣ бо мутамаркази аксарияти вазифаҳои идоракунии сохтори ҳамгирошуда ва аз даст додани мустақилияти субъектҳо |
| **Консепсияи рушд ва ангезаҳои пешбарандаи ҳамгироӣ** | Дар давраи аз соли 2004 то 2008 - мафҳуми «ихтиёрони боварибахш» ё «имконпазирии иқтисодӣ», ки дар доираи онҳо ниятҳои барқарорсозии молиявии ташкилотҳои кишоварзӣ ва барқарорсозии иқтидори истеҳсолии онҳо афзалият доранд. |
| | Аз соли 2006 консепсияи истеҳсолӣ ва технологӣ таҳия шуда истодааст, ки асосҳои калидӣ диверсификатсияи истеҳсолот, муътадилии таҳвили ашёи хоми кишоварзӣ ва мутаносиб кардани минтақаи ашёи хоми корхонаи коркард, ҳалли масъалаҳои маркетингӣ ва ғайра мебошанд. |
| **Доираи ҳамгироӣ** | Таъсиси ассотсиатсияҳо дар сатҳи маҳал бо ташаббуси мақомоти минтақавии ҳокимияти давлатӣ |
| **Нақши танзими давлатӣ** | Ташаббуси таъсис ва роҳнамоии дахолати ҳукумат ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгирошуда |
| | Усулҳои афзалиятноки танзим - маъмурӣ - ҳуқуқӣ ва омехта аз ҷиҳати иқтисодӣ |
| **Хусусиятҳои ташкилӣ** | Паҳнкунии шаклҳои "дурушт" -и ҳамгироӣ дар асоси механизмҳои ҷамъоварии ғайрикишоварзӣ |
| | Рушди ҳамгироии саноатӣ ва аграрӣ бо ҷалби сармояи ташкилотҳои созмонҳои марбут ба кишоварзӣ |
| **Самтҳои ояндадори рушд** | Мураккабии афзояндаи шаклҳои ҳамгироӣ дар ташкили низомҳои бисёрсоҳавӣ бо сатҳҳои амудӣ ва уфуқӣ |
| | Ташаккули муҳити корпоративӣ бо тавсеаи минбаъда ба сатҳи сохторҳои фаромиллӣ |
| | Ҳавасмандкунии рушди шаклҳои ассотсиатсионии мутақобила (шартнома, кластерҳо) |

**Сарчашма:** Кооперация в агропромышленном комплексе: учеб. пособие / Н.В.Ермалинская, Е.А.Кожевников. -Гомель: ГГТУ им. П.О.Сухого, 2016. – 191 с.

Вобаста ба барнома, консепсия ва самтҳои асосии дар ҷадвал нишондодашуда хусусиятҳои ҳамгирои агросаноатӣ ба ҳафт қисм ҷудо карда шудааст, ки ҳар яки онҳо хусусиятҳои хос ва гуногунро доранд:

1) заминаҳои асосии рушд;

2) самтҳои асосӣ ва рушди табиат;

3) консепсияи рушд ва ангезаҳои пешбарандаи ҳамгироӣ;

4) доираи ҳамгироӣ;

5) нақши танзими давлатӣ;

6) хусусиятҳои ташкилӣ;

7) самтҳои ояндадори рушд.

Бояд қайд кард, ки дар робита бо таҷрибаи мусбати рушди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар ташаккули холдингҳои кишоварзӣ таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қобили таваҷҷуҳи хос мебошад.

Вобаста ба таҳкими ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти соҳа 45% истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти паранда дар мадди назари Tyson Foods, Con Aqra, Gold Kist, хоҷагиҳои Perdue Farm қарор дорад. Истеҳсоли гӯшти гов - 45%, коркарди лӯбиё - 76%, коркарди ғалладона -74% аз ҷониби холдингҳои кишоварзии Gardill, ADM-Archer Daniels Midland, Con Aqra, Tyson назорат карда мешаванд[35].

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба монанди бисёр кишварҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ равандҳои ҳамгироӣ дар шакли муносибатҳои кооперативӣ идома доранд. Мисоли ҳамгироии амиқи амудӣ соҳаи парандапарварии ИМА мебошад. Шуруъ аз солҳои 90-ум маҳсулоти аз паранда истеҳсолшаванда ба бисёр кишварҳо интиқол дода мешавад, ба монанди Федератсияи Россия. Технологияи интенсивии парандапарварӣ ба дастовардҳои навтарини илм, технологияҳо ва амалияи ташкили истеҳсолот, аз ҷумла ҳама марҳилаҳо аз давраи инкубатсияи тухм, то ба кондитсия, коркарди паранда, истеҳсоли хӯроки чорво, истифодаи маҳсулоти витаминӣ, партовҳо ва ғайра асос ёфтааст.

---

[35] Аюшеева, А.О. Формирование интегрированных структур агропромышленного комплекса региона: проблемы и перспективы. Монография [Текст]/А.О.Аюшеева. - Новосибирск: ЦРНС, 2013. – С.31.

Баъзан ҳамгирой бо ширкатҳои хусусӣ боиси ташаккули корхонаҳои омехтаи кооперативӣ ва хусусӣ мегардад, ки онҳо низ дар асоси шартнома фаъолият мекунанд. Чунин шакли иттиҳодияҳо аз рӯйи принсипи ҷамъиятҳои саҳомӣ амал мекунанд, ки аз ҷониби шурои директорон идора карда мешаванд.

Ба ҳайси намунаи хуби рушди ҳамгироии амудии кооперативҳои хоҷагидорӣ дар асоси ҳамгироии уфуқӣ мо метавонем ҳамгироии хоҷагии ғалладонаро номбар кунем. Ин ҳамгироии хоҷагиҳои ғалладона бо ташкилотҳои махсусгардонидашудаи хизматрасонии нуриҳо мебошад, зеро дар ИМА танҳо ташкилотҳое, ки шаҳодатномаи дахлдор доранд, ҳуқуқи чунин фаъолиятро доранд. Инчунин, тараққиёти густурда дар соҳаи растанипарварӣ бо сатҳи баланди механизатсия ҳангоми кишт ва ҷамъоварии ғалла сурат мегирад.

Механизмҳои танзими давлатӣ дар бахши кишоварзии ИМА хеле мушаххас буда, дар хоҷагиҳои фермерии ин давлат тақрибан 3 миллион нафар бо кор фаро гирифта шудаанд. Фермер дар ин кишвар нисбат ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби давлат камтар ҳимоя карда мешавад, зеро механизми бозори ИМА ба нархҳо асос ёфтааст, ки қонуни арза ва тақозоро комилан инъикос мекунад ва дахолати ҳукумат ба равандҳои нархгузорӣ ҳадди ақал аст.

Аз ҷониби Ҳукумати ИМА низоми тақсими давлатии захираҳо барои фермерон вуҷуд надорад, ҳамчунин, назорат аз рӯйи нархи захираҳои кишоварзӣ низ комилан нест. Аммо, гарчанде ки дар соҳаи кишоварзӣ танзими нархҳо вуҷуд надорад, қарзи бебозгашт ва субсидияҳо барои воситаҳои истеҳсолот ҳам вуҷуд надорад, аз ин лиҳоз, ҳукумат ба фермерон дар ташкили кооперативҳои шахсии худ барои харид ва баъзан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ кумак расонида, дигар чораҳоро барои нигоҳ доштани рақобат дар Майдони якуми кишоварзии Амрико қабул месозад. Ин дар худ татбиқи сиёсати либералиро дар савдои байналмилалии воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ ифода мекунад. Аз соли 1933 инҷониб Вазорати кишоварзии ИМА барномаҳои ҳадди ақали нархҳоро барои фермерҳо дар шароити муайян дар як қатор молҳо (асосан ғалладона ва пахта) амалӣ мекунад. Харидҳои Вазорати кишоварзии ИМА хариди «чораи охирин», хариди маҳсулоти зиёдатӣ барои нигоҳдорӣ ва фурӯши бевосита

тавассути каналҳои бозори тиҷоратӣ, эҷоди механизмҳои алоҳидаи рақобатпазир мебошанд. Илова бар ин, Вазорати кишоварзии ИМА ба фермерон дар ташкили фурӯши маҳсулоти онҳо тавассути кооперативҳои фурӯш, дар бораи нархҳои бозор дар бозорҳои байналмилалӣ, тамоюлҳои беҳтар кардани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ кумаки назаррас мерасонад. Ҷузъи муҳимми танзими давлатӣ - дастгирии молиявӣ ва қарзии бахши кишоварзии иқтисодиёт мебошад. Маблағгузорӣ тавассути ҷудо кардани маблағ аз буҷаи давлатӣ, ки ба барномаҳои мақсаднок пешбинӣ мегардад, амалӣ карда мешавад. Дар ИМА дар сатҳи федералӣ ду барномаи асосӣ бартарӣ дорад: «Устуворгардонии даромади фермерон» ва «Таъминоти илмии истеҳсолоти кишоварзӣ».

Барои татбиқи барномаи «Устуворгардонии даромади фермерҳо» маблағҳои ҳаҷман калон пешбинӣ карда мешаванд: аз 30 то 50% тамоми маблағҳои буҷа ба соҳаи кишоварзӣ сафарбар карда мешавад. Ба таркиби ин барнома инҳо дохил мешаванд: барномаҳои «Суғуртаи ҳосил» ва «Кредити кишоварзӣ». Тибқи барномаи «Суғуртаи ҳосил», маблағҳо аз ҷониби Корпоратсияи федералии суғуртаи ҳосили Вазорати кишоварзии ИМА ҷудо карда мешаванд, ки ҳифзи зироати деҳқононро аз офатҳои табиӣ таъмин менамояд. Барои марҳилаи кунунии рушди истеҳсолоти кишоварзии ИМА талаботи афзояндаи сармояи қарзӣ хос мебошад. Аз ин рӯ, дар низоми танзими давлатии иқтисодиёти кишвар фаъолияти қарзҳои ба соҳаи кишоварзи сарфарбаркардашуда, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок аҳаммияти муҳим дорад. Танзими давлатии қарздиҳии кишоварзӣ дар шаклҳои зерин баён карда мешавад: таъсиси ташкилотҳои махсуси институтҳои кредитии давлатӣ, ки фаъолияти шабакаҳои бонкию қарздиҳии кооперативии кишоварзиро ташкил мекунанд; ба ташкилотҳои қарзӣ додани ҳуқуқи баровардани коғазҳои қиматнок; осон намудани дастрасии деҳқонон барои гирифтани қарз бо меъёри фоизи паст; маблағгузории буҷавии ташкилотҳои қарзии кишоварзӣ барои пӯшонидани талафоте, ки аз паст шудани фоизи қарз ва напардохтани саривақтии қарзҳо ба миён омадаанд.

Ҳамчунин, рушди соҳаи корхонаҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар Канада низоми истеҳсоли кооперативро бо идоракунии давлатӣ ба таври маҳдуд дар бар мегирад. Дар сохтори рушди истеҳсолоти кишоварзӣ нақши пешбарро ташкилотҳои фермерӣ ва кооперативӣ мебозанд. Хусусияти роҳи рушди Канада ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бе фонди оинномавӣ ва ассотсиатсияҳои саҳомии кооперативӣ (бо фонди оинномавӣ) дар сатҳи ноҳиявӣ ва вилоятӣ мебошад. Ба монанди рушди равандҳои ҳамгироии агросаноатӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада шаклҳои ассотсиатсияҳои ҳолдингро таҳия намуд. Дар назди Шурои кишоварзӣ, агентиҳои истеҳсолот ва бозори парандаҳо мавҷуданд.

Механизми идоракунии сохторҳои давлатӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ тавассути ассотсиатсияҳои истеҳсолкунандагон ва иттифоқҳои кооперативӣ дар асоси шарикӣ ташаккул меёбанд. Ин фишангҳо субсидияҳо, дотатсияҳо, кафолатҳои давлатӣ оид ба қарзҳои аз корпоратсияҳои кредитӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ гирифташуда мебошанд.

Фаъолияти ассотсиатсияҳо васеъ буда, тақрибан тамоми соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз қабили гандум, шолӣ, рапс ва дигар намудҳои зироат, истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ, чорвои калони шохдор, парандапарварӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Онҳо чунин сиёсатро дар истеҳсолоти кишоварзӣ ташаккул дода, манфиатҳои соҳа ва ҳар як истеҳсолкунандаро дар парламент ва ҳукумат баррасӣ менамоянд[36].

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо равандҳои ҳамгироӣ дар шакли иттифоқи кооперативҳои кишоварзӣ оид ба ҳалли масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ зоҳир мешаванд. Онҳо сохторҳои ҳамгироии асосӣ миёни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёт мебошанд, ки тавассути ташкили раванди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, равандҳои таъмин,

[36] Гордеев, А. Экономические механизмы регулирования агропромышленного производства [Текст]/А. Гордеев // Экономист. – М., 1998. – № 6. – С. 90-93.

хизматрасонӣ ва ғайра ба ҳисоб меравand. Зиёда аз 80% маҳсулоти кишоварзӣ тавассути низоми кооперативӣ фурӯхта мешавад[37].

Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ бошад, аксар хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд, ҳамзамон, аъзои 6-8 иттиҳодияи кооперативӣ бошанд. Ин имкон медиҳад, ки аз давлат имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо ва дигар имтиёзҳо ба даст оварда шаванд. Чунин намуди иттиҳодияҳо имкон медиҳанд, ки якҷоя иншооти анбор, корхонаҳои коркард таъсис дода шаванд. Ташкилотҳои уфуқии агросаноатӣ тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳанд лоиҳаҳои бузургро, ба монанди сохтмони хатҳои интиқоли барқ, қубурҳои об ва ғайра дар кишварҳои Дания ва Норвегия амалӣ созанд.

Равандҳои ҳамгироӣ дар Фаронса асосан ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва соҳаи фурӯши хӯрокаро фаро мегиранд. Дар ин самт нақши сохторҳои давлатӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Маҳз давлат дар бисёр ҳолатҳо ҳамоҳангсози ташкили робитаҳои ҳамгироӣ мебошад. Ғайр аз ин, шакли холдингии муносибатҳои ҳамгироӣ дар Фаронса ва Аврупои Шарқӣ бештар маъмул буда, дар сатҳи иқтисодиёт мавқеи ҳалкунанда дорад. Мақомоти ҳамоҳангсози муносибатҳои байнисоҳавӣ дар комплекси озуқаворӣи Фаронса Шурои Олӣ оид ба роҳнамоӣ ва ҳамоҳангсозии рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ мебошад. Ба вазифаҳои он таҳияи чорабиниҳо оид ба такмили ташкил ва идоракунии зернизомҳои озуқаворӣ, татбиқи сиёсати мувофиқашудаи аграрӣ ва озуқаворӣ дохил мешаванд. Умуман, равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи ҳамгироии агросаноатӣ ширкатҳои бузурги коркардкунандаро дар худ фаро мегиранд. Зиёда аз 50% маҳсулоти хӯрокворӣ ба ин соҳа рост меояд. Ҳамчунин, ду намуди ташкилотҳои байнисоҳавӣ, ба монанди давлатӣ ва ё нимдавлатӣ мавҷуданд, ки чораҳои танзими маъмурии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти дахлдор, иттиҳодияҳои соҳибкорону ширкатҳои хусусиро, ки ба муассисаҳои байнисоҳавии давлатӣ фаъолона мусоидат намуда, тавсияҳои мақомоти давлатиро оид ба фаъолияти бахшҳои дахлдори комплекси агросаноатӣ таҳия мекунанд.

[37] Мартынов, В.Д. Некоторые проблемы формирования АПК в странах Скандинавии [Текст]/ В.Д. Мартынов. – М.: ВНИТЭИСХ, 1977. – С 56.

Дар Олмон ва дар кишварҳои Аврупои Марказӣ бо мақсади мусоидат ба муносибатҳои байни давлат ва ташкилотҳои дар соҳаи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғулбуда иттифоқҳои кооперативӣ ташкил карда шудаанд. Ба соҳаи фаъолияти чунин иттиҳодияҳо, пеш аз ҳама, масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, қонунгузории андоз ва ғайра дохил мешаванд. Ба иттиҳодияҳои гуногун корхонаҳои шакли хоҷагии агросаноатӣ муттаҳид гардида, хоҷагиҳои фермерӣ қодиранд мушкилотро оид ба таъмири техникаи кишоварзӣ, мониторинги муҳити зист, таҳлили мавқеъҳои рақобатӣ ва ғайра ҳал кунанд. Истифодаи оқилонаи ин имкониятҳо барои кам кардани хароҷотҳо мусоидат менамояд. Ҳамгироии агросаноатӣ дар атрофи корхонаҳои коркард, ки ба ҳайси сохтори ҳамгирой дар ташаккули шарикӣ байни соҳаи кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёти кишвар баромад мекунад, васеъ паҳн гардид. Дар Олмон бо мақсади ҳалли масъалаҳои кафолати дарозмуддати нархи кофии хариди маҳсулоти кишоварзӣ ва институтсионализатсияи сиёсати аграрӣ Иттифоқи фермерон таъсис дода шуда, амал мекунад.

Хусусиятҳои ташаккулёбии истеҳсолоти кишоварзӣ дар кишварҳои Аврупои Шимолӣ (Шветсия, Дания, Норвегия, Финляндия) қобили таваҷҷуҳи махсус аст. Дар муқоиса бо дигар кишварҳо, дар ин давлатҳо аксарияти сохторҳои кишоварзӣ дар шакли кооперативҳои кишоварзӣ бартарӣ доранд. Ташкилотҳои умумимиллии касбии деҳқонон иттифоқҳои марказии соҳибкорони кишоварзӣ мебошанд (финӣ ва шведӣ). Ҳарду иттифоқ дар ҳамкории зич бо якдигар кор мекунанд. Вазифаи муҳимми иттифоқҳои марказӣ - гуфтушунид ва таҳияи созишномаҳо бо ҳукумат дар масъалаи банақшагирии ҳаҷми таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ, нархи хӯрокворӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба даромади фермеронро ташкил медиҳад. Иттифоқҳои марказӣ кори бузургро барои паҳн кардани иттилоот барои фаъолияти пурсамар ба фермерҳо, шахсони расмӣ, намояндагони иқтисод, иттифоқҳои касаба ва аҳолӣ пешкашшударо иҷро мекунанд.

Дар таҳия ва татбиқи сиёсати кишоварзӣ нақши калидӣ ба кооперативҳои кишоварзӣ вогузор гардидааст. Ҳамаи кумак ва маблағҳо барои дастгирии кишоварзӣ тавассути кооперативҳои кишоварзӣ интиқол дода мешаванд. Чунин

шуд, ки кооперативҳо шакли нисбатан самараноки ҳамгирой дар бахши кишоварзии кишварҳои Скандинавия гардиданд, ки фермеронро бо шароити зарурии истеҳсолӣ, кафолати фурӯши маҳсулот ва татбиқи муассири пешрафти илмию техникӣ таъмин месозанд. Аз тарафи дигар, кооперативҳо ҳалқаи асосӣ дар занҷири ҳамгироии соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ мебошанд. Аз ҷумла, дар ин занҷир корхонаҳое мебошанд, ки ба ҷараёни фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди онҳо, таъминоти истеҳсолӣ, қарздиҳӣ ва хизматрасониҳои хоҷагиҳои фермериро татбиқ месозанд.

Дар ҳамин замина шакли кооператсия дар саноат ба таври васеъ истифода мешавад. Ҳамин тавр, дар Финляндия ҳама корхонаҳои коркарди гӯшт ва корхонаҳои ширӣ моликияти кооперативӣ мебошанд. Зиёда аз 75%-и гӯшт ва маҳсулоти коркарди он, инчунин 92%-и маҳсулоти ширӣ ва шир аз ҳисоби кооперативҳо ба даст оварда мешаванд. Дуюмин минтақаи калони фаъолияти кооперативӣ таъминоти истеҳсолии хоҷагиҳо ба ҳисоб меравад.

Дар Аврупо аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили маълумот метавон изҳор дошт, ки фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ шакли мусоидтарини ҳамоҳангсозии истеҳсолоти васеъ бо шароити рушди ҳамгироии агросаноатӣ ва хоҷагиҳои хурди фермерӣ дар заминаи моликияти хусусии замин мебошанд.

Равандҳои ҳамгироии соҳаи агросаноатиро дар Ҷопон метавон ба таври зерин тавсиф кард: дар атрофи онҳо корхонаҳои кишоварзӣ, иттиҳодияҳои корхонаҳои агросаноатӣ рушд меёбанд. Бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофии Ҷопон ва инчунин, фаъолияти анъанавӣ бозигарони миқёси калон дар равандҳои ҳамгирой ташкилотҳои соҳаи моҳидорӣ мебошанд. Нақши муҳимро равандҳои ҳамгироии амудӣ мебозанд, ки дар он сохторҳои кооперативӣ вазифаҳои миёнаравро иҷро мекунанд ва ба фаъолияти таъминот ва фурӯш, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, аксарияти онҳо тавассути низоми шартнома амал менамоянд. Намунаи ҳамгироии амудӣ кооперативи бисёрсоҳаи агросаноатии «Okava» мебошад, ки дар натиҷаи иттифоқи ҳафт кооперативи кишоварзӣ таъсис ёфтааст ва ба таркиби он тақрибан 4 000 хоҷагии деҳқонӣ дохил мешавад.

Дар соҳаи кишоварзии Ҷопон ба истилоҳ «низоми ҳамгироии даврӣ» (яъне ҷаҳонӣ), ки тамоми равандҳои соҳаи кишоварзиро фаро гирифта, иштирокчиёни зиёдро дар бар мегирад, аз бозори воситаҳои истеҳсолот то бозори маҳсулоти тайёрро аз худ кардааст.

Намунаи мусбат, вале мушаххаси тараққиёт ва ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар айни замон модели Чин ба ҳисоб меравад. Ин модел на танҳо дар рушди соҳаи кишоварзӣ, балки дар тамоми иқтисодиёти кишвар натиҷаҳои назаррас нишон додааст.

Дар асри XXI Чин дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ ва захираҳои кишоварзӣ мавқеи пешсафиро ишғол мекунад. Дар соҳаи кишоварзӣ давлат стратегияи истифодаи имтиёзҳоро дар асоси усулҳои самараноки тақсимоти даромад аз маҳсулоти кишоварзӣ тавассути сиёсати нархгузории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, аз ҷумла бо роҳи муқаррар кардани нархҳои хариду фурӯш барои намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ менамояд.

Ҳамин тавр, сиёсати нарх ба тағйири нархҳои хариди маҳсулоти зироатӣ вобаста бо самт дар ҳоли афзоиш аст, зеро нархи маҳсулоти ғалладона дучанд баланд гардид. Ин ҳолат ҳавасмандии иқтисодии истеҳсолкунандагони молро зиёд намуда, ба афзоиши фаъолнокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мусоидат намуд. Азнавтақсимкунии назарраси воситаҳо миёни соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо дар баробари тағйири моликияти замин ва азнавсозии истеҳсолоти кишоварзӣ рух доданд[38].

Таҷрибаи ҳамаҷонибаи хориҷиро таҳлил карда, гуфта метавонем, ки ҳамгироии амудӣ доираи фаъолияти корхонаҳоро дар комплекси ҷаҳонии агросаноатӣ тавсеа дод. Истеҳсолоти васеи агросаноатӣ дар кишварҳои Ғарб ба шарофати рушди ширкатҳои агросаноатӣ дар истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ машғуланд. Фаъолияти пурсамари холдингҳо ва кооперативҳои кишоварзӣ, ки дар робитаҳои байнисоҳавӣ дар саросари занҷираи озуқаворӣ истеҳсолшуда якҷоя гардидаанд, имконпазир гардид, ки чунин шароитро дар ҷадвали 1.3.4. дидан мумкин аст.

---

38 Логинов, Л.Н. Особый путь развития экономики Китая [Текст]/Л.Н.Логинов. - М., 2001. – С.52.

**Ҷадвали 1.4. - Иттиҳодияҳои агросаноатии хориҷӣ**

| Давлатҳо | Субъектҳо-сохторҳои ҳамгирой |
|---|---|
| Федератсияи Россия | -давлат (дар шахсияти маъмуриятҳои вилоятӣ) тавассути харидани саҳмияҳои хоҷагиҳои зараровар;<br>-ташкилотҳои молиявӣ;<br>-корхонаҳои коркард |
| ИМА, Канада | - ширкатҳои истеҳсолкунандаи нуриҳои минералӣ;<br>- мошинсозии кишоварзӣ;<br>- саноати хӯрокворӣ;<br>- ширкатҳое, ки ба истеҳсоли саноатии тухмии элита, чорвои зотӣ ва парандаҳо тахассус ёфтаанд;<br>- саноати хӯрокворӣ;<br>- ширкатҳои таъминот ва маркетинг;<br>- тиҷорати яклухти калон; |
| Олмон, Италия | -ширкатҳо оид ба истеҳсоли хӯрока, тухмиҳо;<br>-ширкатҳо оид ба истеҳсоли техникаи кишоварзӣ, кимиё, нуриҳои минералӣ. |
| Фаронса | -корхонаҳои саноати коркард;<br>-мақомотҳои давлатӣ;<br>-ширкатҳои бузурги ғайрикишоварзӣ (ширкатҳои супермаркетҳо, мағозаҳо аҳаммияти бештар доранд) |
| Ҷопон | -корхонаҳои хоҷагиҳои саноати моҳипарварӣ;<br>-кооперативҳои бисёрсоҳаи кишоварзӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маводи Мартынов В.Д. Некоторые проблемы формирования АПК в странах Скандинавии. – М.: ВНИТЭИСХ, 1977. – 56 с.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба Чин имкон дод, ки аз мамлакати воридкунанда ба бузургтарин содиркунанда мубаддал гардад. Консепсияи қонеъ кардани эҳтиёҷоти асосии аҳолӣ ба озуқаворӣ ва саноати коркард ба ашёи хоми кишоварзӣ ҳадафи асосии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар Чин мебошад. Бисёре аз коршиносон бар он ақидаанд, ки болоравии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Чин, асосан аз ҳисоби тағйир ёфтани шартҳои савдо ба миён меояд.

Таҷрибаи хориҷии ҳамгироии агросаноатиро дар сатҳи зарурӣ ва нисбатан муфассалтар баррасӣ намуда, метавон чунин хулосабарорӣ кард:

- дар равандҳои ҳамгирой низоми шартномавӣ хеле рушд ёфт, ки он ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ташкилотҳои коркард ва фурӯш нисбатан самаранок мебошад;

- ба таври муассир муттаҳид кардани захираҳои молиявӣ, инсонӣ ва истеҳсолӣ, иттиҳодияҳои агросаноатӣ, шаклҳо ва сохторҳои гуногун (корпоратсияҳо, кооперативҳо ва ғайра) рушд меёбанд;

- корхонаҳои муосир бо сикли пӯшидаи технологияи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр ба вуҷуд меоянд;

- иттиҳодияҳо дар атрофи сохтори ҳамгироӣ низ дар ташаккули моликият ё фаъолияти дигари онҳо яксон мебошанд;

- ташкили сохторҳои нисбатан маъмултарини ҳамгироии амудӣ дар шакли корпоратсияҳо;

- таҷрибаи ғанӣ дар низоми кооперативии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи агросаноатӣ дар Иттиҳоди Аврупо, алалхусус дар кишварҳои Скандинавия вуҷуд дорад, ки онро ба қадри имкон бояд истифода бурд;

- дар соҳаи кишоварзии бисёр кишварҳо механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии мустақим ё ғайримустақимро истифода мекунанд;

- дар равандҳои ҳамгироии агросаноатӣ механизмҳои танзими давлатии бозори агросаноатӣ нақши муҳим доранд.

Хулосаи зербоб

Дар сатҳи равандҳои ҳамгироии агросаноатӣ масъалаи ташаккул ва рушди он дар заминаи истифодаи таҷрибаи хориҷӣ яке аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб ёфта, истифоди онҳо мувофиқи имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст. Вобаста ба ин, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва рушди ҳамгироӣ дар бахши агросаноатӣ имкон фароҳам оварданд, то қонуниятҳои зеринро ошкор намоем:

- шаклҳои ҳамгироӣ бо манфиатҳои соҳибони асосии сармоя муайян карда мешаванд;

- ангезаи афзалиятноки иқтисодии ҳамгироии агросаноатӣ хоҳиши субъекти соҳибкорӣ оид ба назорат аз болои фаъолияти корхонаҳои марбута бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи бозории худ, паст кардани арзиши маҳсулот ва такмил додани технология мебошад;

- дар сурати мавҷуд набудани дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамгироии агросаноатӣ омили асосии ташкилкунанда мебошад, ки тавассути он

дар муддати нисбатан кӯтоҳ сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб карда мешаванд;

- ҳамгироии агросаноатӣ ногузир ба тамаркузи иқтисодӣ оварда мерасонад, ки танзими зиддиинҳисориро талаб мекунад;

- ҳамгироӣ кооператсияро рад ё иваз намекунад. Чӣ қадаре ки иттиҳодияи ҳамгиро васеътар бошад, ҳамон қадар барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолии кооператсияи дохили хоҷагидорӣ ва ғайра аҳаммияти калонро касб мекунад.

Таҳлили фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгирои кишварҳои хориҷӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи фаъолияти муваффақонаи онҳо имкон медиҳад то оид ба мақсаднокии рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгироӣ хулоса барорем. Аз таҷрибаи андухташуда барои рушди ҳаматарафаи корхонаҳои ҳамгирошудаи агросаноатии минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии шаклҳои самаранок ва қобили истифода, ки ҳангоми ташкили воҳидҳои мавҷудаи ҳамгирошуда шароити воридшавии корхонаҳои кишоварзии соҳаҳои гуногунро ба воҳидҳои ҳамгироигардида татбиқ карда шудаанд, муҳим мебошад.

# БОБИ II.
# ТАҲЛИЛИ ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОШУДАИ АГРОСАНОАТӢ

## 2.1. Таҳлили вазъи муосири тамоюли рушди комплекси агросаноатии вилояти Хатлон

Дар шароити ба маротиб зиёд шудани талабот ба ғизои кишвар ва таъмини талабот бо ғизои хушсифат дар айни замон комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар таъмини амнияти озуқаворbooн кишвар нақши асосӣ ва ҳалкунанда мебозад. Дар заминаи ин соҳаи кишоварзӣ муҳимтарин зинаест, ки бидуни он дигар бахшҳои агросаноатӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодӣ наметавонанд ба тоаври назаррас ва самаранок фаъолият намоянд. Соҳаи мазкур барои шуғли аҳолии деҳот нисбати дигар манотиқи кишвар вазифаи муҳимтарини иҷтимоиро ҳал мекунад, чунки зиёда аз 70%-и аҳолии кишвар дар маҳалли деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз ин лиҳоз, комплекси агросаноатӣ низоми мураккаби иқтисодӣ буда, дар дохили он корхонаҳои кишоварзӣ бо корхонаҳои саноатӣ ва инчунин, бо бахшҳое, ки хариди маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ, интиқол, нигоҳдорӣ ва коркардро таъмин мекунанд, муттаҳид гардидаанд. Ба ин низом, инчунин, ташкилотҳои бо фурӯши маҳсулоти тайёр машғулбуда ва нақши миёнаравро иҷрокунанда бояд дохил гарданд. Рушди комплекси агросаноатӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мустақиман таъсир мерасонад ва ба зарурати таъмини ғизои хушсифати аз лиҳози экологӣ тоза барои ҳаёт ва такрористеҳсоли қувваи корӣ, истеҳсоли ашёи хом ва истеҳсоли намудҳои дигари молҳои ғайриистеъмолию саноатӣ вобаста аст. Аммо, масоили рушди сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатии кишвар аз ҳалли пурраи ин мушкилот дар ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ вобаста мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ то имрӯз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои ташаккул ва рушди соҳаи агросаноатӣ қабул намудааст, ки барои пешравии ин соҳаи муҳим мусоидат менамояд. Тадбирҳои зарурӣ дар самти дигаргун намудани мансубият ва шаклҳои хоҷагидорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва ғайра андешида шудаанд. Мақсад аз ин дигаргуниҳо баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии истеҳсолот, рӯёнидани ҳосили баланди зироатҳои кишоварзӣ ва баланд

бардоштани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ мебошад. Аз ҷониби давлат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ташкилотҳои ғайридавлатию байналхалқӣ истеҳсолоти кишоварзӣ дастгирӣ меёбанд[39].

Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, “Вилояти Хатлон аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ, майдони заминҳои кишт ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ вилояти калонтарини мамлакат ба ҳисоб рафта, нақши он дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар бузург мебошад. Илова бар ин, дар гузаштаи начандон дур дар вилоят корхонаҳои азими саноатӣ, хоҷагиву маҷмааҳои калони чорводорӣ фаъолият мекарданд ва минтақа истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзиву чорводорӣ ва меваю сабзавот ба ҳисоб мерафт. Бояд гуфт, ки ҳиссаи вилояти Хатлон дар маҷмуи маҳсулоти саноативу кишоварзии мамлакат имрӯз низ зиёд аст»[40].

Пас аз истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардид ва дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ислоҳоти замин” соли 1992 марҳилаи қисман тақсим намудани заминҳои минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ сар шуд. Инчунин, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми октябри соли 1995 таҳти №342 ва аз 1-уми декабри соли 1991, №874, 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин амал барои таъмин намудани аҳолӣ бо озуқа мусоидат кард. Бо мақсади истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои замин ва об, афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996, №522 (Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ) қабул гардид. Дар ин раванд супориши давлатӣ оид ба озод эълон намудани нархи маҳсулоти кишоварзӣ дода шуд, ки ин ба соҳибихтиёрии деҳқон ва ҳавасмандкунии он ҷиҳати парвариши маҳсулот мусоидат менамояд.

Дар ин самт ислоҳоти гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) озодии интихоби истеҳсол ва фурӯши зироатҳои кишоварзиро фароҳам сохт. Дар бисёр майдонҳо тадбирҳои гузаронидани кишти такрорӣ дар

---

[39] Азимов, А.Ч. Ба роҳ мондани фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Суғд [Матн] / А.Ч. Азимов //Ахбори ДДҲБСТ. – 2009. - №2 (38). – С. 78-96

[40] http://khatlon-ruznoma.tj/13032-viloyati-hatlon.html.

заминҳои обӣ, инчунин, ҳалли масъалаи қарзгирии хоҷагиҳои пахтакор иқтидори соҳаро хеле мустаҳкам намуд. Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, хусусигардонии амвол ба тағйироти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ оварда расонид. Дар соҳаи кишоварзии вилоят имрӯз шумораи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ (фермерӣ) маҷмуан 63672 ададро ташкил медиҳанд, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа ва кишвар ҳиссаи махсус доранд (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. - Нишондиҳандаҳои миёнаи солонаи суръати афзоиши корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020**

| Солҳо | Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ | Дигар корхонаҳои кишоварзӣ |
|---|---|---|
| 2016 | 57219 | 3130 |
| 2017 | 57609 | 3898 |
| 2018 | 60212 | 3596 |
| 2019 | 58704 | 2869 |
| 2020 | 63672 | 2887 |
| 2020 нисбат ба 2016 | 111,2% | -7,7% |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти омории вилояти Хатлон, 2021. - С. 328-329.

Вобаста ба таъмини рушди соҳа андешидани як қатор чораҳои зарурӣ ҷиҳати рушди ҳаматарафаи соҳа дар минтақа шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳоли афзоиш қарор дорад, ки ин нишондиҳанда қаноатмандкунанда нест. Ғайр аз ин, саҳми бахши хусусӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ мустаҳкам гардида истодааст. Аз таҳлили маълумоти ҷадвали мазкур бармеояд, ки вобаста ба фароҳам овардани шароит ва додани имтиёзҳо шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда ба меъёри 111,2% афзоиш ёфта, шумораи дигар корхонаҳои кишоварзӣ дар маҷмуъ ба меъёри -7,7% коҳиш ёфтааст, ки ин аз як қатор мушкилоти соҳа гувоҳӣ медиҳад.

**Ҷадвали 2.2. - Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ (ҳазор сомонӣ) | 12905928 | 138390087 | 14042825 | 15505170 | 16985021 | 131,6% |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти омории вилояти Хатлон, 2021. – С. 204.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба зиёдшавии шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 ба андозаи 131,6 фоиз зиёд гардидааст, ки дар ҷадвали 2. 2. оварда шудааст.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини босубот ва мутаносиби сатҳи зиндагии аҳолии кишвар бо маводи хӯрока тавассути афзоиши мунтазам ва устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, инчунин, ҳифзи захираҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Дар сатҳи минтақа, новобаста аз имкониятҳои мавҷуда ва корҳои анҷомгардида, рушди маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар муқоиса ба соли таҳлилӣ зиёд мебошад. Аз таҳлили ҷадвали 2.2. маълум аст, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда (ҳазор сомонӣ) 131,6% афзоиш ёфта, нишондиҳандаи мазкур ба сари аҳолӣ 0,3 б.ф зиёд гардидааст. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ додани озодии парвариши зироати кишоварзӣ иқтидори истеҳсолии соҳаро устувор намуда, суръати рушдро таъмин менамояд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани ислоҳоти замин, таҷдиди хоҷагиҳо ва қабули барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, тухмипарварӣ ва таъминот бо техникаи кишоварзӣ ба рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшид. Вобаста ба ин, дар ҳама шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тамоили зиёдшавӣ дошта, рушди он ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2. 3. - Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2016-2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳид и ченак | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2016 нисбат ба 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ғалладона (бо ҷуворимакка)** | тонна | 870351 | 903125 | 822560 | 870256 | 985322 | 113,2% |
| **Пахта** | тонна | 193050 | 259277 | 178760 | 266789 | 277221 | 146,6% |
| **Картошка** | тонна | 245409 | 162677 | 216540 | 222943 | 193104 | -21,3% |
| **Сабзавот** | тонна | 954391 | 1021222 | 1198327 | 1258992 | 1470697 | 154,0% |

| | | | | | | Идомаи ҷадвали 2.3. | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Полезиҳо** | тонна | 463163 | 482440 | 512434 | 558908 | 589089 | 127,1% |
| **Меваҷот** | тонна | 158936 | 173877 | 188468 | 201535 | 209094 | 131,5% |
| **Ангур** | тонна | 99976 | 101419 | 104536 | 106025 | 107453 | 107,47% |
| **Чорвои калони шохдор** | сар | 944806 | 968142 | 981129 | 994207 | 1010971 | 107,0% |
| **Аз ҷумла модагов** | сар | 480763 | 495244 | 503147 | 508444 | 514598 | 107,03% |
| **Гӯсфанду буз** | сар | 2211247 | 2262071 | 2307491 | 2333207 | 2400223 | 108,5% |
| **Паранда** | сар | 1772540 | 1809171 | 1822763 | 2045987 | 2205214 | 124,4% |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020. Маҷмуаи оморӣ//Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон.- С. 231 -266.

Аз таҳлилҳои ҷадвали 2.3. бармеояд, ки дар минтақаи Хатлон қариб дар ҳама намудҳои истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ зиёдшавӣ мушоҳида мегардад, ки натиҷаи андешидани як қатор чораҳои зарурӣ мебошад. Ҳамзамон, аз таҳлилҳо маълум аст, ки соли 2020 дар муқоиса ба соли 2016 истеҳсоли ғалладона 113,2%, пахта 46,6%, сабзавот 154,0%, полезиҳо 127,1%, меваҷот 131,5%, ангур 107,47%, чорвои калони шохдор 107,0%, аз он ҷумал, гӯсфанду буз 108,5, паранда 124,4% афзоиш ёфтааст. Танҳо дар соли таҳлилшаванда истеҳсоли картошка ба андозаи 21,3% коҳиш ёфтааст. Қайд кардан зарур аст, ки маҷмуан то имрӯз дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати рушди ҳаматарафаи соҳа дар минтақа зиёда аз 13 барномаи мақсадноки давлатии соҳавӣ қабул гардидааст. Мутобиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ғалладонагиҳо, пахта, картошка, сабзавот, полезиҳо, меваҷот, афзоиши саршумори чорво ва паранда дар солҳои охир мутаносибан хеле боло рафтааст.

Ҳамин аст, ки дар соли 2020 корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии пахтакори ҷумҳурӣ дар масоҳати 185435 гектар кишти пунбадона гузарониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,12 фоиз ё 236 гектар кам мебошад, аз ҷумла дар вилояти Суғд 58186 гектар, 269 кам, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3074 гектар, 2044 кам мебошад ва ин ҳолат дар вилояти Хатлон 2078 зиёд шудааст, яъне кишти пахта дар 124175 гектар гузаронида шудааст. Аз 124175-и кишти

пахтаи вилояти Хатлон, 99806 гектарашро хоҷагиҳои деҳқонии ҳамин вилоят дар бар мегирад (ҷадвали 2.4.).

**Ҷадвали 2. 4. - Масоҳати кишти пахта дар солҳои 2019-2020 дар ҷумҳурӣ (гектар)**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | Тағйирёбии мутлақ | Тағйирёбии нисбӣ |
|---|---|---|---|---|
| Майдони умумии кишти пахта | 185671 | 185435 | -236 | -0,12% |
| **аз ҷумла:** | | | | |
| Вилояти Хатлон | 122097 | 124175 | 2078 | 1,7% |
| Вилояти Суғд | 58455 | 58186 | -269 | -0,46% |
| НТҶ | 5118 | 3074 | -2044 | -39,9% |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти маҷмуаи оморӣ//Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.95.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2. 4. маълум аст, ки майдони умумии пахта дар минтақаҳои асосии парвариши пахта вилояти Хатлон, вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) 236 ё -0,12 б.ф коҳиш ёфтааст. Камшавии мазкур асосан дар вилояти Суғд 0,46%, НТҶ -39,9% коҳиш ёфтааст. Инчунин, бо мақсади самаранок ва оқилона истифода бурдани заминҳои корами обӣ ва гирифтани ду ва ё зиёда ҳосил аз як замин аз тарафи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонии ҷумҳурӣ баъд аз ҷамъоварии ҳосил дар масоҳати 79770 гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, лӯбиёгиҳо 15452 га, ҷуворимакка барои дон 14396 га, шолӣ 8058 га, зироатҳои техникӣ 2448 га, картошка 210 га, сабзавот 8724 га, полезӣ 3375 га. ва зироатҳои хӯроки чорво 31663,5 гектар.

Аз ҷадвали 2.5 бармеояд, ки гарчанде масоҳати киштзорҳо зиёд гашта бошанд ҳам, заминҳои шудгор қаноаткунанда нестанд. Пас, маълум мегардад, ки заминҳо ба хоҷагиҳои аҳолӣ гузашта шудаанд, аммо бинобар сабаби нарасидани маблағҳо самти фаъолияти чунин корхонаҳо хуб рушд накардааст. Фаъолияти устувори комплекси агросаноатӣ дар рушди гардиши чакана, яъне майдамолӣ ва ташаккули қисми даромади буҷети сатҳҳои гуногун назаррас мебошад.

**Ҷадвали 2.5.-Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020 (гектар)**

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2020 нисбат ба 2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Масоҳати киштзорҳои кишоварзии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ | 1443306 | 1452364 | 1452757 | 1456923 | 1457754 | 101,0% |
| Киштзорҳои обёришавандаи кишоварзии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ | 267554 | 270081 | 272135 | 272236 | 272038 | 101,67% |
| Масоҳати киштзорҳои кишоварзии хоҷагиҳои аҳолӣ | 96111 | 97767 | 97733 | 97723 | 95689 | -0,43%, |
| Киштзорҳои обёришавандаи кишоварзии хоҷагиҳои аҳолӣ | 65214 | 75198 | 65213 | 65212 | 65129 | -0,13% |
| Ҳамагӣ, заминҳои шудгори корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ | 316556 | 325715 | 326303 | 330271 | 32107 | -89,8% |
| Заминҳои шудгори обёришавандаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ | 224827 | 228525 | 230865 | 234354 | 234251 | 104,1% |
| Заминҳои шудгори хоҷагиҳои аҳолӣ | 82255 | 84384 | 84348 | 84386 | 80949 | -1,58% |
| Заминҳои шудгори обёришавандаи хоҷагиҳои аҳолӣ | 55397 | 55576 | 55574 | 55584 | 55298 | -0,17% |

**Сарчашма:** муаллиф аз рӯйи маълумоти Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. - С. 62-69.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ, киштзорҳои обёришаванда, заминҳои шудгори обёришаванда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ натиҷаи манфӣ нишон додаанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020 дар аксар маврид тамоили манфӣ дошта, масоҳати киштзорҳои кишоварзии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ 101,0% афзоиш ёфта, киштзорҳои обёришавандаи кишоварзии корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ низ 101,67% зиёд гардида, масоҳати киштзорҳои кишоварзии хоҷагиҳои аҳолӣ - 0,43%, киштзорҳои обёришавандаи кишоварзии хоҷагиҳои аҳолӣ - 0,13%

кам гардидаанд. Ғайр аз ин, заминҳои шудгори корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ - 89,8% кам гардида, заминҳои шудгори обёришавандаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ 104,1%, заминҳои шудгори хоҷагиҳои аҳолӣ - 1,58%, заминҳои шудгори обёришавандаи хоҷагиҳои аҳолӣ - 0,17% кам гардидаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба паҳлуҳои мусбати соҳаи кишоварзӣ аз соли 2016 то 2020 дар якчанд хоҷагиҳои вилояти Хатлон таҳлил гузаронида шуд ва чунин нишондиҳандаҳо муайян шуданд. Дар соли 2020 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ноҳияи Хуросон 570715 ҳазор сомониро ташкил додааст ва афзоиш назар ба соли 2016 ба 131225 ҳазор сомонӣ расидааст. Дар ин давра тибқи маълумоти омории ноҳия дар хоҷагиҳои ноҳия кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз қабили пахта дар майдони 4374 га, ғалладона 8475 га, сабзавот 970 га, полезӣ 340 га, картошка 334 га, зироатҳои хӯроки чорво 621 га кишт карда шудааст, ки нисбати соли 2016 зиёд буда, танҳо кишти ғалладонагиҳо нисбат ба соли 2016 299 га кам мебошад. Инчунин, хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар соли 2020 47 ҳазору 681 тонна ғалладона бо ҷуворимакка ҷамъоварӣ намудаанд, аз ҷумла картошка 6390 тонна, сабзавот 43303 тонна, полезиҳо 12665 тонна, мевагиҳо 4504 тонна ва 5711 тонна ангур, 10258 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд, ки нисбат ба истеҳсоли ҳамин давраи соли 2016 ғалладона 10505, сабзавот 12458, 1764, меваҷот 500, ангур 121, пахта 3341 зиёд мебошад ва ҷамъоварии картошка нисбат ба соли 2020 558 кам истеҳсол шудааст.

Тибқи нақшаи иҷроиши Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар соли 2020 дар ин ноҳия 1905 га бунёд карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 бунёди боғу токзорҳои нав 200 га зиёд шудааст. Дар ин пешравӣ ҳиссаи боғпарварони хоҷагии деҳқонии «Асадулло»-и ҷамоати деҳоти Фахробод ва хоҷагии деҳқонии «Роғун»-и ҷамоати деҳоти Қизилқалъа хеле калон мебошад.

Инчунин, дар соли 2020 дар ноҳия аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Хуросон чунин маҳсулот: шир 16821 тонна, гӯшт дар вазни зинда 5554 тонна, тухм 6358 ҳазор дона, пашм 133 тонна, асал 17 тонна истеҳсол шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2016 зиёд мебошад ва аз ин

танҳо истеҳсоли пилла 6,0 тонна аст, ки дар соли 2016 17,1 тоннаро ташкил медод. Дар соҳаи чорводорӣ бошад, ноҳия ба натиҷаҳои зерин расидааст: чорвои калони шохдор – 37143 (2016-2269) сар, аз он ҷумла модагов – 12257 (2016 - 842) сар, гӯсолагирӣ – 505 (2016 - 76) сар, чорвои майда 8 339 сар, аз он ҷумла барраю бузгирӣ, ҳамагӣ – 88165 (2016 - 8022) сар, асп – 6197 (2016 - 461) сар ва паранда – 77980 (2016 - 20620) сарро ташкил медиҳад.

Соҳаи асалпарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ маҳсуб ёфта, нисбатан ривоҷ ёфтааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 190 оилаи занбӯри асал ва дар аҳолӣ 530 оилаи занбӯри асал, дар маҷмуъ 720 оилаи занбӯри асал мавҷуд мебошад.

Шудгори заминҳо ва кишту кори тирамоҳӣ айни замон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар ин радиф имрӯзҳо кишоварзони ноҳия баҳри киштукори тирамоҳӣ бисёр корҳоро ба сомон расонидаанд.

Аз ҷумла, нақшаи кишти тирамоҳии зироатҳои кишоварзӣ 150% иҷро карда шуда, мувофиқи нақша дар майдони 3050 га кишти зироатҳои тирамоҳӣ гузаронида мешуд ва дар ин раванд 4772 га кишт гузаронида шудааст, ки аз он ҷумла пиёз 196 га, сабзӣ 41 га, карам 8 га, картошка 104 га ва зироатҳои хӯроки чорво 62 гектарро ташкил медиҳад.

Чунин таҳлил дар ноҳияи Хуросон дар соли 2019 низ гузаронида шуд ва маълум гашт, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2019 475 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2018 33 млн сомонӣ зиёд иҷро гардидааст. Кишти зироати асосӣ - пахта дар майдони 4312 гектар гузаронида шуда, иҷрои дурнамо 100,2 фоиз таъмин гардидааст ва истеҳсоли он дар соли 2019 ба 9821 тонна расонида шуда, ин нишондод нисбат ба соли 2018 1883 тонна ё 124 фоиз зиёд гардидааст. Истеҳсоли ғалладонагӣ 45 ҳазор тонна, сабзавот 35 ҳазор тонна, гӯшт 5063 тонна, шир 16072 тонна, тухм 6,2 миллион дона, меваҷот 4372 тонна, ангур 5675 тонна ва полезӣ 12280 тонна расонида шуда, нисбат ба соли 2018 афзоиш мутаносибан аз 100 то 125 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра саршумори чорвои калон ба 36934 сар, моли майда ба 85245 сар, саршумори паранда ба 77311 сар расонида шуда, нисбат ба соли 2018 саршумори чорвои калон 170 сар, моли майда 1435 сар ва паранда 7071 сар зиёд мебошад. Кишти такрории кишоварзони ноҳияи Хуросон дар майдони 1517 гектар гузаронида шудааст. Аз он ҷумла дар бахши аҳолӣ 1757 гектар ва дар бахши ҷамъиятӣ дар майдони 1760 гектар кишти такрории зироати кишоварзӣ гузаронида шуда, 101 фоизи иҷрои дурнамои кишти такрориро дар ҳамаи бахшҳо ташкил додааст.

Дар соли 2019  50 гектар замин ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудааст ва дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории ноҳия дар майдони 150 гектар боғҳои нав бунёд гардидааст. Бар замми ин, мушкилот дар ин самт низ вуҷуд дорад, ки ин кашидани хатҳои нави интиқоли оби полезӣ бо мақсади обёрии заминҳои бекорхобидаи ҷамоати деҳоти Ғаллаобод мебошад.

Таҳлилҳои соли 2016-2019-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон нишон дод, ки дар ноҳия шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ зиёда аз 4268 адад мебошад, ки 64 адад хоҷагии ёрирасони корхонаҳои кишоварзӣ, зиёда аз 200 адад дигар шаклҳои хоҷагидорӣ фаъолият намуда истодаанд. Аз тарафи ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ва бонкҳои ноҳия ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ ба миқдори 80,3 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки нисбат ба соли 2016 (45,1) – 35,2 млн сомонӣ зиёд аст. Мувофиқи маълумоти оморӣ, соли 2019 аз тарафи хоҷагиҳои кишоварзӣ дар майдони 23 ҳазору 673 га кишти тирамоҳӣ ва баҳории зироатҳо гузаронида шуд, ки ин 100 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад. Истеҳсоли пахта ба 25 ҳазору 396 тонна расидааст, ки ин баробари 101,0 фоизи дурнамо буда, ҳосили бадастомада ба ҳар як гектар майдони пахтазор 23,0 сентнерӣ рост меояд. Аз ҳосили ҷамъоваришуда то ин дам ба нуқтаҳои қабул ва корхонаҳои коркарди пахта 16 ҳазору 850,1 тонна пахта супорида шудааст. Кишоварзони ноҳия дар ҳама бахшҳои хоҷагидорӣ 47 ҳазору 761 тонна ғалладона бо маккаи дон, 77 ҳазору 252 тонна картошка, 87 ҳазору 436 тонна сабзавот, 40 ҳазору 219 тонна полезиҳо, 10182 тонна мева ва 9463 тонна ангур истеҳсол намудаанд, ки ба ҳар

гектар 34,6 сентнер ғалладона, 168,4 сентнер картошка, 242,9 сентнер сабзавот ва 244,9 сентнер полезиҳо рост меояд, ки ин баробари 101-109 фоизи дурнамо мебошад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо дастгирии соҳибкорон 2920 тонна маҳсулоти кишоварзиро ба хориҷи кишвар содир намудаанд, ки ин рақам баробари 127 фоизи нақшаи содироти маҳсулоти соҳаи кишоварзии ноҳия мебошад.

Тавассути ба кор даромадани комплексҳои ширию молӣ, ворид кардани чорвои хушзот ва нигоҳубини онҳо алҳол дар ҳамаи бахшҳои чорводории ноҳия 90,253 сар чорвои калони шохдор, аз он 45,672 сар модагов, 162,551 сар чорвои шохдори майда, 138,455 сар паранда, 6,56 сар асп, 4,368 оилаи занбӯри асал парвариш меёбанд. Дар соли 2016 дар ҳама бахшҳои чорводорӣ 5946,8 тонна гӯшт, 43,077,9 тонна шир, 5 млн 989,1 дона тухм, 346,7 тонна пашм, 29,7 тонна пилла ва 75,3 тонна асал истеҳсол карда шудааст, ки 100 – 101,0%-и дурнаморо ташкил медиҳад. Маҳсулнокии чорво ба ҳолати 1 январи соли 2016 аз 100 сар модагов 69 сар гӯсола, аз 100 сар меш 94 сар барраю бузғола, шир аз як сар модагов 2329 кг, пашм аз ҳар сар гӯсфанд 2,5 кг, тухм аз як сар мокиён 85 дона ва асал аз ҳар як оилаи занбӯр 17,3 кг-ро ташкил медиҳад. Рафти кишти тирамоҳӣ дар ноҳия мувофиқи талаботи агротехникӣ ба роҳ монда шуда, то ин замон дар майдони 8,82 га кишт гузаронида шудааст, ки ин 104%-и нақшаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади иҷроиши Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2006, №1775 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» дар соли 2019 дар ноҳияи Ёвон 129 адад хоҷагии деҳқонӣ таъсис дода шуда, то имрӯз дар натиҷаи таҷдиди сохтори ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ 4524 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода шудааст.

Барои ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои партов дар соли 2019 дар ҳудуди ноҳия аз 25350 гектар замини корами дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ қарордошта пурра ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудааст.

Дар соли 2019 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама бахшҳои хоҷагидорӣ 1 млрд 39 млн 665,0 ҳазор сомонӣ, аз он растанипарварӣ ба 688 млн 230,1 ҳ. сомонӣ ва чорводорӣ ба 258 млн 736,1 ҳ. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2018-ум 97,1 млн сомонӣ зиёд шудааст. Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар соли 2019 дар ноҳияи Ёвон дар майдони 24926 га кишти зироатҳо гузарониданд, ки 101,8%-и нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад. Аз он 6624 га зироатҳои ғалладонагӣ, 219 га картошка, 1809 га сабзавот, аз он 809 га пиёз, 1324 га полезиҳо, ҳамагӣ 11519 га зироатҳои техникӣ, аз он 10956 га пахта ва 399 гектарро зироатҳои хӯроки чорво ташкил медиҳанд. Кишоварзони ноҳияи Ёвон дар ҳама бахшҳои хоҷагидорӣ 41 ҳазору 9963,0 тонна ғалла, 9 ҳазору 738 тонна картошка, 25 ҳазору 94,9 тонна пахта, 79 ҳазору 209,0 тонна сабзавот, 47 ҳазору 747,0 тонна полезиҳо, 10 ҳазору 061,0 тонна мева ва 9 ҳазору 443,0 тонна ангур истеҳсол намуданд, ки ба ҳар гектар 41,9 сентнер ғалла, 175,2 сентнер картошка, 22,9 сентнер пахта, 288,3 сентнер сабзавот ва 308,2 сентнер полезиҳо рост меояд. Дар давоми сол кишоварзони ноҳия дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро 101-103 фоиз таъмин намудаанд.

Гарчанде нақшаи истеҳсоли ғалладона дар хоҷагиҳои кишоварзӣ иҷро шуда бошад ҳам, аммо ҳосилнокии зироатҳои ғалладонаро нисбати ҳисоби миёнаи ноҳия деҳоти Г. Юсуфова 1,8 сентнер, Даҳана 2,0, Обшорон 1,6 сентнер, Ситораи Сурх 1,7 сентнер ва шаҳраки Ҳаёти Нав 1,8 сентнер кам намудаанд. Ҳосилнокии сабзавотро низ ҷамоатҳои деҳоти Г. Юсуфова 2,0 сентнер, Обшорон 1,7 сентнер ва Ситораи Сурх 1,3 сентнер нисбати ҳисоби миёнаи ноҳия кам намудаанд.

Кишоварзони ноҳия дар майдони 6,794 га кишти такрорӣ гузарониданд, ки ин баробари 119,0-% буда, аз он 4 ҳазору 405 га ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 2,389 га ба хочагиҳои аҳолӣ рост меояд. Дар соли 2019 аз ҳисоби кишти такрорӣ 13,863,4 тонна ғалла, 141,6 тонна зироатҳои техникӣ, 13,378,0 тонна сабзавот ва 10 ҳазор тонна полезӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Дар ин сол майдони 20,23,0 га қитъаи замин шудгор гардида, дар 7,809 га замин кишти тирамоҳӣ гузаронида шудааст, ки аз он 6483 га ғалладона, 825 га сабзавот (аз ҷумла 705 га пиёз, 50 га сабзӣ, 55 га карам ва 15 га дигар сабзавотҳо), 102 га картошка ва 399 га зироатҳои хӯроки чорво

мебошад. Рафти шудгори заминҳо дар деҳоти Обшорон ва Г. Юсуфова ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда, аз ҳисоби миёнаи ноҳия аз 2,0 то 1,3% кам мебошад. Кишти зироатҳои тирамоҳӣ бошад, дар деҳоти Обшорон, Г. Юсуфова, Норин ва Ситораи Сурх аз ҳисоби миёнаи ноҳия аз 3,3 то 1,8% кам кишт гузаронидаанд.

Асоси рушди чорводорӣ аз захираи хушсифати хӯроки чорво дар хоҷагиҳои чорводор вобастагии калон дорад. Чорводорони ноҳия дар соли 2019 ба андозаи 45 000 тонна хошоки дурушт ва 3,647 тонна хошоки ширадор захира намудаанд, ки нисбати соли пешин 6,662 тонна хошоки дурушт ва хошоки ширадор 216 тонна зиёд мебошад. Ба ҳар як саршумори шартӣ 15,1 сентнери воҳиди хӯрока тайёр карда шудааст, ки ин нисбати нақша 101,0% ва нисбати соли 2018 ба ҳар саршумори шартӣ 0,7 сентнер зиёд мебошад. Соли 2019 аз тарафи бонкҳои маблағгузор ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба миқдори 24 млн 263,1 ҳ. сомонӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

Дар ноҳияи Ёвон 97,778 сар ҳайвони шохдори калон, ки аз он 50,260 сарро модагов, 183,277 сар бузу гӯсфанд, 199,643 сар паранда, 6,100 сар асп, 4,546 оилаи занбӯри асал парвариш ёфта истода, нисбатан 314 сар ҳайвони шохдори калон, 612 сар моли майда зиёд ва 75368 сар паранда, 25 сар асп ва 106 оилаи занбӯри асал зиёд мебошад. Инчунин, истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда) 11,578,5 тонна, шир 48,491,0 тонна, тухм 7 млн 508,0 ҳазор дона, асал 78,0 тонна, пилла 35,0 тонна ва пашм 379,4 тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 2339,4 тонна гӯшт, 1390,9 тонна шир, 204 ҳазор тухм, 12,9 тонна пашм, 19,1 тонна пилла ва 1,3 тонна асал зиёд мебошад.

Дар бахшҳои ҷамоавӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, 6,463 сар чорвои калони шохдор, аз он 1,684 сар модагов, 23,875 сар чорвои шохдори майда, 81,678 сар паранда, 1,380 сар асп, 357 оилаи занбӯри асал парвариш ёфта истодаанд, ки баробари 101-107%-и нишондиҳандаи дурнамои солона мебошад. Дар бахшҳои ҷамоавӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Ёвон гӯшт 4403,0 тонна, шир 2 ҳазору 111,0 тонна, тухм 292,0 ҳазор дона, пашм 28,4 тонна, асал 7,6 тонна, пилла 35,0 тонна истеҳсол карда шудааст, ки иҷрои он нисбати соли гузашта аз 100,0 то

101,0% таъмин гардидааст.

Маҳсулнокии чорво дар хоҷагиҳои ҷамоавӣ дар соли 2019 аз 100 сар модагов 73 сар гӯсола, аз 100 сар меш 93 сар барраю бузғола, шир аз як сар модагов 2,413 кг, пашм аз ҳар сар гӯсфанд 2,5 кг, тухм аз як сар мокиён 87 дона ва асал аз ҳар як оилаи занбӯр 19,0 кг-ро ташкил медиҳад. Дар ноҳия кишоварзон 11 га боғи нав бунёд намуда, 8 га боғҳои куҳнаро аз нав барқарор карданд.

Алҳол дар ноҳия ҳамагӣ 646 га боғ ва 794 га токзори мевадиҳанда мавҷуд аст. Дар майдони 1,8 га хоҷагии деҳқонии ниҳолпарварӣ фаъолият дорад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо дастгирии соҳибкорон 3657 тонна маҳсулоти кишоварзиро ба хориҷи кишвар содир намудаанд, ки 100,2 фоизи нақшаи содироти маҳсулоти соҳаи кишоварзии ноҳияро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2018 - 807 тонна зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки барои ба кор даровардани заминҳои бекорхобида ва зиёд шудани масоҳати киштзорҳои корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Хатлон ва киштзорҳои обёришаванда ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷиро зарур мешуморем.

**Ҷадвали 2.6. - Ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон (тонна)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2020/2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Ҷамъоварии умумии ҳосили ғалладона ва лӯбиё | 870351 | 903125 | 822560 | 870256 | 985322 | 113,3% |
| Гандум | 605867 | 616935 | 551945 | 581291 | 596204 | -1,59% |
| Шолӣ | 41105 | 42360 | 34399 | 46261 | 55841 | 135,8% |
| Ҷуворимакка барои дон | 138646 | 142766 | 153500 | 150052 | 230171 | 166% |
| Пахта | 193049 | 259277 | 178760 | 266789 | 277221 | 143,6% |
| Зағир | 4321 | 4322 | 4369 | 5010 | 5530 | 127,97% |
| Картошка | 245409 | 162677 | 216540 | 222943 | 193104 | -21,3% |
| Сабзавот | 954391 | 1021221 | 1198327 | 1258992 | 1469760 | 153,9% |
| Полезӣ | 463162 | 482440 | 512434 | 558908 | 589089 | 127,1% |
| Ҷамъоварии умумии ҳосили мева ва буттамева (якҷоя бо ситрусӣ) | 158936 | 173877 | 188468 | 201535 | 209094 | 131,5% |
| Ангур | 99976 | 101419 | 104536 | 106025 | 107453 | 107,4% |

**Сарчашма:** Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. -139-184.

Ташкили муҳити ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон яке аз механизмҳои асосӣ дар сатҳи минтақа мебошад. Вобаста ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷамъоварии умумии ҳосили ғалладона ва лӯбиё соли 2020 дар муқоиса ба соли 2016 -113,2% афзоиш ёфтааст. Аз он ҷумла шолӣ 135,8%, ҷуворимакка барои дон 166%, пахта 143,6%, зағир 127,9%, сабзавот 153,9%, полезӣ 137,1%, ҷамъоварии умумии ҳосили мева ва буттамева 131,5%, ангур 107,4% афзоиш ёфтаанд. Ҳамчунин, ҳосили гандум 101,59% ва картошка -21,3% дар муқоиса ба соли таҳлилӣ кам гардидааст. Вазъи муосири сармоягузорӣ дар минтақа ва дар маҷмуъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим мебозад.

Аз ин рӯ, дар шароити буҳронҳои иқтисодӣ таъмини талаботи бозори ватанӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ якчанд маротиба меафзояд. Ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон, аз он ҷумла ғалладона, лӯбиё, мева ва буттамева дар ҷадвали 2.6. нишон дода шудааст. Таҳлили ҷадвали зерин нишондиҳандаҳои манфии муайяншуда дар минтақа, ин ҷамъоварии ҳосили пахта – 68%, ҷамъоварии ҳосили тамоку 47% ва гандум 93% мебошанд.

**Ҷадвали 2.7. - Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Сомонӣ | Солҳо | | | | | 2020/ 2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ | млн сом. | 14621,7 | 16049,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,4 | 151,0 % |
| Сармоягузории умумӣ | ҳаз. сом. | 2375812,5 | 2185121,0 | 2802570,8 | 2623017,2 | 2404916,0 | 1011, 2% |
| Кишоварзӣ | ҳаз. сом. | 12905928 | 13839087 | 14042825 | 15505170 | 16985021 | 131,6 % |
| Саноат | ҳаз. сом. | 5047705,0 | 6753106,0 | 7294011,0 | 8661055,0 | 8998263,0 | 178,2 6% |
| Сохтмон | ҳаз. сом. | 1122333,2 | 1669251,1 | 710569,2 | 3027913,0 | 2599177,5 | 131,5 % |
| Савдо | ҳаз. сом. | 3749,6 | 3959,5 | 4197,1 | 4461,5 | 4791,7 | 127,7 % |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020. Маҷмуаи оморӣ//Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - С.16, 167-168,304, 430.

Қайд кардан бамаврид аст, ки истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар вилояти Хатлон бо андешидани як қатор чораҳои таъсиррасон тамоили зиёдшавӣ дорад, ки тағйирёбии ин нишондиҳандаро аз ҷадвали мазкур дидан мумкин аст. Вобаста ба ин, аз маълумоти ҷадвали 2.7. дида мешавад, ки дар соли 2020 маҳсулоти минтақавӣ 151,0%, сармоягузории умумӣ 101,2%, кишоварзӣ 131,6% зиёд шудаанд.

Аз ин ҷо муайян кардан мумкин аст, ки дар ҳолати зиёдтар гардидани дараҷаи рушди сармоягузории умумӣ рушди бештари нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақаро таъмин кардан имконпазир аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки аз ҳисоби сармоягузорӣ таъмини базаи моддию техникии минтақа, баланд гардидани ҳосилнокии соҳаҳои иқтисодии минтақа, хусусан соҳаи кишоварзиро ба даст овардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.8. - Майдони кишт ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон дар соли 2019**

| Номгӯй | Майдони кишт дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, га (2019) | Итеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, тонна (2019) | Майдони кишт дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, га (2020) | Итеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, тонна (2020) | Натиҷа | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Майдони кишт % | Ҳаҷми истеҳсол % |
| Ғалладона | 120302 | **508910** | 118100 | **552098** | -1,83% | 108,4% |
| Гандум | 103937 | **366121** | 103003 | **371706** | -0,89% | 101,5% |
| Ҷуворимакка | 3603 | **60243** | 3708 | **89647** | 2,91% | 148,0% |
| Шолӣ | 1773 | **32237** | 1787 | **38879** | 0,78% | 120,6% |
| Пахта | 103352 | **223477** | 99806 | **220344** | -3,43% | -1,4% |
| Картошка | 6239 | **110959** | 2932 | **59276** | -53,0% | -46,5% |
| Сабзавот | 18196 | **676635** | 19264 | **816479** | 5,86% | 120,6% |
| Полезӣ | 11838 | **417888** | 11724 | **434550** | -0,96% | 103,9% |
| Мевагиҳо ва буттамевагиҳо | 32765 | **84432** | 33061 | **89697** | 0,9% | 106,23% |
| Токзор | 6714 | **27838** | 6706 | **28779** | -0,11% | 103,38% |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти оморӣ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ 2021. С.78-187

Ҳосилнокии маҳсулоти соҳаи кишоварзии вилоят аз фаъолияти мусбати фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ низ вобастагӣ дорад. Аммо дар таҷрибаи ноҳияҳои вилоят рушди нокифояи хоҷагиҳои деҳқонӣ низ ба чашм мерасад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2020 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон ба 63672 адад расидааст, ки ин нисбат ба соли 2019 (58704) 4968 зиёд мебошад**.** Майдони кишти зироатҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ 287630 гектарро ташкил медиҳад, ки ин дар соли 2019 - 294088 га буд, яъне 6458 га кам шудааст.

Аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки бо сабаби суст будани базаи моддию техникӣ, рушди ноустувори соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ ва робитаҳои номукаммали ҳамгироии агросаноатӣ истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ, яъне ҷуворимакка ва заминҳои кишти токзорҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ қаноатмандкунанда нест (ҷадвали 2. 9.)

**Ҷадвали 2.9. - Динамикаи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа (ҳаз. сомонӣ)**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Солҳо | | | | | 2020/2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| в.Хатлон | 12905928 | 13839087 | 14042825 | 15505170 | 16985021 | 131,6% |
| Бохтар | 55690 | 61754 | 65123 | 73165 | 87622 | 157,3% |
| Кӯшониён | 990903 | 1012421 | 1067083 | 1099249 | 1213656 | 122,4% |
| Вахш | 828143 | 844320 | 847555 | 909157 | 975855 | 117,8% |
| Хуросон | 439490 | 477302 | 471832 | 519781 | 570715 | 129,8% |
| Дӯстӣ | 586309 | 641197 | 662919 | 729137 | 839896 | 143,2% |
| Қубодиён | 736533 | 783368 | 796414 | 895486 | 924954 | 125,5% |
| Ҷ.Балхӣ | 792149 | 843561 | 796288 | 889970 | 951104 | 120,0% |
| А.Ҷомӣ | 551389 | 582506 | 592620 | 668632 | 716290 | 129,9% |
| Ҷайҳун | 876978 | 1006351 | 1031001 | 1183131 | 1374117 | 156,6% |
| Панҷ | 492994 | 542976 | 551032 | 662427 | 765003 | 155,1% |
| Шаҳритуз | 639527 | 687089 | 727635 | 790985 | 847586 | 132,5% |
| Ёвон | 943304 | 983081 | 942144 | 1076841 | 1139897 | 120,8% |
| Н.Хусрав | 296150 | 321804 | 339530 | 383064 | 462633 | 156,2% |
| Левакант | 109934 | 112861 | 117787 | 126582 | 136596 | 124,2% |
| Кӯлоб | 427983 | 441782 | 465178 | 482032 | 533624 | 124,6% |
| Муъминобод | 483705 | 502006 | 516600 | 545457 | 568394 | 117,5% |
| Восеъ | 684395 | 725027 | 739890 | 850414 | 945269 | 138,1% |
| М.С.А.Ҳамадонӣ | 520988 | 549361 | 564732 | 617421 | 718143 | 137,8% |
| Фархор | 695199 | 834193 | 778921 | 877898 | 954113 | 137,2% |
| Темурмалик | 278152 | 284037 | 288398 | 305626 | 330339 | 118,7% |
| Данғара | 854104 | 962854 | 1014313 | 1124589 | 1196268 | 140,0% |
| Ховалинг | 142054 | 147933 | 157304 | 160794 | 173189 | 121,9% |
| Ш.Шоҳин | 242630 | 243673 | 251062 | 263319 | 270182 | 111,3% |
| Балҷувон | 179174 | 187495 | 195392 | 203310 | 211641 | 118,1% |
| Норак | 58053 | 60134 | 62073 | 66702 | 77936 | 134,2% |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020, С. 204. ҳисоб намудааст.

Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки майдони кишт ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон дар соли 2020 дар аксар номгӯйи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ба назар мерасад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки соли 2020 нисбат ба соли 2019 истеҳсоли ғалладона 108,8%, гандум 101,5%, ҷуворимакка 1048%, шолӣ 120,6%, сабзавот 120,6%, полезӣ 103,9%, меваҳо ва буттамеваҳо 106,23%, токзор 103,38% афзоиш ёфтааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки бо таъсири як қатор омилҳо ва мушкилоти ҷойдошта ҳосили пахта дар муқоиса ба соли 2019 -1,4%, картошка -46,5% коҳиш ёфтаанд. Ҳамзамон, ҷиҳати мушаххасоти истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон мо таҳлили шаҳру ноҳияҳои тобеи Хатлонро дар номгӯйи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ мондем. Тавре аз таҳлили ҷадвали 2.9. бармеояд, новобаста аз бамаротиб зиёд шудани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ҳиссаи он низ дар шаҳру ноҳияҳои алоҳида, ки аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии минтақа истеҳсол шудаанд, дар соли 2020 нишондиҳандаҳои соҳаи комплекси агросаноатӣ дар 25 шаҳру ноҳияи тобеи вилояти Хатлон тамоюли мусбат доранд. Мо ба хулосае омадем, ки барои зиёд намудани ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа давлат метавонад механизми ҳавасмандкунии соҳаи кишоварзиро истифода барад ва бо ин васила, фазои мусоиди сармоягузориро барои соҳибкорони ватанию хориҷӣ фароҳам орад (ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. - Ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/1016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузории умумӣ ҳаз.сом.(дар давоми сол) | 2375812,5 | 2185121,0 | 2802570,8 | 2623017,2 | 2404916,0 | 101,2% |
| Ғалладонагиҳо (тонна) | 870351 | 903125 | 822560 | 870256 | 985322 | 113,2% |
| Ҳосилнокӣ сентнер аз як га. | 34,7 | 35,8 | 35,1 | 35,9 | 36,6 | 105,4% |
| Ҷамъи ҳосили пахта (тонна) | 193049 | 259277 | 178760 | 266789 | 277221 | 143,6% |
| Ҳосилнокӣ, сентнер аз як га. | 16,8 | 21,7 | 14,6 | 21,9 | 22,3 | 132,7% |
| Картошка (тонна) | 245409 | 162678 | 216540 | 222943 | 193104 | -21,3% |
| Ҳосилнокӣ, сентнер аз як га. | 214,0 | 163,0 | 173,4 | 174,9 | 172,0 | -19,6% |
| Сабзавот | 954391 | 1021221 | 1198323 | 1258992 | 1469760 | 153,9% |
| Ҳосилнокӣ, сентнер аз як га. | 253,3 | 263,3 | 272,7 | 280,0 | 288,6 | 113,9% |
| Полезиҳо | 463162 | 482440 | 512434 | 558908 | 589089 | 127,1% |
| Ҳосилнокӣ сентнер аз як га. | 278,7 | 283,5 | 283,8 | 284,0 | 289,1 | 103,7% |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2020 С. 16, 246-254. Кишоварзи ҶТ. Маҷмуаи омории кишоварзӣ 2021. С.139-176. ҳисоб намудааст.

Яке аз мақсадҳои асосии таҳқиқоти анҷомгардида муайян ва рушди ҳосилнокии КАС мебошад, ки дар ин масъала бештар ба маҳсулоти растанипарварӣ ва дигар махсулоти ба ин монанд аҳаммият дода шудааст.

Ба ақидаи мо, зарурати дастгирии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи дотатсионии дар ҷаҳон эътирофгардида пеш меояд, зеро хавфҳои соҳаи кишоварзӣ хело зиёд буда, даромаднокии соҳаи мазкур нисбатан кам мебошанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ин суст будани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, рақобатнопазир будани махсулоти истеҳсолшаванда, таваррум, гаронии андозҳо, дар сатҳи зарурӣ дастрас набудани сармоягузории арзон ба ҳисоб меравад.

Аз маълумоти ҷадвали овардашуда дида мешавад, ки ҳаҷми сармоягузории умумӣ дар соли 2020 нисбати соли 2016 ба минтақа 1,2% зиёд мебошад, ки ба нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзии минтақа бетаъсир намемонад. Дар ин давра ҳаҷми замини пахта дар солҳои охир маҳдуд карда шудааст, ки ин тағйирот ба ҳосилнокӣ низ таъсири худро расонидааст.

**Ҷадвали 2.11. - Динамикаи рушди чорводорӣ дар минтақа дар давраи солҳои 2016-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | 2020/2016 маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Чорвои калони шохдор | Сар | 944806 | 968142 | 981129 | 994207 | 1010971 | 107,0% |
| Аз ҷумла: модагов | Сар | 480763 | 495244 | 503147 | 508444 | 514598 | 107,03% |
| Гӯсфанду буз | Сар | 2211247 | 2262071 | 2307491 | 2333207 | 2400223 | 108,5% |
| Асп | Сар | 56902 | 57614 | 58409 | 58617 | 59127 | 103,9% |
| Паранда | Сар | 1772540 | 1809171 | 1812763 | 2045987 | 2205214 | 124,4% |
| Оилаи занбӯр | Оила | 59180 | 60340 | 61014 | 61439 | 61972 | 104,7% |
| Истеҳсоли гӯшт (бо вазни кушта) | Тонна | 125700 | 137768 | 148017 | 155855 | 172445 | 137,1% |
| Истеҳсоли шир | Тонна | 447070 | 467615 | 487262 | 500871 | 515188 | 115,2% |
| Истеҳсоли тухм | ҳазор адад | 69230 | 75248 | 78923 | 85341 | 102725 | 148,3% |
| Истеҳсоли пашм | Тонна | 4854 | 5028 | 5139 | 5332 | 5465 | 112,5% |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон/Нашрияи оморӣ. – Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 1991-2020, С.260, 262,266, 268, 270, 272, 274 ҳисоб намудааст.

Дар соли 2020 дар вилояти Хатлон 16910 сар гӯсола гирифта шуда, иҷрои нақшаи он 100% иҷро гардидааст ва нисбати ҳамин давраи соли 2016 -2189 сар зиёд мебошад. Аммо ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш,

Қубодиён, Леваканд ва Муъминобод на онқадар қаноаткунанда ба назар мерасад ва дар ноҳияи Шаҳритуз нисбат ба соли 2020 -30 сар кам мебошад. Давоми соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1010971 сар чорвои калон гирифта шуд, ки он нисбати ҳамин давраи соли гузашта 107,0% сар зиёд аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам танзими рушди соҳаи чорводории вилоят дар сатҳи зарурӣ нест, аз ҷумла воридоти маҳсулоти гӯшту шир ва дигар маҳсулот. Заминаи инкишофи онро метавон бо ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва ҳамкории чорводорони хориҷӣ бо таъмин намудани зотҳои серҳосил ҷиҳати инкишофи он роҳандозӣ намуд.

Дар минтақа дар соли 2016 - 145107 адад хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият мекард. Шумораи онҳо дар соли 2020 ба 179005 адад расидааст. Таҷриба нишон дод, ки ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) маблағгузории зиёд ва омилҳои мусоидро талаб мекунад, ки аз инҳо иборатанд: афзоиши талаботи истеъмолкунанда, баланд гардидани нархи маҳсулоти истеҳсолшаванда ва коҳиши хароҷоти энергетикӣ. Аммо то ба ҳол дар соҳа шароити нархгузории қобили қабул мавҷуд нест. Таҳлили иҷтимоию иқтисодии хоҷагиҳо ба сиёсати кишоварзии минтақа нигаронида шудааст. Маҳз дар ҳамин категорияи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ қисми зиёди маҳсулот тавлид мегардад. Даромади аз фурӯш гирифташаванда ба аҳолии минтақа имкон медиҳад, ки хароҷоти зиндагии худро таъмин намоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ташаккул додани консепсия ва таҳияи моделҳои афзалиятноки рушди муносибатҳои ҳамгиродошта дар КАС ба назар гирифтани шароитҳои табиӣ ва иқтисодии минтақаҳо, инфрасохтори афзалиятноки саноатӣ ва иҷтимоӣ ва инфрасохтори бозорӣ хеле муҳим мебошад. Дар баробари ин, меъёр ин афзоиши истеҳсоли маҳсулот, кам шудани арзиши он мебошад. Тавре ки тадқиқот нишон медиҳад, тағйир додани сохтори хоҷагиҳои даромадовар ва корхонаҳои калони махсус, ба мисли комплекси чорводорӣ, парандапарварӣ, комплексҳои гармхона ва ғайра мувофиқи мақсад нест.

Ноҳияҳои маъмурӣ ва вилоятҳо дар мавҷудияти корхонаҳо ва ташкилотҳои саноати коркард, намудҳо, ҳаҷми истеҳсол ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ,

шабакаҳои фурӯш, инфрасохтори бозорӣ, ҷойгиршавӣ дар бозорҳои фурӯш, робитаҳои нақлиётӣ, муносибатҳои мавҷудаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо коркардкунандагон фарқияти калон доранд.

Барои мушаххасгардонии потенсиали вилояти Хатлон дар таъсиси сохторҳои ҳамгироии агросаноатии минтақавӣ ё байниминтақавӣ таҳлили нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии ҳолати кунунии рушди соҳаи кишоварзӣ дар ин минтақа зарур мебошад. Таҳлили мазкур нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ ва маҷмуи саноатии минтақаро дар алоҳидагӣ фаро гирифта, инчунин, баъзе ҷиҳатҳои мусбат ва манфии рушди ин бахшҳоро дар маҷмуъ дар доираи комплекси агросаноатии минтақа инъикос менамояд. Бояд қайд кард, ки таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳаи аграрии вилояти Хатлон барои муайян кардани потенсиали минтақа дар самти ташаккули сохторҳои ҳамгироии агросаноатӣ аҳаммияти бузург дорад.

Нишондиҳандаи стандартӣ ва анъанавӣ ҳиссаи ҳар як соҳа дар сохтори ММД-и кишвар мебошад. Аз ин рӯ, аз ҷониби мо ин нишондиҳанда, дар маҷмуъ барои ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он алоҳида таҳлил гардидааст. Инчунин, барои ба даст овардани маълумоти саҳеҳ ва дақиқи аҳаммиятноки соҳаи кишоварзӣ ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар сохтори ММД нисбат ба қисми истеҳсоли маҳсулот таҳлил карда шудааст (ниг. ҷадв. 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Ҳиссаи истеҳсолоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ММД***

| Солҳо | ММД-и ҶТ млн сомонӣ | Суръати афзоиши ММД нисбат ба соли гузашта (сомонӣ) | Ҳаҷми МММ дар в.Хатлон млн сомонӣ | Ҳиссаи МММ в.Хатлон дар ММД ҶТ бо (%) | Ҳаҷми истеҳсолоти аграрӣ в.Хатлон | Ҳиссаи истеҳсолоти бахши аграрии в. Хатлон ММД, (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 54790,3 | 106,9 | 14620,2 | 26,6 | 12905,9 | 123,5 |
| 2017 | 64434,3 | 107,1 | 16003,7 | 24,8 | 13839,0 | 121,4 |
| 2018 | 71405,9 | 107,6 | 17107,5 | 23,9 | 14042,8 | 119,6 |
| 2019 | 77354,7 | 107,4 | 19664,0 | 25,4 | 15505,1 | 120,04 |
| 2020 | 82543,0 | 104,5 | 22080,5 | 26,7 | 16985,0 | 120,5 |
| Нисбат ба 2016 (%) | 150,6 | - 97,7 | 151,0 | 100,37 | 131,6 | - 87,2 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ//маҷмуаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С.334-335. тартиб дода шудааст.:

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар давраи пеш аз ислоҳот (1991) ҳиссаи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар сохтори ММД-и кишвар 136,5% буд. Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз қисматҳои таркибӣ ва асосии ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҷмуи маҳсулоти истеҳсолшудаи вилояти Хатлон ташкил медиҳад, ки ин ҳисса дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Таҳлили ҷадвали боло нишон медиҳад, ки новобаста аз зиёд шудани ММД ҷумҳурӣ ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшавандаи вилояти Хатлон низ назаррас мебошад, ки ин ҳисса дар ММД-и Тоҷикистон 126,7%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшавандаи кишоварзӣ бошад, 120,5%-и ММД- ро ташкил медиҳад.

Дар давраи таҳлилшаванда бошад, афзоиши ММД дар муқоиса ба соли 2016 150,1% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, ҳаҷми ММД-и вилояти Хатлон дар муқоиса ба соли 2016 ба андозаи 151% афзоиш ёфтааст, аммо дар муқоиса ба ММД-и ҷумҳурӣ кам афзудааст.

Барои муайян кардани имкониятҳои ҳамгироии минтақаи ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мо нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар соли 2020 мавриди таҳлил қарор гирифтанд (ниг. ҷадвали 2.13).

**Ҷадвали 2.13 - Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ барои соли 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Минтақаҳо | | | | | Ҳиссаи вилояти Хатлон нисбат ба нишондиҳандаи умумӣ (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ш. Душанбе | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | НТҶ | |
| МММ | 15570,5 | 1065,0 | 21621,9 | 22080,5 | 13532,6 | 273,8 |
| Масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ, га | 56 | 10531 | 278640 | 426319 | 141188 | 49,7 |
| Истеҳсоли зироатҳои ғалладона бо лубиё, тонна | 2 | 7103 | 351374 | 985322 | 217555 | 58,4 |
| Истеҳсоли пахта, тонна | - | - | 112607 | 277221 | 6187 | 42,8 |
| Истеҳсоли сабзавотҳо, тонна | 2 | 10656 | 560393 | 1469760 | 438549 | 68,6 |
| Истеҳсоли мева ва буттамева, тонна | - | 20736 | 139395 | 209094 | 98577 | 123,7 |
| Чорвои шохдори калон, сар | - | 100028 | 667061 | 1010971 | 613406 | 136,5 |
| Чорвоҳои буз, гӯсфанд, сар | - | 334747 | 1576019 | 2400223 | 1486513 | 141,5 |
| Истеҳсоли гӯшт дар вазни зинда, тонна | - | 8984 | 66594 | 172445 | 52159 | 74,0 |
| Истеҳсоли шир, тонна | - | 17929 | 272960 | 515188 | 214901 | 4,7 мар |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маводи зерин ҳисоб карда шудааст: Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ// Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2021. Саҳ. 335. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон//маҷмуаи оморӣ 2021. Саҳ. 139, 156, 171, 180, 225, 239, 271, 275

Тавре ки мушоҳида мешавад, тибқи маълумоти ҷадвали зерин қариб аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақаҳо ҳиссаи вилояти Хатлон ба ҳисоби миёна 50,4% -ро ташкил медиҳад. Ин нишондод аз он шаҳодат медиҳад, ки таъсиси сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар ин минтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ имконпазир ва қобили тавсия мебошад. Инчунин, бояд қайд кард, ки қариб дар ҳамаи категорияҳои маҳсулоти кишоварзӣ ҳосилнокии истеҳсолкунандагон дар вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон баландтар мебошад.

Хулосаи зербоб

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минтақаи Хатлон яке аз минтақаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, бозори дохилии кишвар қисман бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда мешавад. Ғайр аз ин, новобаста аз мушкилоти ҷойдошта нишондиҳандаҳои рушди вилояти Хатлон мусбат буда, барои рушди он зарурат ба равандҳои ҳамгирошуда зиёд мебошад.

Аз ин лиҳоз, яке аз масъалаҳои асосии рушди КАС ин нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ мебошад. Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки иқтидори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа метавонад пурра ба ҷоннокгардии ҳамгироии пуршиддати агросаноатӣ мусоидат намуда, барои ташаккули сохторҳои ҳамгирогардидаи байнисоҳавӣ шароит фароҳам орад.

## 2.2. Рушди рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақавӣ

Дар солҳои охир дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омаданд, ки ба табдили муносибатҳои амволӣ тавассути равандҳои ғайридавлатӣ ва хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, коркард, хидматрасонӣ ва ассотсиатсияҳои гуногуни онҳо марбутанд. Ин равандҳо омили муайянкунандаи ташаккули иқтисодиёти бисёртарафаи аграрӣ гардида, шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии моликият ташаккул ёфтанд: муштарак, хусусӣ, давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомии шаклҳои гуногун, хоҷагиҳои кооперативӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

Комплекси агросаноатии кишвар дар шароити истиқлолияти нисбӣ ва рақобати шадид ба кор даромад, ки ба рушди соҳаҳои он такони ҷиддӣ бахшид. Бо вуҷуди тағйироти мусбат, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ аз истеҳсолоти хориҷӣ хеле фарқ мекунад.

З.Р. Шарифов, М.С. Эрматов чунин шарҳ додаанд, ки рушди кооператсия ва ҳамгироии агросаноатӣ дар айни замон омили калидӣ барои афзоиши потенсиали молиявии такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Онҳо мафҳумҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирии агросаноатиро дар ҷанбаи иқтисодӣ баррасӣ карда, намудҳо ва хусусиятҳои онро тавзеҳ додаанд.[41]

Рушди корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити вазнин, ки бо буҳрони низомӣ, мушкилоти ислоҳоти иқтисодиёти кишвар, мушкилоти муносибатҳои байнисоҳавӣ ва соҳаҳои сохтор ташаккул ёфтааст ва рақобати афзуда дар бозорҳои хориҷӣ барои маҳсулоти кишоварзӣ сурат мегирад. Корхонаҳои минтақавии кишоварзӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингии худ ба душвориҳои вобаста ба тағйирот дар фазои иқтисодии кишвар ва ҷаҳон дучор меоянд.

Иқтисодиёти кишвар дар роҳи гузариш ба рушди инноватсионӣ ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ қарор дорад. Ин ҷо бояд бо андешаи Ф.Г. Газизуллина розӣ шуд, ки боз як ҳолатро нодида гирифтан мумкин нест[42]: таҳкими амали дигар омилҳо ва ҳамзамон, шароити ҳалкунандаи иқтисодӣ оид ба самаранокӣ ва рақобатпазирии ширкат. Инҳо хусусиятҳои даврони муосир, моҳияти иҷтимоию сиёсӣ ва технологии он мебошанд. Ҳамаи ин танҳо дар илми иқтисод, моделҳои рушди иқтисодии ҷомеа инъикос ёфта метавонанд.

Асоси рушди устувори иқтисодиёти миллиро рақобатпазирии соҳаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла рушди афзалиятҳои рақобатии соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳо ташкил медиҳад, ки ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисоди бозорӣ мебошад. Рақобатпазирӣ дар низоми омилҳои муҳити тиҷорати беруна ва дохилӣ баррасӣ карда мешавад, ки дар сатҳи минтақаҳои алоҳида таҳия ва

[41] Шарифов З.Р. Баландбардории самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии вилояти Хатлон [Матн]/ З.Р. Шарифов, М.С. Эрматов// Кишоварз. – Сол2018- №2. - С.206.
[42] Газизуллин Ф.Г. Проблемы воспроизводства общественного продукта в эволюции экономической теории /Ф.Г. Газизуллин // Проблемы современной экономики. - 2014. - № 4 (52). -С. 64.

татбиқи ҳадафҳои стратегии рушдро барои соҳаҳо ва маҷмуаҳои алоҳида пешбинӣ мекунад. Комплекси агросаноатӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти минтақа аст, на танҳо аз омилҳои табиӣ ва иқлимӣ, балки инчунин, таҳдидҳои на он қадар муҳиме, ки аз рақибони воқеӣ ва эҳтимолии муҳити беруна бармеояд, вобаста аст. Варианти охирини таҷдиди ҳадафҳои стратегии рушди соҳаро принсипҳои таъмини рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ муайян менамояд.

Дар байни омилҳои калидие, ки ташаккули бозорҳои минтақавии маҳсулоти кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият медиҳанд, рушди афзалиятҳои рақобатнокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ муҳим аст. Асосноксозии самтҳои стратегӣ бо мақсади баланд бардоштани афзалиятҳои рақобатнокӣ ва ба даст овардани мақоми рақобатнокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси диверсификатсия ва ҳамгироии соҳаҳои алоҳида аҳаммияти махсус дорад ва ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии онҳо на танҳо вазифаи афзалиятноки комплекси агросаноатии вилояти Хатлон аст, балки ба манфиатҳои тамоми сатҳҳои идоракунии ҷумҳурӣ низ таъсир мерасонад. Дар ҷумҳурӣ аҳаммияти содирот ҳамчун омили устувор ва нигоҳ доштани истеҳсолоти минтақавии кишоварзӣ ва инчунин, манбаи мубодилаи асъор барои қонеъ сохтани эҳтиёҷоти дохилии иқтисод меафзояд.

Нақши стратегии содирот аз он иборат аст, ки он бояд воситаи афзун намудани афзалиятҳои мавҷуда ва эҳтимолии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, алахусус соҳаи кишоварзии он гардад ва аз ҳисоби захираҳои табиӣ ва мавҷудияти афзалиятҳои рақобатнокӣ метавонад дар сохтори ҳудудии иқтисодиёти миллӣ ба нуқтаи рушд бирасад.

Аммо динамикаи рушди ин бахш дар давраи аз соли 2016 то соли 2020 пешгӯиҳои оптималии гузариши онро ба бахши муҳимми иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳрик намедиҳад. Бо назардошти андешидани як қатор чораҳои зарурӣ динамикаи содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Ҳамзамон, тибқи маълумоти ҷадвали мазкур нахи пахта 110,8%, бехпиёз 104,1%, себ, нок, биҳӣ 101,8 маротиба, шарбати мева ва сабзавот 105,7 маротиба афзоиш ёфтааст (ниг. ҷадвали 2.1).

Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки содироти ангур 25,5%, меваи хушк 13%, финдиқ 37% коҳиш ёфтаанд.

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи содироти маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. доллари ИМА)**

| Номгӯй | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта | 122646 | 121026 | 165300 | 139600 | 135993 | 110,8 |
| Картошка | 63 | 55 | 8 | 15 | - | - |
| Бехпиёз | 7167 | 2424 | 3612 | 7694 | 7467 | 104,1 |
| Ангур | 2429 | 4051 | 2722 | 1674 | 1809 | -25,5 |
| Себ, нок, биҳӣ | 39 | 46 | 31 | 41 | 110 | 1,8 мар |
| Меваи хушк | 7940 | 5888 | 4961 | 5334 | 6894 | -13 |
| Финдиқ (арахис) | 464 | 470 | 404 | 303 | 291 | -37 |
| Помидори консервашуда | - | - | 9 | 22 | 5 | - |
| Шарбати мева ва сабзавот | 13 | 127 | 26 | 45 | 88 | 5,7 мар |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти оморӣ// Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. 2021. Саҳ. 549, 553, 555, 557,559.

Тибқи маълумоти расмӣ, даромади содиротӣ дар соли 2020 1406,9 млн долл. ИМА-ро ташкил дод, ки дар он ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ (маҳсулоти растанӣ) 25,9 фоизи ҳаҷми умумии содиротро ташкил дод. Манбаъҳои асосии даромади содиротии маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020 ин пахта, себ, нок, биҳӣ, шарбати мева ва сабзавот мебошанд, дар ҳоле ки дигар нишондиҳандаҳо коҳиши содиротро нишон медиҳанд.

Содироти ин маҳсулот ба якчанд омилҳо таъсир мерасонад: аввалан, дурии бозор аз фурӯш ва инфрасохтори суст инкишофёфтаи нақлиёт; дуюм, робитаҳои рушднаёфтаи минтақаҳои Тоҷикистон, бо маҳалҳои релефи кӯҳӣ маҳдудбуда ҳамлу нақли молро мушкил менамояд; сеюм, арзиши нисбатан баланди муомилот имкон медиҳад, ки бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамгиро карда шаванд. Ғайр аз он, ин маҳдудиятҳо барои воридоти маҳсулоти кишоварзӣ аз кишварҳои ҳамсоя саҳм мегузоранд, на барои ҳавасмандкунии истеҳсоли ватанӣ дар минтақаҳои кишвар.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷо корхонаҳои калонтарини агросаноатӣ мутамарказ шудаанд. Потенсиали захираҳои табиӣ, шароити иқлимӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, сохтори демографии аҳолӣ, инчунин, махсусгардонии саноат шароити мусоидро барои рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа фароҳам

меоранд, ки онро дар шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) таъсисёфта дар соли 2016 мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҷумҳурӣ соли 2016 зиёда аз 145107 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият мекарданд, ки ин нишондод дар соли 2020 - 179005 адад хоҷагии деҳқонӣ расид, аз ин дар соли 2020 - 63672 адади хоҷагии деҳқонӣ ба вилояти Хатлон мансуб мебошанд. Корхонаҳои кишоварзии ҷумҳури бошад, дар соли 2016 - 5845 адад ва дар соли 2020 - 4921 аст, ки ин нисбат ба соли 2016 – 924 адад кам мебошад.

Маҳз дар ҳамин сатҳ имкон дорад, ки чораҳои зарурӣ оид ба рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ба таври муассир татбиқ карда шаванд (ниг.ҷадв. 2.2.).

**Ҷадвали 2.2. - Таҳлили муқоисавии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020**

| Минтақаҳо | Нишондиҳандаҳо (тонна) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ, тонна (100%) | Вазни қиёсии маҳсулоти истеҳсолшуда ба ҷамъи умумӣ бо % | Вазни қиёсии маҳсулоти истеҳсолшуда дар соли 2020 муқоиса бо 2016 (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Хатлон** | Пахта | 193049 | 259277 | 178760 | 266789 | 277221 | 1175096 | **12002012** | 1021 | 143,6 |
| | Гандум | 605867 | 616935 | 551945 | 581291 | 596204 | 2952242 | | 405,5 | -16 |
| | Картошка | 245409 | 162677 | 216540 | 222943 | 193104 | 1040673 | | 1153 | -21,4 |
| | Сабзавот | 954391 | 1021221 | 1198327 | 1258992 | 1469760 | 5902691 | | 203,3 | 153,9 |
| | Мева ва буттамева | 158936 | 173877 | 188468 | 201535 | 209094 | 931310 | | 12887 | 131,5 |
| **Вилояти Суғд** | Пахта | 85589 | 117445 | 110294 | 126844 | 112607 | 552779 | **6404493** | 1158,5 | 131,5 |
| | Гандум | 130421 | 122915 | 107082 | 125816 | 139534 | 625768 | | 1023,4 | 379,8 |
| | Картошка | 344882 | 324864 | 415961 | 450322 | 512069 | 2048098 | | 312,7 | 148,4 |
| | Сабзавот | 457958 | 480551 | 517859 | 494914 | 560393 | 2511675 | | 254,9 | 122,3 |
| | Мева ва буттамева | 112699 | 123744 | 139350 | 150985 | 139395 | 666173 | | 961,3 | 123,6 |
| **НТҶ** | Пахта | 6069 | 9785 | 11287 | 9374 | 6187 | 42702 | **4384167** | 10266,8 | 101,9 |
| | Гандум | 170171 | 151990 | 114430 | 126501 | 124797 | 687889 | | 637,3 | -26,7 |
| | Картошка | 256676 | 244141 | 296594 | 294801 | 291260 | 1383472 | | 316,8 | 113,4 |
| | Сабзавот | 320264 | 340463 | 391811 | 417978 | 438549 | 1809065 | | 242,3 | 136,9 |
| | Мева ва буттамева | 73756 | 87648 | 99922 | 101136 | 98577 | 461039 | | 950,9 | 133,6 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти оморӣ// Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саҳ.143-180

Масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ яке аз масъалаҳои мушкилтарин ва таъхирнопазир ба ҳисоб меравад ва он метавонад дар сатҳи минтақаҳои кишвар ҳалли худро ёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи муқоисавии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли афзоиш қарор дошта, рушди он дар ҳама минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ба назар мерасад.

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосии рушди иқтисодиёти минтақа ин комплекси агросаноатӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳлили муқоисавии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 нишон медиҳад, ки комплексҳои агросаноатии вилояти Хатлон тамоили зиёдшавӣ доранд. Равандҳои номусоид боиси паст шудани неруи замин ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мешаванд, ки ба амнияти озуқаворӣи кишвар таҳдиди возеҳ эҷод мекунанд.

Дар баробари ин, таҳлил нишон дод, ки истифодаи тухмии дурага (гибрид)-и воридотӣ ба вазъи хоҷагиҳои тухмипарварии ватанӣ таъсири манфӣ расонида, боиси паст гардидани ҳосилнокии кишоварзӣ шуда, ба бад шудани қабати хок ва истифодаи низомҳо ва технологияҳои вайронкунандаи хок ба фарсудашавии заминҳои кишоварзӣ оварда расонид.

Арзёбии кам шудани майдони кишти пахта нишон медиҳад, ки ин коҳиш ба ҳосилнокӣ ва ҳосили умумии пахта таъсир нарасонидааст ва ба ин васила, бартарии рақобатии вилояти Хатлон дар истеҳсоли ин маҳсулот вуҷуд дорад. Бо вуҷуди истифодаи низоми ташаккулёфтаи бозор (тавассути механизми пешниҳод ва талабот) ба тағйироти сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсири муайяне дар болоравии нишондиҳандаҳои асосии бозори маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд аст.

Механизми татбиқи ҳадафҳои стратегӣ оид ба рушди афзалиятҳои рақобатнокии соҳаи кишоварзӣ дар минтақа бояд ба низоми идоракунии стратегии беҳбудии минтақа асос ёбад, ки банақшагирии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, таҳияи консепсияи рушд, пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, барномаи мақсадноки рушди минтақа ва алгоритми онро дар бар гирад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарорҳои дахлдор таҳия карда шаванд, ки аз муайян кардани чунин вазифаҳои афзалиятнок дар самти

ташкили муҳити рақобат дар самти расидан ба ҳадафҳои рушди ҳамгирой, ба монанди расидан ба истифодаи аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, истифодаи иқтидори истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ, беҳтар кардани ҳолати онҳо иборат аст.

## Ҷадвали 2.3. - Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои истеҳсолии фаъолияти корхонаҳои агросаноатии минтақаи Хатлон дар солҳои 2017-2018

| № | Номгӯи корхонаҳои агросаноатӣ | Номгӯи маҳсулоти | | 2018 нисбат ба 2017 | Арзиши | | 2018 нисбат ба 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Истеҳсолшуда дар намуди аслӣ | | (бо %) | маҳсулоти истеҳсолшуда | | (бо %) |
| | | (тонн) | | | ҳазор сомонӣ | | |
| | | 2017 | 2018 | | 2017 | 2018 | |
| **Хаҷми истехсоли махсулоти агросаноатии вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| **Маҳсулоти ҳасибӣ** | | | | | | | |
| 1. | ҶММ «Ориён Рустам», Кӯлоб | 30,20 | 21,50 | 71,00 | 228,30 | 249,20 | 109,10 |
| 2. | «Баҳодур-С», Бохтар | 6,70 | 1,40 | 20,80 | 53,60 | 11,20 | 20,80 |
| 3. | ҶДММ «Орзу 2004» | 44,00 | 33,80 | 76,80 | 286,30 | 371,60 | 129,70 |
| 4. | ҶДММ «Лазиз», Бохтар | 43,30 | 44,20 | 102,00 | 431,90 | 434,80 | 100,60 |
| | **Ҳамагӣ** | **313,50** | **300,30** | **95,70** | **1149,70** | **1226,30** | **106,60** |
| **Маҳсулоти ширӣ – тонна** | | | | | | | |
| 1. | Комбинати Шири Кӯлоб | 30,40 | 98,50 | 324,00 | 226,80 | 88,90 | 39,10 |
| 2. | ҶММ «Ёсуман», Муминобод | 22,90 | 23,40 | 102,10 | 132,50 | 148,30 | 111,00 |
| 3. | ҶММ «Зуҳал М», Кӯлоб | 47,50 | 34,50 | 72,60 | 230,40 | 156,40 | 67,80 |
| 4. | Комрон Агро Холдинг Ёвон | 118,10 | 123,00 | 104,10 | 908,50 | 513,80 | 56,55 |
| 5. | ҶММ «Саодат», Хуросон | 47,50 | 49,70 | 104,60 | 478,20 | 499,70 | 104,40 |
| 6. | ҶММ «Ориён Рустам», Кӯлоб | 7,20 | 1,30 | 18,00 | 29,70 | 1,30 | 4,30 |
| 7. | ҶММ «Шукрона», Фархор | 27,90 | 40,70 | 145,80 | 158,20 | 211,50 | 133,60 |
| 8. | ҶДММ кх «Ҳоҷиён – 2» | 20,00 | 22,40 | 112,00 | 33,10 | 116,80 | 352,80 |
| 9. | ҶММ «Фараҳноз Ч», Кӯлоб | 10,00 | 3,70 | 37,00 | 37,00 | 3,70 | 10,00 |
| 10. | ҶДММ «Солеҳҷон-М», Фархор | 2,80 | 2,90 | 10,30 | 5,20 | 18,10 | 348,07 |
| 11. | ҶДММ «Осиё+М», Бохтар | 46,30 | 47,90 | 103,40 | 277,80 | 473,30 | 170,30 |
| 12. | «Бобои Нурмаҳмад», Бохтар | 36,20 | 14,60 | 40,33 | 135,00 | 128,50 | 95,10 |
| 13. | ҶДММ «Шири Нуробод», Нуробод | 13,40 | 25,00 | 186,50 | 26,50 | 53,90 | 203,30 |
| 14. | КТ «Нуфузи Вахш» | 11,50 | 31,30 | 272,10 | 108,30 | 150,30 | 138,70 |
| | **Ҳамагӣ** | **1288,00** | **1181,10** | **91,70** | **3086,80** | **6136,70** | **198,80** |
| **Маҳсулоти яхмос** | | | | | | | |
| 1. | Комбинати шири Кӯлоб | 3,70 | 4,30 | 16,22 | 18,10 | 770,00 | 4154,14 |
| 2. | ҶММ «Осиё + М», Бохтар | 46,30 | 47,90 | 3,46 | 463,20 | 479,30 | 3,48 |
| 3. | ҶММ «Анис Т», ш, Кӯлоб | 3,70 | 4,70 | 27,03 | 32,20 | 33,40 | 3,73 |
| | **Ҳамагӣ** | **204,40** | **283,00** | 38,45 | **549,60** | **4290,90** | 680,73 |
| **Равғани растанӣ** | | | | | | | |
| 1. | ҶДММ «Эҳтиром», Бохтар | 19,50 | 10,90 | -44,10 | 7,60 | 208,50 | 2643,42 |
| 2. | «АТО», Ёвон | 251,00 | 196,70 | -21,63 | 1834,10 | 1488,30 | -18,85 |
| 3. | Равғани Сомони Бохтар | 31,60 | 31,90 | 0,95 | 221,20 | 239,20 | 8,14 |

*Идомаи ҷадвали 2.3.*

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Х/З «Зиёратшоҳ», Фархор | 137,40 | 322,10 | 134,43 | 1211,70 | 2866,60 | 136,58 |
| 5. | ҶДММ «Билол-17», н. Ҳамадонӣ | 45,80 | 39,00 | -14,85 | 392,00 | 218,90 | -44,16 |
| 6. | ООО «Ориён», Балхӣ | 43,60 | 8,00 | -81,65 | 10,00 | 88,00 | 780,00 |
| 7. | ҶСК «Равгани Сарой-камар», Панҷ | 3,60 | 6,70 | 86,11 | 21,60 | 52,20 | 141,67 |
| 8. | ҶСК «Нури Сарбанд» (РухшонаТ) | 1,80 | 0,00 | | 12,60 | 0,00 | -100,00 |
| 9. | ҶДММ «Ватан ҶХҶ», Бохтар | 20,40 | 20,50 | 0,49 | 146,90 | 153,50 | 4,49 |
| 10. | ҶДММ «Бохтар Инвест-коттон», Кӯшониён | 25,40 | 5,00 | -80,31 | 45,40 | 24,70 | -45,59 |
| 11. | ҶДММ «Илҳом», Ҳамадонӣ | 10,30 | 0,00 | | 69,00 | 0,00 | -100,00 |
| 12. | ҶДММ «Анис-2010», Леваканд | 24,40 | 21,60 | -11,48 | 219,60 | 212,10 | -3,42 |
| 13. | ҶДММ «Ашури Сафарзод», н,Вахш | 2,40 | 5,00 | 108,33 | 12,30 | 23,40 | 90,24 |
| 14. | «Равғани Сарбанд» (к/х) Леваканд | 2,30 | 0,00 | | 19,40 | 0,00 | -100,00 |
| | **Ҳамагӣ** | **6651,30** | **9537,00** | 43,39 | **8451,10** | **73219,00** | 766,38 |
| **Махсулоти нонӣ** | | | | | | | |
| 1. | ҶС «Баракат-1», Бохтар | 40,70 | 41,70 | 2,46 | 158,00 | 160,60 | 1,65 |
| 2. | ҶСШК «Даврон – К», Кӯлоб | 45,00 | 49,60 | 10,22 | 165,10 | 169,00 | 2,36 |
| 3. | ҶСШП «Восеъ», Восеъ | 24,30 | 27,50 | 13,17 | 99,60 | 93,10 | -6,53 |
| 4. | ҶСШК «Ком шири Кӯлоб Некрӯз» | 16,30 | 8,20 | -49,69 | 91,40 | 640,00 | 600,22 |
| 5. | ҶММ «Султони», Восеъ | 80,20 | 19,20 | -76,06 | 264,90 | 63,40 | -76,07 |
| 6. | ҶДММ «Фарогат», н. Фархор | 29,30 | 23,20 | -20,82 | 109,30 | 99,60 | -8,87 |
| 7. | ҶДМ «Юсуфҷон», Муминобод | 7,10 | 3,60 | -49,30 | 15,20 | 7,90 | -48,03 |
| | **Ҳамагӣ** | **292,50** | **65058,10** | 22142,09 | **908,10** | **177341,90** | 19428,90 |
| **Истеҳсоли орд** | | | | | | | |
| 1. | «Хӯшаи Гандум», Данғара | 349,20 | 279,40 | -19,99 | 1002,00 | 824,00 | -17,76 |
| 2. | ҶСК «Суғдиён», Кӯлоб | 4859,30 | 1858,50 | -61,75 | 4791,00 | 699,60 | -85,40 |
| 3. | ҶДММ «Хушсифат», Темурмалик | 26,80 | 19,30 | -27,99 | 11,30 | 41,10 | 263,72 |
| 4. | КВД «Захираҳои моддӣ», Леваканд | 793,90 | 886,10 | 11,61 | 2331,00 | 2461,00 | 5,58 |
| 5. | ҶММ «Чипарис-2010», н,Ёвон | 143,80 | 0,00 | -100,00 | 108,10 | 0,00 | -100,00 |
| 6. | ҶДММ «Фирӯз-2008», ҲамадонӢ | 2,20 | 3,90 | 77,27 | 4,40 | 7,60 | 72,73 |
| | **Ҳамагӣ** | **6454,30** | **309974,00** | 4702,60 | **9027,80** | **95487,00** | 957,70 |
| **Меваи хушк** | | | | | | | |
| 1. | Хоҷагии «Хайём», Муминобод | 12,00 | 40,70 | 239,17 | 40,00 | 143,50 | 258,75 |
| 2. | ҶММ «Р,Мирзоев», Муминобод | 18,30 | 41,20 | 125,14 | 65,80 | 105,60 | 60,49 |
| 3. | КИ «Беҳбудӣ», Кӯшониён | 5,00 | 4,50 | -10,00 | 7,50 | 13,50 | 80,00 |
| 4. | ҶДММ «Тухфаҳои Табиат», Муминобод | 14,50 | 0,00 | -100,00 | 50,40 | 0,00 | -100,00 |
| 5. | ҶДММ «И,Сомонӣ», Балхӣ | 3,00 | 1,00 | -66,67 | 9,00 | 3,00 | -66,67 |
| | **Ҳамагӣ** | **52,80** | **89,00** | 68,56 | **172,70** | **275,60** | 59,58 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот

Таҳлилҳои нишондиҳандаҳои истеҳсолии фаъолияти корхонаҳои агросаноатии минтақа нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2018 53 адад корхонаи агросаноатӣ фаъолият менамуданд, ки онҳо маҳсулоти гуногуни хӯрокворӣ истеҳсол мекарданд, аз ҷумла ба истеҳсоли махсулоти ҳасибӣ 4 адад корхонаи агросаноатӣ машғул буд, ки ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар соли 2017- 313,5 тонна бо арзиши 1149,70 ҳазор сомонӣ ва соли 2018- 300,3 тонна бо арзиши 1226,3 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Инчунин, 14 адад корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ фаъолият мекард, ки онҳо дар соли 2017- 1288 тонна бо арзиши 3086,80 ҳазор сомонӣ маҳсулот коркард кардаанд, ки ин дар соли 2018- 1181,10 тонна бо арзиши 6136,70 ҳазор сомонӣ расидааст.

Маҳсулоти яхмосиро 3 адад корхонаи агросаноатӣ истеҳсол мекунанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2017- 204,40 тонна бо арзиши 549,60 ҳазор сомониро ташкил додааст ва дар соли 2018 бошад, 283 тонна бо арзиши 4290,90 ҳазор сомонӣ расид. Коркарди равғани растанӣ дар ин минтақа аз ҷониби 14 корхона ба роҳ монда шудааст, ки маҳсулоти истеҳсолшуда дар соли 2017 – 6651,30 тонна бо арзиши 8451,10 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2018 ба миқдори 9537 тонна, бо арзиши 768,38 ҳазор сомониро ташкил додааст. Истеҳсоли маҳсулоти нонӣ аз ҷониби 7 корхона ба роҳ монда шудааст, ки ин дар соли 2017- 292,50 тонна бо арзиши 908,10 ҳазор сомонӣ расидааст ва дар соли 2018 бошад, ин миқдор ба 65058,10 тонна бо арзиши 1773341,90 ҳазор сомонӣ расонида шуд. Шумораи корхонаҳои ордистеҳсолкунанда 6 ададро ташкил медиҳад, ки дар соли 2017- 6454,30 тонна бо арзиши 9027,80 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2018 бошад, ин нишондиҳанда 309974 тонна бо арзиши 95487 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Ба истеҳсоли меваи хушк 5 корхона дар минтақа машғуланд, ки чунин нишондиҳандаҳоро доранд. Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2017 - 52,80 тонна бо арзиши 172,70 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2018 - 89,00 тонна бо арзиши 275,60 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи самаранокии иқтисодии растанипарварӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2010-2018**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | Ғалладона | Картошка | Пиёз | Помидор | Бодиринг | Карам |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти афзоиш, сомонӣ, га | 2010 | 215,9 | 1805,1 | 1211,3 | 1702,4 | 1675,9 | 1525,2 |
| | 2018 | 267,6 | 2018,3 | 1878,6 | 2262,0 | 2092,6 | 1794,6 |
| Ҳосилнокӣ, сент., га | 2010 | 28,1 | 226,3 | 218,8 | 211,9 | 191,0 | 189,1 |
| | 2018 | 34,9 | 173,4 | 309,4 | 268,2 | 251,2 | 237,2 |
| Арзиши аслӣ, сомонӣ, сент. | 2010 | 150,0 | 156,3 | 100,0 | 134,1 | 150,0 | 129,0 |
| | 2018 | 136,0 | 222,8 | 103,0 | 135,1 | 132,8 | 122,1 |
| Нархи миёнаи фурӯш, сомонӣ, сент. | 2010 | 157,0 | 163,0 | 142,0 | 197,0 | 211,0 | 213,0 |
| | 2018 | 174,7 | 242,0 | 148,0 | 227,0 | 224,0 | 203,0 |
| Даромад аз фурӯш, сомонӣ, сент. | 2010 | 441,2 | 3688,3 | 3116,4 | 4174,4 | 4030,1 | 4027,8 |
| | 2018 | 609,7 | 4196,7 | 4579,1 | 6088,1 | 5626,9 | 4815,2 |
| Фоида аз як сент., сомонӣ | 2010 | 225,3 | 1883,2 | 1805,1 | 2427,0 | 2354,2 | 2502,6 |
| | 2018 | 342,1 | 2178,0 | 2700,6 | 3826,1 | 3534,3 | 3020,6 |
| Сатҳи даромаднокӣ бо % | 2010 | 14,3 | 14,3 | 37,6 | 45,2 | 40,4 | 64,0 |
| | 2018 | 27,6 | 8,3 | 43,7 | 68,5 | 68,9 | 66,9 |

**Сарчашма: Паёми** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2020. - С.63

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.4. нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон дар 9 соли охир (2010-2018) даромаднокии истеҳсолоти намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ мунтазам афзуда, дар соли 2018 ба 66,9% расидааст. Ин натиҷа аз ҳисоби афзоиши назарраси ҳосили намудҳои асосии озуқа, сари вақт ҷорӣ намудани поруҳои органикӣ, интихоби тухмиҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки баландсифати ба шароити минтақа мувофиқ, навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, мубориза бар зидди ҳашарот ва касалиҳои растанӣ, сари вақт ҷамъ намудани ҳосил, инчунин, кам кардани хароҷоти меҳнат барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот ва паст кардани арзиши аслии он ба даст оварда шуд[43].

[43] Мадаминов, А.А. Мушкилоти баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти растинипарварӣ дар вилояти Хатлон /А.А. Мадаминов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ .– 2020. - С.63.

Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи даромади бадастовардашуда ба корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон имконияти васеъ намудани такрористеҳсолоти маҳсулоти соҳаи растанипарвариро медиҳад, ки дар натиҷа ба беҳтар намудани ҳолати иқтисодии корхонаҳои агросаноатӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳоли оварда мерасонад.

Таҳлили муносибатҳои субъектҳои агросаноатӣ ва нақши сохторҳои ҳамгирогардида дар ин муносибатҳо барои муайян ва амалӣ кардани чораҳои мусоид барои робитаи мутақобилан судманд миёни онҳо мусоидат мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми таҳлили муқоисавии муносибатҳо байни соҳаи кишоварзӣ бо соҳаҳои саноати коркард метавон хусусиятҳои хос (масалан, минтақавӣ), балки хусусиятҳои умумиро низ ошкор намуд.

Ҳамгироии агросаноатӣ бисёрҷанба аст ва дар шаклҳои гуногун, пеш аз ҳама, бо назардошти он ки ин раванд дар кадом сатҳ сурат мегирад, дар миқёси минтақа ё дар сатҳи корхонаҳо зоҳир мешавад. Шаклҳои ҳамгироии агросаноатӣ, инчунин, вобаста ба дараҷаи ягонагии технологӣ ва ташкилии соҳаҳои кооперативӣ фарқ мекунанд. Ба хусусияти равандҳои ҳамгироӣ хусусиятҳои соҳаҳои алоҳида, хусусияти маҳсулоти бадастомада ва технологияи истеъмоли онҳо низ таъсири калон мерасонанд. Он, инчунин, аз вазъи иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ, дараҷаи ихтисоси хоҷагии онҳо вобаста мебошад. Чунки ҳамаи ин шароитҳо (сохтори соҳавӣ, сатҳи рушди хоҷагӣ ва ғайра) вобаста ба минтақаҳо фарқ намуда, хусусиятҳои минтақавӣ ба шаклҳои ҳамгироии агросаноатӣ низ таъсир мерасонанд.

Дар саросари кишвар ҳамгироии агросаноатӣ дар таҳкими робитаҳои байнисоҳавии соҳаи кишоварзӣ, дар ташаккул ва рушди маҷмуаҳои иқтисодии миллӣ, озуқаворӣ (соҳавӣ) ва минтақаҳои агросаноатӣ ифода ёфтааст.

Зеркомплексҳои озуқаворӣ соҳаҳои агросаноати миллӣ, аммо танҳо бо истинод ба бахши мушаххаси кишоварзӣ дар бар мегиранд. Метавон дар бораи зерсохторҳои агросаноатии ғалладонагӣ, сабзавот, пахта, шир ва дигар зерсохторҳо суҳбат намуд. Ба ҳар кадоми онҳо истеҳсоли маҳсулоти дахлдор

дар соҳаи кишоварзӣ; истеҳсоли таҷҳизот ва дигар воситаҳои истеҳсолот, рушди технологияҳо, рушди селексия, илм барои ин соҳа; харид, интиқол, нигаҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулот дар ин соҳа дохил мешаванд.

Зеркомплексҳои агросаноатии кишоварзӣ хусусияти худро доранд, чунки барои дилхоҳ соҳа таҷҳизот, технология, воситаҳои интиқол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот зарур мебошад. Корҳои илмию таҳқиқотӣ ва зотпарварӣ бо асолати худ фарқ мекунанд. Самаранокии зеркомплексҳо аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки чӣ тавр хусусияти соҳаҳои алоҳидаи ташаккулёфтаи онҳо ба назар гирифта мешаванд.

Комплексҳои агросаноатии минтақавӣ маҷмуи соҳаҳои дахлдори ин қаламравро фаро мегиранд. Албатта, маҷмуи бахшҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ хизмат мерасонанд, дар минтақаҳои алоҳида якхел нест ва метавонанд аз сохтори он дар тамоми кишвар ба таври назаррас фарқ кунанд. На дар ҳамаи минтақаҳо корхонаҳои истеҳсолкунандаи техника ва нуриҳо барои деҳа мавҷуданд. Аммо дар дилхоҳи онҳо як низоми хизматрасонии истеҳсолӣ ва техникӣ барои соҳаи кишоварзӣ вуҷуд дошта, соҳаҳое ҳастанд, ки бо харид, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд. Аз ин рӯ, байни хоҷагии қишлоқ ва бахшҳое, ки ба он хизмат мерасонанд, робитаи мустаҳками саноатӣ ва иқтисодӣ мавҷуданд ва барои оқилона сохтани робитаҳои байнисоҳавӣ ва рушди мутавозини комплекси агросаноатӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тавр, дар ҳайати корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон сохторҳои мухталифе фаъолият менамоянд, ки маҳсулоти кишоварзиро коркард карда, истеҳсол мекунанд. Ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020- 63672 хоҷагии деҳқонӣ ва 2887 корхонаи кишоварзӣ ҷалб карда шудааст (ниг.ҷад. 2.5).

Коркарди маҳсулот дар 69 корхона, ба мисли корхонаи воҳиди давлатии «Хӯрокворӣ», корхонаи воҳиди давлатии «Ғалла» ва корхонаи воҳиди давлатии «Гӯшту шир», инчунин, 58 корхонаи пахтатозакунӣ ва 23 корхонаи саноати сабук сурат мегирад. Комплексҳои агросаноатии минтақавӣ аз

микёси тамоми кишвар бештар дида, хосияти соҳавӣ доранд. Махсусгардонии кишоварзӣ дар минтақа ба шакл ва сохтори комплекси агросаноатӣ таъсири муҳим ва баъзан ҳалкунанда дорад. Низоми хизматрасонии истеҳсолӣ ва техникӣ, шабакаи корхонаҳо ва муассисаҳо барои харид, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти хусусиятҳои маҳсулоте, ки ихтисоси корхонаҳои кишоварзиро дар ин минтақа муайян мекунанд, ташкил карда мешаванд.

Дар сатҳи корхонаҳо ва ноҳияҳо шаклҳои ҳамгироии агросаноатӣ - корхонаҳои агросаноатӣ, ассотсиатсияҳо ва комбинатҳо, ширкатҳои кишоварзӣ, иттиҳодияҳои минтақавии агросаноатӣ, иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ, низомҳои истеҳсолӣ ва таҳқиқотӣ - истеҳсолӣ мебошанд.

Дар низоми комплексҳои агросаноатии минтақавӣ комплексҳои агросаноатии зинаҳои поёнӣ, бахусус ноҳияҳо аҳаммияти махсус доранд. Ин бо вижагии ташаккули робитаҳои кооперативӣ ҳам дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳам дар робита бо он бо бахшҳои ҳамаҷонибаи комплекси агросаноатӣ вобаста аст. Дар соҳаи кишоварзӣ танҳо дар баъзе соҳаҳо корхонаҳои баландихтисос мавҷуд буда метавонанд.

**Ҷадвали 2.5. - Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон**

| Минтақаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Бо % аз 2016 то 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 | 179005 | 123,3% |
| Вилояти Хатлон | **57219** | **57609** | **60212** | **58704** | **63672** | **111,2%** |
| **Дигар корхонаҳои кишоварзӣ** | | | | | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5845 | 6723 | 5732 | 5000 | 4921 | -15,8% |
| Вилояти Хатлон | **3130** | **3898** | **3596** | **2869** | **2887** | **-7,7%** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи Маҷмуаи оморӣ// Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2021. - С. 328-329;

Истифодаи самарабахши замин ва дигар захираҳо ба ҳам овардани оқилонаи якчанд соҳаҳои ба ҳам алоқамандро тақозо мекунад. Бинобар ин, масъалаҳои ташкили хариди маҳсулот, нигоҳдорӣ ва коркарди онҳо, пеш аз ҳама, дар доираи минтақавӣ, махсусан дар микёси минтақавӣ ҳал карда

мешаванд. Объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот бештар ба ин ҳудуд пайванданд.

Аз ин хотир, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон маҷмуан тамоили зиёдшавӣ доранд. Ғайр ан ин, гуфтан зарур аст, ки корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ тамоили коҳишёбӣ доранд. Ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон -15,8% дар вилояти Хатлон бошад -7,7% коҳиш ёфтаанд. Аммо, раванди ҳамгироии агросаноатӣ ба таъсиси чунин ташаккулот ҳатмӣ нест. Он, инчунин, дар вусъати робитаҳои мустақими шартномавии корхонаҳои кишоварзӣ бо корхонаю ташкилотҳои соҳаҳои ҳаммонанд (соҳаи харид, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулот, хизматрасониҳои кишоварзӣ) зоҳир меёбад.

Дар ҷараёни ҳамгироӣ миёни субъектҳои хоҷагидорӣ инҳо ба даст оварда мешаванд:

- кам кардани хароҷоти таъминоти моддӣ-техникӣ, идоракунӣ;
- муътадилсозии базаи ашёи хом ва мавсимии истеҳсолот;
- тавсеаи имконоти навсозӣ ва таҷдиди равандҳои истеҳсолӣ;
- коҳиш додани арзиши маҳсулот;
-диверсификатсияи истеҳсолот ва афзоиши гуногунрангии маҳсулоти истеҳсолшаванда;
- афзоиши фоида, музди меҳнати кормандон, муътадилии нархҳо ва ғайра.

Дар айни замон яке аз самтҳои муҳимтарини рушди равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин ташкили иттиҳодияҳои ҳамгироӣ (амудӣ ва уфуқӣ) мебошад. Иттиҳодияҳои ҳамгирогардидаи агросаноатӣ дорои гуногуншаклии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, таркиби иштирокчиён, шаклҳои фаъолият, шакли моликият мебошанд. Ташкили сохторҳои ҳамгирогардидаи агросаноатӣ имкон медиҳад, ки сикли пурра ташкил дода шавад: истеҳсол - харид - коркард - фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ. Маҳз иттиҳодияи ҳамгирогардида ба корхонаҳои кишоварзии аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф имконият медиҳад, ки

вазъи молиявии худро беҳтар кунанд, ба талаботи бозор наздик шаванд ва маҳсулоти худро бо шартҳои имтиёзнок пешниҳод кунанд.

Ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд шакли маъмултарини ташкилии воҳидҳои агросаноатии Тоҷикистон мебошанд. Дар вилояти Хатлон назаррастаринашонро қайд кардан бамаврид аст: ҶДММ «Коргоҳи дӯзандагӣ», ш. Бохтар, ҶСП «Комрон Агро Холдинг», н. Ёвон, ҶДММ «Комбинати шир», ш. Бохтар, ҶДММ «Комбинати шир», ш. Кӯлоб, ҶДММ «Саодат», н.Хуросон, ҶДММ «Ориён-Рустам»-и Кӯлоб, ҶДММ «Орди Хатлон», ш.Бохтар, ҶДММ «Агро Фуд-Голд»-и н.Ҷ.Румӣ, ҶДММ «Осиё»-и н. Хуросон, ҶСП «Хушагандум» н. Данғара, ҶСП «Суғдиён»-и Кӯлоб, ҶДММ «Неъмат»-и н.Восеъ, ҶДММ «Пахта-Сухроб»-и н.Кӯшониён, ҶДММ «Насими Вахш»-и н.Кӯшониён ва дигарон.

Нишондиҳандаҳои иқтисодии солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори худро афзун мекунад. Корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тадриҷан истеҳсоли маҳсулоти худро афзун намуда, навъҳои худро васеъ мекунанд. Чунин боло рафтан аз он сабаб имконпазир гардид, ки ин корхонаҳо аз ташкилотҳои кишоварзӣ пайваста ашёи хом мегиранд. Ғайр аз он, баъзе корхонаҳо дорои сармояи гардон гардиданд, ки дар маркетинг ва ташкили фурӯши маҳсулот дар дохил ва хориҷи кишвар истифода мешаванд.

Барои мисол якчанд корхонаҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон, ба монанди ҶММ «Водии Заррин», ҶДММ «Комбинати Шир», хоҷагиҳои деҳқонии «Ҷ. Қайнаров», «Саодат», «Гавҳар Шокир», «Ойшаҳр», «Акмал», «Чоршанбе», «Қайнарбобо», ҶДММ «Қутайба», ҶДММ «Бохтар Инвест Коттон», ҶДММ «Коттон Ансор», ҶДММ «Коттон Сухроб», ҶДММ «Оби Билол», ҶДММ «Ресандаи Хатлон», ҶС «Ф.Саидов», ҶДММ «Сиддиқи Содиқ», ҶДММ «Континентал» ва дигар корхонаҳои агросаноатиро нишон дод.

Масалан, дар н.Кӯшониён хоҷагии зотпарварӣ фаъолият менамояд. Барои беҳтар ва зиёд намудани маҳсулнокии чорво дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия чор

нуқтаи бордоркунии сунъӣ фаъолият дорад, ду фоизи чорво ба таври сунъӣ бордор карда мешавад. Бо мақсади беҳтар намудани зоти чорво Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №501 аз 1 октябри соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» ба тасвиб расидааст, ки дар заминаи он дар ноҳияи мазкур соли 2014 ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Баракати чорводор» ва кооперативи истеҳсолии «Сомон» ба шабакаи хоҷагиҳои зотпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуданд.

ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Баракати чорводор» ва кооперативи истеҳсолии «Сомон» ба хушзоткунии чорво машғул мебошанд, ки пас аз шомил гаштан ба шабакаи хоҷагиҳои зотпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хушзот намудани зотҳои мавҷуда замина мегузоранд. Дар баробари ин, ҷиҳати беҳтар намудани зоти чорво ва гирифтани насли чорвои солим дар ноҳия 1743 сар барзаговҳо (буқаҳо)-и зотӣ, 3383 сар қӯшқорҳои зотӣ ва 107 аспҳои зотӣ парвариш ва нигоҳубин карда мешавад. Дар ноҳия барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки чорво шароити хуб мавҷуд аст (34,5% ё 19168 га майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 21 чарогоҳ мебошад) ва ҳамаи хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо чарогоҳҳои зимистона таъмин мебошанд.

ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Саодат»-и ноҳияи Хуросон бо маблағи 18 миллион сомонӣ дар масоҳати 14,2 гектар замин бунёд гашта, дар он ҷо ду намуди чорвои калони шохдор: - зоти «Сементал» ва «Голштен» парвариш меёбанд. Шумораи чорвоҳо 929 сарро ташкил медиҳад, ки аз он 397 сар модаговҳои ҷӯшоист. Дар хоҷагии мазкур 112 нафар бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин мебошанд.

Ҳангоми арзёбии беҳтаршавии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси усули SWOT-таҳлил тавсия дода мешавад, ки самтҳои зерини стратегӣ қайд карда шаванд:

## Ҷадвали 2.6. - SWOT-таҳлили комплекси ҳамгирошудаи агросаноатии минтақа

| S (тарафҳои қавӣ) | W (тарафҳои заиф) |
|---|---|
| Мавҷуд будани коммуникатсияи роҳҳои автомобилгард ва ҳавоӣ бо бозорҳои калон | Инкишофи нопурраи фаъолияти лизингӣ ва фоизҳои баланди қарзҳо барои мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) |
| Баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои дастгирии давлатӣ тавассути беҳтар кардани сифати лоиҳаҳо, кам кардани гаронии андоз | Суғурта шудани хавфҳои кишоварзӣ |
| Мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, рӯзҳои зиёди офтобӣ дар давоми сол | Кам будани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа |
| Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши зироатҳои растанипарварӣ ва боғдорӣ | Нокифоя будани сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ |
| Мавҷуд будани заминҳои шудгоршаванда ва дигар заминҳо барои бунёди боғу токзори нав | Сатҳи пасти маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир дар бозори берунӣ |
| Мавҷуд будани минтақаҳои озоди иқтисодии “Панҷ”, “Данғара” ва “Кӯлоб” | Нокифоя ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоте, ки метавонист маҳсулоти воридшавандаро иваз намояд |
| Мавҷуд будани қувваи кории мутахассисони соҳибихтисос | Нокифоя будани дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ |
| Дастгирии давлатӣ дар таъмини рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар СУС | Набудани кластерҳои иқтисодӣ дар заминаи корхонаҳои азими саноатӣ бо иштироки корхонаҳои кишоварзӣ |
| Мавҷуд будани маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки дар вилояти Хатлон истеҳсол мешаванд | Корношоям гардидани шабакаҳои обтаъминкунӣ |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз вилояти Хатлон ба бозорҳои дохилию хориҷӣ содирот мешаванд | Ноил нагаштан ба параметрҳои амнияти иқтисодӣ ва озуқаворӣ дар натиҷаи таъсири синергетикӣ дар комплекси агросаноатӣ |
| Захираи бойи оби ошомиданӣ ва полезӣ | Набудани маркази маркетингӣ дар комплекси агросаноатӣ |
| **O (имкониятҳо)** | **T (таҳдидҳо)** |
| Истифодаи усулҳои замонавии обёрии қатрагӣ барои ба даст овардани ҳосили дубора; | Сатҳи баланди бекорӣ |
| Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба рушди соҳибкорӣ | Тағйирталаб будан ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани қисмати инфрасохторҳо |
| Мусоидат намудан ба рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, махсусан кишоварзӣ | Хатарҳои экологӣ, офатҳои табиӣ |
| Беҳтар кардани сифати маҳсулоти кишоварзӣ ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ тавассути усулҳои инноватсионии интихоб, кишт, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории тухмиҳо | Ҷой доштани монеаҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда |
| Нархҳои баланди ҷаҳонии ашёи хоми минералӣ, маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки дар вилояти Хатлон истеҳсол мешаванд | Нокифоя будани дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ |
| Талаботи баланди маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз вилояти Хатлон ба бозорҳои дохилию хориҷӣ содирот мешаванд | Нархи гарони сӯзишворӣ, нафтӣ, равғанҳои молиданӣ ва нақлиёти боркаш |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Хулосаи зербоб

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ яке аз механизмҳои асосӣ ва самараноки рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ дар сатҳи бозори дохилӣ ва хориҷӣ ин ташкили муҳити рақобатнок мебошад, ки ба воситаи он ҳавасмандии рушди бахшҳои алоҳидаи иқтисодӣ дар самти тақвияти равандҳои ҳамгирошуда ҷоннок карда мешаванд. Ба андешаи мо, масъалаи рақобат дар самти равандҳои ҳамгироӣ ба корхонаҳои алоҳида имкон медиҳанд, ки дар заминаи муттаҳид гардонидани муносибатҳои байниякдигарӣ фазои беҳтари муносибатҳои истеҳсолиро ба вуҷуд оваранд.

Стратегияи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он инҳоро дар назар дорад: таҳия ва татбиқи маҷмуи чорабиниҳо дар робита бо таҳкими дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи кишоварзӣ; таҷдиди таҷҳизоти техникӣ ва технологии соҳаи кишоварзӣ; такмили шаклҳои ташкилии идоракунӣ (кластеркунонӣ, диверсификатсия, ҳамгироӣ, махсусгардонӣ, ҳамкорӣ ва ғайра), инчунин такмили ихтисоси кадрҳои хоҷагии қишлоқи минтақавӣ.

Танҳо истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва омӯзиши талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади асоснок кардани стратегия ва тактикаи фаъолияти онҳо (дар ояндаи наздик) метавонад ба рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

## 2.3. Самаранокии фаъолияти сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ

Ҳадафи асосии ҳар як корхона дар иқтисоди бозорӣ ба ҳадди аксар расонидани фоида мебошад. Фоида метавонад самараи иқтисодӣ ҳисобида шавад, зеро он фарқи байни натиҷаҳо, яъне даромад ва хароҷот мебошад. Танҳо аз як таъсир мо наметавонем дақиқ пешгӯӣ кунем, ки оё сиёсати иқтисодӣ судманд ва мақсаднок аст. Самараро бо саъю кӯшиши гуногун ба даст овардан мумкин аст, аз ин рӯ, асоси самаранокии иқтисодӣ таносуби самараи бадастомада аз фаъолияти иқтисодӣ ва захираҳои барои ноил шудан

ба он сарфшуда мебошад. Самаранокии иқтисодӣ аз фоидаи иқтисодӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, метавон муқаррар намуд, ки категорияи баррасишаванда арзиши нисбӣ аст, на мутлақ.

Истилоҳи самаранокии иқтисодиро олимон аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ мекунанд, зеро таҳқиқоте, ки барои омӯзиши самаранокии истеҳсолот гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки ин категория мураккаб ва гуногунҷабҳа аст. Як қатор муаллифон қайд мекунанд, ки самараи иқтисодӣ фарқи байни натиҷаҳои иқтисодии бадастомада ва хароҷот барои ба даст овардани онҳо мебошад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ оид ба самаранокии истеҳсолот ҳамчун категорияи иқтисодӣ, усулҳо, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои муайянкунии он андешаҳои зиёде мавҷуданд.

И.С. Турянский самаранокии иқтисодиро ҳамчун «... қобилияти низом дар раванди фаъолият барои эҷоди самараи иқтисодӣ (самаранокии потенсиалӣ) ва эҷоди воқеии чунин таъсир (самаранокии воқеӣ) ё қобилияти низом барои тағйир додани самараи бештари иқтисодӣ ҳангоми тағйирёбӣ (ва ҳангоми тағйир ёфтани шароити фаъолияти он) назар ба шароити дигар, дарк кардани ин қобилият тавзеҳ додааст”[44].

Масъалаи асосии муайян кардани мафҳуми самаранокии иқтисодӣ дар мавҷудияти равишҳои гуногун барои фаҳмиши он мебошад. Як қатор иқтисоддонҳо ба ҳадди ақал кам кардани хароҷотро принсипи асосӣ меҳисобанд, инчунин, равишҳое мавҷуданд, ки самараи иқтисодиро бо хароҷоти он вобаста карда, ба назарияи имкониятҳои истеҳсолӣ такя мекунанд. Асарҳои баррасишудаи олимон А.Г. Зелднер, К.Р. Макконнел ва К.П. Оболенский, А.Д. Шафронов нишон медиҳанд, ки мафҳуми самаранокӣ бояд ҳамчун асоси умумӣ муайян карда шавад. Як қатор олимон Н.В. Денисова, Н.Н. Кондратев, О.В. Шамина, Т.Н. Флигинских, М.В. Шуварин мегӯянд, ки самаранокии иқтисодӣ тавассути истифодаи дурусти амалии низоми нишондиҳандаҳо ба даст оварда мешавад.

[44] Турьянский, А.В. Опыт и тенденции развития сельскохозяйственной кооперации и агропромышленной интеграции на современном этапе /А.В. Турьянский // Международный сельскохозяй-ственный журнал. – М., 2004. – № 3. – С. 33-38.

Дар асарҳои худ муаллифон В.Н. Туваев ва Е.Г. Гуляев қайд кардаанд, ки дар парвариши чорвои ширдеҳ марҳилаи ташкилӣ ва технологиро ҷудо кардан лозим аст, ки ин имкон медиҳад бидуни хароҷоти зиёдатӣ натиҷаи бештари иқтисодӣ ба даст оварда шавад[45].

Нуқтаи назари Д.Г. Валиев, П.Э. Драчук, В.В. Слептсов, С.А. Шелковникова, М.М. Габдрахманова, П.П. Холодов аз он иборат аст, ки дар марҳилаи кунунии рушди чорводории ширдеҳ дастгирии пурзӯртари давлатӣ зарур аст, ки ба ташкилотҳо имкон медиҳад дар самти дуруст рушд кунанд. О.И. Баринов дар якҷоягӣ бо як гурӯҳи муаллифон иборат аз Т.Г. Юренев, Н.Б. Губер, А.Л. Комишев, А.Н. Чекавинский дар бораи аҳаммияти баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли шир розӣ ҳастанд. Онҳо ба пайдо кардани роҳҳои нави кам кардани хароҷот, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ишора мекунанд.

Ба гуфтаи муҳаққиқ И.Т. Крячков барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ як қатор чораҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки яке аз онҳо тадбирҳои технологӣ мебошад. Афзоиши миқдор ва беҳтар кардани сифати шир, инчунин, арзон кардани арзиши хӯрок барои таъминоти самараноки хӯроки говҳои ширӣ нақши ҳалкунанда дорад. Беҳтар кардани кор дар соҳаи кори байторӣ, ки ин ба баланд бардоштани маҳсулнокии модаговҳо ва бо ин афзоиши ширдиҳии умумӣ мусоидат мекунад[46].

Афзоиши самаранокии иқтисодиро, инчунин, бо ҳамбастагии дурусти соҳаҳо (истеҳсоли ғалладона, лаблабупарварӣ ва ғ.) ба даст овардан мумкин аст, ки ин муҳимтарин шарти рушди самараноки иқтисодиёт мебошад. Илова бар азхудкунии технологияҳои муосир, бояд ба соҳаи чорводорӣ маблағҳои зиёд сарф карда шавад ва азбаски маблағҳои гузошташуда барои муддати тӯлонӣ баргардонида мешаванд, ин соҳа барои сармоягузорон ҷолиб нест.

---

[45] Туваев, В.Н. Методика определения экономической эффективности технологий производства молока в летний период / В.Н. Туваев, Е.Г. Гуляев // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. - 2012. - №3. - С.147-154.

[46] Крячков, И.Т. Организационно экономические меры повышения эффективности производства молока в Курской области / И.Т. Крячков, А.М. Журбенко, А.В. Михилев // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. - 2011. - №2. - С.32-35.

Г.Г. Котов исбот мекунад, ки самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, яъне истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ҳамчун афзоиши миқдор ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзии барои ҷомеа зарурӣ дарк карда шуда, ҳамзамон баланд бардоштани самаранокии истеҳсолии он бошад[47]. Муаллифони гуногун дар таърифи самаранокӣ маъноҳои гуногун медиҳанд. Баъзе иқтисодчиён баҳс мекунанд, ки самаранокиро бояд ҳамчун иқтисодиёти истеҳсолот фаҳмид; дигарон боварӣ доранд, ки ин даромаднокӣ мебошад; фикрҳое мавҷуданд, ки самаранокии иқтисодӣ низоми нишондиҳандаҳо мебошад.

Ба андешаи мо, самаранокии иқтисодӣ бояд аз паҳлуҳои гуногун баррасӣ карда шавад. Дар фермаҳои ширӣ самаранокии иқтисодиро тавассути баланд бардоштани маҳсулнокии модаговҳо, ғизои дуруст тақсимшуда, нигоҳ доштани чорво, яъне самаранокии иқтисодӣ ба даст овардан мумкин аст, ки ин натиҷаи муайяни амалҳо ё маҷмуи тадбирҳо мебошад.

Як мушкили ҷиддии парвариши чорвои ширдеҳ бо сабаби паст будани ҳосилнокии меҳнат, аз сабаби мошинҳо, таҷҳизот ва технологияҳои кӯҳна ба вуҷуд омадаанд. Фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии тамоми заминаи истеҳсолии чорвои ширдеҳ, инчунин, норасоии шадиди кадрҳо ба назар мерасад ва ин ба самаранокии иқтисодии соҳа таъсир мерасонад[48].

Мо бо ин нуқтаи назар мубодила мекунем, ки бидуни навсозии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар заминаи технологияҳои навтарин ва воситаҳои техникӣ самаранокӣ ва рақобатпазирии зерсохторро баланд бардоштан ғайриимкон аст. Дар бисёр соҳаҳо аллакай дар ин самт корҳои ҷиддӣ ҷараён доранд.

Мавқеъҳои В.Н. Туваев ва А.В. Туваевро Ю.Н. Сафронов, О.А. Столяров низ риоя мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки самаранокиро тавассути навсозии саривақтии захираҳои дар ташкилот мавҷудбуда ба даст овардан мумкин аст. Муаллифон мегӯянд, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии

---

[47] Котов, Г.Г. Методы оценки эффективности сельскохозяйственно-го производства /Г.Г. Котов // Экономика сельского хозяйства. – 1970. - № 8. – С.11-21.
[48] Туваев, В.Н. Методика определения экономической эффективности технологий производства молока в летний период / В.Н. Туваев, Е.Г. Гуляев // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. - 2012. - №3. - С.147-154.

чорвои ширдеҳ метавонад рушди заминаи зотпарварии соҳа бошад. Дар сурати дуруст ташкил кардани кор бо рама маҳсулнокии чорво меафзояд.

Муҳаққиқ А.Е. Болгов ба ақидаи Ю.Н. Сафронова ва О.А. Столярова, ки вазифаи таъхирнопазири рушди хоҷагии қишлоқ дар Федератсияи Россия навсозӣ ва ба соҳаи хеле самаранок табдил додани он мебошад, мегӯянд, розист. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳалли ин масъала таҳия ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти истеҳсолии ташкилотҳои чарогоҳҳо ва пеш аз ҳама, шир аст. Дар айни замон, бисёр олимон дар бораи масъалаҳои рушд ва азхудкунии навигариҳо дар соҳаи чорводории ватанӣ ҳарф мезананд.

Муаллифон ба саркашии роҳбарони ташкилотҳо аз сармоягузории пул ишора мекунанд. Онҳо на танҳо ба тағйироти навоварона, балки ба тағйироти иттилоотӣ низ омода нестанд. Аммо, бо вуҷуди ин, технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ дар ояндаи наздик хусусият ва самаранокии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзиро муайян хоҳанд кард. Ғайр аз ин, рушди рақамисозӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба деҳқонон имкон медиҳад бо истифодаи технологияҳои гуногун, ки хароҷоти истеҳсолиро кам мекунанд, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шаванд. Аммо, бояд қайд кард, ки саноати шир барои сармоягузорӣ ҷолиб нест.

Арзёбии самаранокии иқтисодӣ як тартиби басо мураккаб аст, зеро нишондиҳандаи мушаххаси тавсиф кардани он вуҷуд надорад. Н.Я. Коваленко «меъёри олии самаранокӣ»-ро ҷудо мекунад, ки он дар пурра қонеъ кардани ҳам талаботи иҷтимоӣ ва ҳам шахсӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда ифода меёбад. Дар робита ба соҳаи кишоварзӣ, олим ҳамчун меъёри самаранокӣ афзоиши истеҳсоли соф (даромади умумӣ)-ро бо арзиши ҳадди ақалли зиндагӣ ва меҳнати моддӣ муайян мекунад[49].

Ҳафт намуди самаранокии иқтисодиро метавон муайян кард:

- самаранокии иқтисодии миллӣ;

---

[49] Коваленко, Н.Я. Экономика сельского хозяйства: учебник для студентов высших учебных заведений / Н.Я. Коваленко, Ю.И. Агирбов, Н.А. Серова и др. – М.: ЮРКНИГА, 2004. – С.384.

- самаранокии истеҳсолот дар хоҷагиҳо;

- самаранокии соҳаҳои алоҳида;

- самаранокии воҳидҳои дохили хоҷагӣ;

- самаранокии истеҳсоли зироатҳои алоҳида ё маҳсулот;

- самаранокии чораҳо.

Самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ аз нуқтаи назари А.В. Дмитриев ва Н.В. Спешилов бо низоми нишондиҳандаҳо тавсиф мешавад, ки дар байни онҳо арзиши маҳсулоти қабул ва фурӯхташуда (аз рӯйи намудҳо), даромад аз фурӯш ба воҳиди майдон ва воҳиди маҳсулот, сатҳи даромаднокӣ мавҷуданд[50].

Барои баҳодиҳии самаранокии иқтисоди миллӣ нишондиҳандаҳои мушаххас зарур мебошанд, ки таъсири омилҳои гуногунро ба ҷараёни истеҳсолот инъикос карда тавонанд.

Чӣ тавре ки олими ватанӣ Ҳ.Р. Исайнов қайд мекунад, «Самаранокии иқтисодии соҳаҳои истеҳсолоти миллӣ тавассути нишондиҳандаҳои аслӣ ва арзишӣ тавсиф карда мешавад. Нишондиҳандаҳои аслӣ нишондиҳандаҳои ибтидоӣ (соҳавӣ) ба ҳисоб рафта, дар соҳаи кишоварзӣ бештар истифода мешаванд. Ба онҳо дохил мешаванд: ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, маҳсулнокии чорво ва истеҳсоли маҳсулот ба 100 гектар замини кишт»[51].

Нишондиҳандаҳои арзишӣ аҳаммияти баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ дошта, дар тараққиёти муносибатҳои молию пулӣ иштирок мекунанд, ки дар ин ҷо маҳсулоти истеҳсолшуда ба сифати мол дар бозор баромад мекунад. Ба сифати нишондиҳандаҳои арзишӣ, пеш аз ҳама, даромади умумӣ, даромади соф, фоида ва дараҷаи даромаднокӣ дохил мешаванд. Барои муайян намудани нишондиҳандаҳои арзишӣ бояд нишондиҳандаҳои маҳсулоти умумӣ ва маҳсулоти молиро низ донист. Маҳсулоти умумӣ ҳамаи маҳсулоти бавуҷудовардашуда дар давоми вақти муайян бо ифодаи пулӣ буда, маҳсулоти молӣ бошад, маҳсулоти фурӯхташуда мебошад.

---

[50] Дмитриев, А.В. Особенности оценки экономической эффективности интенсификации производства зерна с помощью CVP-анализа / А.В. Дмитриев, Н.В. Спешилова // Известия Оренбургского государственного аграрного университета. - 2015. - № 2 (52). – С. 236–240.

[51] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ /Ҳ.Р.Исайнов. – Душанбе: Ирфон, 2018 – С.414.

Даромади умумӣ ($Д_У$) фарқи байни арзиши умумӣ ($А_У$) ва хароҷоти моддӣ ($Х_М$) мебошад, ки бо чунин формула муайян карда мешавад:

$$\mathbf{Д_У=А_У-Х_М} \quad \mathbf{(2,1)}$$

Даромади соф ($Д_С$) фарқияти байни арзиши маҳсулоти умумӣ ($А_{МУ}$) ва арзиши аслии маҳсулот ($А_А$) мебошад, ки бо чунин тарз муайян карда мешавад:

$$\mathbf{Д_С}= А_{МУ} – \mathbf{А_А} \quad \mathbf{(2,2)}$$

Даромади софро ($Д_С$) низ ҳангоми аз арзиши даромади умумӣ ($Д_У$) тарҳ намудани ҳаҷми музди меҳнат ($М_М$) муайян мекунанд: $Д_С =Д_У-М_М$.

Фоида (Ф) низ яке аз нишондиҳандаи муҳимтарини арзиши иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун фарқи байни даромад аз фурӯши маҳсулот ($Д_{ФМ}$) ва арзиши аслии пурра ($А_{АП}$) муайян карда мешавад:

$$\mathbf{Ф=Д_{ФМ}-А_{АП}\ (2,3)}$$

Дараҷаи даромаднокӣ ($Д_Д$) бошад, ҳангоми тақсим намудани фоида (Ф) ба арзиши аслии пурра ($А_{АП}$) ва бо % муайян карда мешавад:

$$\mathbf{Д_Д=Ф/А_{АП}\ x\ 100\%\ (2,4)}$$

Меъёрҳои самаранокии иқтисодии бахши кишоварзии мо сатҳи такрористеҳсоли васеъро объективона тавсиф мекунанд: даромад ва фоида нисбат ба ҳаҷми миёнаи солонаи фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардиш дар иқтисодиёт ё як гурӯҳи хоҷагиҳо чӣ қадар зиёдтар истеҳсол карда шавад, ҳамон қадар фонди пурра ва нав кардани ин маблағҳо, имкониятҳои бештар барои таъмини самаранокии омезиши фондҳои ҷамъкунӣ ва фондҳои истеъмолӣ хоҳад буд[52].

Хоҷагии зотпарварии «Саодат» бо давлатҳои хориҷи кишвар: Чехия, Эрон, Туркия, Хитой, Россия, Беларус ҳамкории зич дорад. Барои фаъол гардонидани кори хоҷагӣ аз Ҷумҳурии Чехия дастгоҳи замонавии ширҷӯшӣ ворид карда шудааст, ки дар як вақт имкони ҷӯшидани 32 сар говро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли шир дар як шабонарӯз зиёда аз 7 ҳазору 500 кг-ро ташкил

[52] Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. Монография [Текст]/ Д.Б. Кадыров. – Воронеж: изд-во ВГУ, 2004. – С.136.

медиҳад. Дар назди хоҷагии мазкур сехи коркарди шир мавҷуд мебошад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти хушсифат, ба монанди кефир, ҷурғот, сметана, қаймоқ, чакка, творог, йогурт ва шир машғул аст. ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Саодат»-и ноҳияи Хуросон шуруъ аз соли 2014 фаъолияти худро оғоз намудааст ва ният дорад, ки дарояндаи наздик саршумори чорвоҳои ҷӯшоиро ба 1000 сар расонад.

Самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаи алоҳидаро дар мисоли хоҷагии зотпарварии «Саодат»-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон аз соли 2014 ва 2020 нишон додан мумкин аст (ниг.ҷадв.2.1).

**Ҷадвали 2.1. -Самаранокии иқтисодии хоҷагии зотпарварии «Саодат»-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Тағйирёбии мутлақ | 2020 ба 2014 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2018 | 2020 | | |
| Саршумори чорвои калони шохдор | сар | 317 | 573 | 532 | **215** | **167,8** |
| аз ҷумла: модагов | сар | 136 | 325 | 397 | **261** | **2,9 б** |
| Гӯсолагирӣ | сар | 132 | 290 | 420 | **288** | **3,2 б** |
| Бордоркунии сунъӣ | сар | 168 | 520 | 601 | **433** | **3,6 б** |
| Буқаҳои зотӣ | сар | 2 | 7 | 6 | **4** | **3 б** |
| Истеҳсоли гӯшт | тонна (ҳамагӣ) | - | 68,4 | 26,1 | **26,1** | **38** |
| Истеҳсоли шир | тонна (ҳамагӣ) | 715,9 | 1742 | 2173,6 | **1457,7** | **3 б** |
| Аз як сар модагов шир | кг | 5264 | 5925 | 668 | **1424** | **127** |
| Фурӯши шир | кг, сомонӣ | 684 | 1672 | 2072 | **1388** | **3 б** |
| Фурӯши чорво | сар | - | 338 | 442 | **442** | **130,8** |
| Майдон | га | 321 | 321 | 321 | **-** | **-** |
| Захираи хӯроки дурушт ва ширадор | тонна | 910,5 | 4562 | 7359 | **6448,5** | **8,1 б** |
| Нархи миёнаи фурӯши 1 сар чорво | сомонӣ | - | 7000 | 8000 | **1000** | **114,3** |
| Даромад аз фурӯши гӯшт | ҳазор сомонӣ | 57,7 | 61,6 | 33 | **-24,7** | **- 57,2** |
| Пардохти андоз | сомонӣ (ҳамагӣ) | 470 | 540 | 550 | **80** | **17,0** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи ҳисоботҳои хоҷагии зотпарварии «Саодат»-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон дар солҳои 2014, 2018, 2020

Чӣ тавре ки дар ҷадвали боло оварда шудааст, саршумори чорвои калони шохдор (ЧКШ)-и хоҷагии зотпарварии «Саодат»-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон дар соли 2020-ум 532 сарро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2018 -

215 сар зиёд шудааст. Дар соли 2020 шумораи ЧКШ хоҷагии мазкур ба 532 сар расидааст, ки аз ин 420 сар гӯсола, 26,1 тонна гӯшт, 2173,6 тонна шир гирифта шудааст. Хоҷагии мазкур дар соли 2020 442 сар чорво ва 2072 литр шир ба фурӯш баровардааст. Хоҷагии зотпарварии «Саодат» барои захираи хӯроки чорво дар соли 2020 321 гектар замин ҷудо карда, аз он 7359 тонна хӯроки дурушт ва ширадор захира мекунад. Дар баробари ин, ба муваффақиятҳои хоҷагии мазкур дар соли 2020 нисбат ба соли 2014 дар истеҳсоли гӯшт ва шир аҳаммияти нокифоя додааст. Барои хизматрасониҳо дар корхона 32 адад мошини ширдӯшӣ, 1 адад нақлиёти калони боркаш, 1 адад нақлиёти ширфӯрушии калон, 3 адад нақлиёт ширкашонӣ (портер) ва 10 адад трактор мавҷуд аст. Хуб мешуд, ки корхонаи агросаноатӣ барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ бо мутахассисони соҳаи аграрӣ ва инчунин, олимони ватанию хориҷӣ, ки махсус ба ҳамин самт таҳқиқот бурдаанд, ҳамкорӣ намоянд.

Ба андешаи мо, барои арзёбии самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ низоми зерини нишондиҳандаҳоро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст:

$\mathbf{С_{ИККА}=С_{З}+С_{ВА}+С_{ЗМ}+С_{Д}+С_{ХЧ}}$ (2,5)

$С_{икка}$- самаранокии иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ;

$С_{з}$-сатҳи истифодабарии замин, яъне таносуби маҳсулоти умумӣ ва маҳсулоти холис ба майдони зироатҳои кишоварзӣ;

$С_{ва}$ - сатҳи истифодабарии воситаҳои асосӣ таносуби маҳсулоти умумӣ ва холис ба арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, яъне даромаднокии маблағҳои пулӣ;

$С_{зм}$ - сатҳи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ: таносуби ММД ва маҳсулоти холис ба як корманди кишоварзӣ ба ҳосилнокии миёнаи солонаи меҳнат;

$С_{д}$ - сатҳи даромаднокӣ: таносуби даромад ба арзиши маҳсулоти фурӯхташуда ба арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосӣ ва гардон;

$С_{хҷ}$ - сатҳи хароҷоти ҷорӣ: таносуби истеҳсолоти умумӣ ба хароҷоти анҷомшуда бо сомонӣ.

Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷамъияти масъулияти маҳдуди «Водии заррин» бо супориши бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуда, дар қаламрави вилояти Хатлон ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили пахта, шолӣ ва ғалла машғул аст. Хоҷагии мазкур дар минтақаи Ҷайҳун дар майдони 948 гектар кишти тирамоҳии гандум мегузаронад. Шароити мусоиди обу ҳавои минтақа ба сабзиши хуб ва ба даст овардани ҳосили дилхоҳи деҳқонон мусоидат мекунад, ки ин имкон медиҳад аз ҳар гектар замини кишт 32-33 сентнерӣ ҳосил ба даст оварда шавад. Деҳқонон тибқи нақша пас аз ҷамъоварии кишти тирамоҳии гандум дар майдони 200 гектар кишти шолиро ба роҳ мемонанд. Маданияти истифодаи замин дар иқтисодиёт сазовори омӯхтан аст ва барои ғанӣ гардонидани таркиби хоки заминҳои навкорам дар 700 гектар зироати саноатӣ - офтобпараст кошта мешавад. Роҳбарияти хоҷагӣ пас аз ҷамъоварии ҳосили офтобпараст баргу пояи онро ҳамчун нурӣ ба замини кишт мепошад, ки ин барои баланд бардоштани ҳосили замин ва ғанӣ гардонидани сифати хок мебошад. Чунин таҷриба баъди ҷамъоварии пахта низ истифода мешавад, буттаҳои пахта дарав карда намешаванд ва ҳамчун нуриҳои минералӣ истифода мешаванд. Истифодаи ин технология имкон медиҳад, ки ҳосили пахта тадриҷан баланд бардошта шавад. Таҳлили пешрафти ҷамъоварии пахта аз рӯйи нишондиҳандаҳои заминҳои обӣ нишон дод, ки агар ҳосили соли аввал 10-15 сентнер бошад, пас дар дигар қитъаҳо пас аз кишти 4-5 сола ба 50-60 сентнер мерасад. Ҳамин тариқ, ҳосили ҳар гектар дар соли 2019 ба ҳисоби миёна 22,2 сентнерро ташкил дод.

Қайд намудан ба маврид аст, ки соли 2015 дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз истифодаи кишоварзӣ беруншуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» бояд 12 ҳазор гектар заминҳое, ки қаблан аз гардиши кишоварзӣ берун монда буданд ва даҳсолаҳо дар ҳолати

партовбудаи ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон азхуд карда, барқарор карда шаванд. Дар рафти таҳлил маълум гардид, ки оид ба иҷрои як қатор корҳои азхудкунӣ ва барқарорсозии заминҳои ҷудошуда аз ҷониби Ҷамъияти масъулияти маҳдуди «Водии заррин» ба кишвар 300 адад мошин, таҷҳизот ва механизмҳои гуногуни кишоварзӣ ворид карда шудааст, ба монанди агрегатҳо бо таҷҳизоти лазерӣ барои ҳамворкунии замин, агрегатҳои мураккаби коркарди замин, экскаваторҳо, худборбардор ва мошинҳои боркаш, тракторҳои пуриқтидор, агрегатҳои худгард барои пошидани маводи ҳифзи растаниҳо, мошинҳо барои кишти тухмӣ, комбайнҳо ва дигар таҷҳизоти муосир бо мақсадҳои кишоварзӣ.

Аз маълумоти ҶММ «Водии заррин» дар тӯли солҳои 2015-2020 бо мақсади рушди соҳа ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон 112,2 миллион доллар ҳамчун сармоя ҷалб карда шудааст ва айни замон тадбирҳои иловагӣ дар ин самт андешида шуда истодаанд.

Бояд гуфт, ки дар айни замон беш аз 800 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойҳои кории доимӣ ва зиёда аз 2200 нафар бо корҳои мавсимӣ таъмин мебошанд ва музди миёнаи коргарон 1500-2000 сомониро ташкил медиҳад. Хоҷагии мазкур тамоми дастовардҳои истеҳсолиро дар ҶММ «Водии заррин» бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат тақвият медиҳанд, ки ин онҳоро водор мекунад барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта, ғалладона, биринҷ ва офтобпараст кӯшиши бештар ба харҷ дода, аз захираҳои мавҷуда ба таври мақсаднок истифода баранд ва дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми бештар гузоранд. Хоҷагии мазкур дар ҷамоати деҳоти Ҳилолии ноҳияи Хуросон корхонаи коркарди нави пахта сохта, ба истифода доданд, ки метавонад ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз 800 тонна навъи пахта коркард намояд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки корхонаи коркарди навъи пахта агар дар як шабонарӯз 800 тоннаро коркард кунад, аз ин маълум мегардад, ки ҳаҷми кори иҷрошуда дар як сол зиёда аз 60 000 тоннаро ташкил медиҳад. Бо ташаббуси сармоягузориҳои мустақими соҳибкорони ватанию хориҷӣ хароҷоти таъсиси

корхонаи мазкур 31 миллион сомонӣ буда, майдони ҷойгиршавиаш 9 гектарро дар бар мегирад. Корхона қобилияти ҷудо намудани нахи пахта аз пумбадона, бастабандии онҳоро бо истифода аз технологияҳои навтарин дорад. Дар корхона 165 нафар коргар дар ду баст бо кори доимӣ ва моҳонаи миёнаи 1700 сомонӣ таъмин мебошанд ва ин боис мешавад, ки сафи шумораи бекорони аҳолиро кам намояд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, корхонаи «Водии заррин» тасмим гирифтааст, ки дар ояндаи наздик боз як корхонаи нави равғанкашӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ, дӯзандагӣ ва коркарди чигити тухмӣ бунёд намуда, дар оянда барои бунёди занҷираи пайдарҳами корхонаҳои коркарди нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро ба истифода диҳад. Дар ҷадвали зерин оид ба қабул ва коркарди ашёи хоми пахта дар ҶДММ И.А.“Водии Заррин”-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон барои солҳои 2016 ва 2021 чунин маълумот нишон дода шудааст (ниг. ҷадв. 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Қабул ва коркарди ашёи хоми пахта дар ҶДММ И.А. “Водии Зарин”-и вилояти Хатлон, аз он ҷумла ноҳияи Хуросон дар солҳои 2016 ва 2021**

| Номгӯй | Воҳиди ченак | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2016/2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | | | | | | |
| **Ашёи хом (пахта)** | тонна | 7546,9 | 28646 | 13431,1 | 15065,3 | 15519,6 | 15293,4 | 102,6 |
| **Ҳаҷми маҳсулот** | ҳазор сомонӣ | 35620,1 | 142446,4 | 98425,9 | 91155 | 100205,9 | 119021,6 | 234,14 |
| **Нахи пахта** | тонна | 2530 | 9428,9 | 6119,1 | 5590,6 | 6122,6 | 5193,6 | 105,2 |
| **Чигит** | тонна | 4288,2 | 15650,6 | 8638,2 | 7787,6 | 8766 | 8358,6 | 94,9 |
| **Тибити линт** | тонна | - | - | - | - | - | 152,4 | - |
| **Тибити пахта** | тонна | 128,9 | 199,8 | 178,3 | 148,1 | 152,99 | - | - |
| | **аз он ҷумла: ноҳияи Хуросон** | | | | | | | |
| **Ашёи хом (пахта)** | тонна | 1211,4 | 4017 | - | 1449,1 | 1187,7 | 1485,0 | 22,5 |
| **Нахи пахта** | тонна | 435 | 1446,2 | - | 522 | 428 | 533 | 22,5 |
| **Чигит** | тонна | 677 | 2245 | - | 754 | 665 | 832 | 22,8 |
| **Тибити линт** | тонна | - | - | - | - | - | - | - |
| **Тибити пахта** | тонна | 117 | 384 | - | 143,5 | 148 | 146 | 24,7 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи ҳисоботҳои ҶДММ И.А. “Водии Зарин”-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон дар солҳои 2016 ва 2021

Чӣ тавре ки маълум аст, корхонаҳои саноатии вилоят ин корхонаҳои агросаноатӣ ба шумор мераванд, ки дар аксарияти онҳо технологияи наву муосири инноватсионӣ ба роҳ монда шудаанд ва дар истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум фаъоланд, инчунин садҳо нафарро бо ҷойи кори доимӣ ва маоши қаноаткунанда таъмин мекунанд.

Истифодаи самараноки сармоягузориҳо бо мақсади таъмини фаъолияти инноватсионӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ низ ҷой доранд, ки то ҳол онҳо характери оммавӣ пайдо карда натавонистанд.

Тазаккур бояд дод, ки дар истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ташаккул ва рушди инфрасохтори боғҳои интенсивӣ вобаста ба шароит мувофиқи мақсад мебошад. Муҳиммият ва рушди ин соҳаро ба инобат гирифта, бо дастгирӣ ва супоришҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ ҷиҳати таъсиси боғҳои интенсивӣ ва рушди инфрасохтори онҳо, ба монанди Хоҷагии «Усто Раззоқ», «Сайдалӣ» ва «Сабз», ки ба парвариши ниҳолҳои мевадиҳанда машғуланд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маслиҳат ва дастурҳои мушаххас доданд. Ҷиҳати рушди соҳаи мазкур Хоҷагии деҳқонии «Усто Раззоқ» бо фарогирии масоҳати 1,5 гектар замин боғи интенсивӣ бунёд кардааст, ки дар он бештар парвариши се намуди себи дорои сифати аъло ба роҳ монда шудааст. Муҳиммияти ҳамин соҳа аст, ки хоҷагии мазкур соли 2018 - 12 тонна себи хушсифат ҷамъоварӣ намуд. Ва нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 аз ҳисоби ҷамъоварии саривақтӣ ва риояи меъёрҳои агротехникӣ ба 20 тонна расонида шуд. Дар асоси заҳмати деҳқонон метавон боғҳои интенсивиро, ки ҳамчун боғҳои анъанавии лалмӣ, ки баъди 7 сол ба боғҳои обӣ ва баъди 5 сол пурра ба ҳосил медароянд, дар асоси коркард ва риояи меъёр ва стандартҳои агротехникӣ пурра ба боғҳои интенсивӣ мубаддал намуд. Бояд қайд намуд, ки тавассути парвариши боғҳои интенсивӣ ва риояи меъёрҳои агротехникӣ метавон баъд аз ду соли шинонидани ниҳол аз он баҳра гирифт. Тақрибан ба ҳисоби миёна аз рӯйи ҷойгиршавӣ ва ғунҷоиши ниҳолҳо дар 1 гектар боғи анъанавӣ агар аз

155 то 160 адад ниҳол ғунҷонида шавад, пас дар боғи интенсивӣ ин миқдор ба 1700 то 1800 адад ниҳолро ташкил медиҳанд, ки аз як тараф, ба фаровонҳосилӣ мусоидат мекунад, аз дигар тараф, ба масъалаи самаранокӣ пурра мусоидат менамояд. Муҳиммият ва самаранокии ташкили боғҳои интенсивиро ба инобат гирифта, метавон хулоса кард, ки он асосан дар муқоиса бо боғҳои анъанавӣ хароҷоти кам дорад. Ташкили боғҳои интенсивӣ, ки дар муқоиса ба боғҳои анъанавӣ қариб 2,5 ё 3 маротиба самаранокии зиёдтар доранд, мувофиқи мақсад мебошад. Барои мисол ба ҳисоби миёна нархи як дарахти боғи интенсивӣ агар 45 сомонӣ арзиш дошта бошад ҳам, вале таҷриба нишон дод, ки хароҷотҳои бунёди чунин боғҳо дар се - чор соли баъди бунёди онҳо аз ҳисоби сатҳи баланд доштани даромаднокӣ рӯйпӯш карда мешаванд. Ҳамин таҷрибаро дар ноҳияи Ш.Шоҳин дар хоҷагии деҳқонии «Сайдалӣ» аз рӯйи лоиҳаи сармоягузории якҷояи бо ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии (FAO) ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, дар майдони 1 гектар замини боғ дар ҳаҷми 35 ҳазор доллар бунёд гардид буд. Шумораи умумии ниҳолҳои дар ин боғ шинондашуда 1700-ро ташкил намуд, ки масофаи байни дарахтон андозаи 1,5 метри мураббаъ ва қатори байни дарахтон 25 ва дар ҳар як қатор 63 рост меояд. Ғайр аз ин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани заминҳои майдони боғ дар байни қаторҳо полезиҳо ва сабзавотҳои пешпаз шинонида мешаванд. Таҳлилҳо нишон дод, ки ҳосили бадастоварда дар соли 2018 - 126 ҳазор сомониро ташкил дод, ки фоидаи он зиёда аз 78 ҳазор сомонӣ мебошад. Барои таъсиси чунин боғҳо ва самара гирифтан бояд хароҷот барои нигоҳубин, обёрӣ, таъмини нуриҳои минералӣ ва муҳофизати дарахтон аз ҳашароти зараровар ба назар гирифта шавад. Агар маблағи ҳосили фурӯхташуда дар як сол 126 ҳазор бошад, аз ин тақрибан 1500 сомониаш барои чунин корҳо масраф карда мешавад. Навовариҳои генетикӣ ва селексионӣ дар дигар соҳаҳои растанипарварии истеҳсолоти кишоварзии минтақа пешниҳод карда мешаванд.

Инчунин, дар минтақаи Хатлон аз соли 2010 инҷониб Комбинати шири шаҳри Кӯлоб фаъолият менамояд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, нонӣ ва қаннодӣ машғул аст (нигаред ба ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Маълумот оид ба фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодии Комбинати шири Кӯлоб дар солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Тағйирёбӣ (+/-) | 2021 ба 2015 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2018 | 2021 | | |
| ШИР | тонна | 140 | 166 | 185 | **+45** | **127** |
| Истеҳсоли маҳсулоти ширӣ | тонна | 54 | 60 | 69 | **+15** | |
| Аз ҷумла: қаймоқ | тонна | 18 | 21 | 25 | **+7** | **112** |
| Сметана | тонна | 14 | 19 | 22 | **+8** | **114** |
| Ҷурғот | тонна | 7 | 8 | 9 | **+2** | **103** |
| Кефир | тонна | 15 | 12 | 13 | **-2** | **102** |
| Истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ | тонна | 15 | 19 | 23 | **+8** | **118** |
| Аз он ҷумла: торт | тонна | 15 | 19 | 23 | **+8** | **118** |
| Фурӯши маҳсулоти ширӣ | ҳазор сомонӣ | 748,5 | 885 | 1089,5 | **+341** | **135** |
| Аз ҷумла: қаймоқ | ҳазор сомонӣ | 450 | 525 | 625 | **+175** | **121** |
| Сметана | ҳазор сомонӣ | 196 | 266 | 352 | **+156** | **140** |
| Ҷурғот | ҳазор сомонӣ | 35 | 40 | 54 | **+19** | **113** |
| Кефир | ҳазор сомонӣ | 675 | 54 | 58 | **-9** | **-10** |
| Фурӯши маҳсулоти қаннодӣ | ҳазор сомонӣ | 450 | 570 | 690 | **+240** | **118** |
| Аз ҷумла: қаймоқ | ҳазор сомонӣ | 450 | 570 | 690 | **+240** | **118** |
| Нархи миёнаи фурӯши маҳсулоти ширӣ | сомонӣ | 13-86 | 14-57 | 15-79 | **+1-93** | **113** |
| Нархи миёнаи фурӯши маҳсулоти қаннодӣ | сомонӣ | 30 | 30 | 30 | **-** | **30** |
| Даромад аз фурӯши маҳсулоти ширӣ | ҳазор сомонӣ | 32 | 38 | 42 | **+6** | **123** |
| Даромад аз фурӯши маҳсулоти қаннодӣ | ҳазор сомонӣ | 28 | 30 | 33 | **+2-20** | **112** |
| Масоҳати ҷойгиршавӣ | га | 2,3 | 2,3 | 2,3 | **-** | **-** |
| Шумораи коргарон | нафар | 48 | 55 | 65 | **+17** | **120** |
| Автомашина ва таҷҳизот | адад | 80 | 110 | 120 | **+40** | **126** |
| Пардохти андоз | ҳазор сомонӣ | 181 | 218 | 267 | **+127** | **+136** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи ҳисоботҳои комбинати шири Кӯлоб

Бояд гуфт, ки фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон ба андозаи муайян рушд карда истодааст, аммо аксарияти роҳбарони хоҷагиҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ муҳиммияти

тараққии инноватсионии маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатиро дуруст сарфаҳм намераванд.

Барои мисол хоҷагии деҳқонии «Сабз»-ро шарҳ додан мумкин аст. Хоҷагии мазкур дар майдони 30 гектар замин кишти навъи ғаллаи Краснодарро ба роҳ мондааст, ки ба ҳисоби миёна аз ҳар як гектари он тақрибан 100-сентнерӣ ҳосил гирифтааст, ки ин барои ба даст овардани фоида ва рӯйпӯш намудани хароҷотҳо хеле ҳам муфид мебошад. Барои таҷдиди истеҳсолоти кишоварзӣ ва васеъ намудани қитъаҳои заминҳои кишт, фаровон намудани маҳсулоти озуқаворӣ сармоягузориҳо ба роҳ монда шудаанд. Дар комбинати мазкур истеҳсоли маҳсулоти шириву нонӣ ва кулчақандҳо бо технологияҳои наву муосир ба роҳ монда шудааст. Корхонаи мазкур дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони ватанию хориҷӣ барои боз ҳам ба роҳ мондани истеҳсолот аз давлатҳои Чин ва Россия таҷҳизот дастрас намудааст. Пас аз ворид намудани таҷҳизоти наву замонавӣ корхона тавонистааст даромадро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти нониву қаннодӣ то 33 ҳазор сомонӣ зиёд кунад.

Дар соли 2015 истеҳсоли маҳсулот 15 тоннаро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 тақрибан 19 ва дар соли 2021 23 тоннаро дар бар мегирад. Комбинати шири шаҳри Кӯлоб дар нақша дорад, ки истеҳсоли маҳсулотро дар солҳои минбаъда боз ҳам бештар намуда, аз ин ҳисоб ба корхона коргарони доимӣ ҷалб карда шаванд, ки айни ҳол дар корхона тақрибан 65 нафар ба кори доимӣ машғуланд.

Ҳангоми таҳлил арзёбии истифодаи самарабахши ҳар як воҳиди захира муҳим ҳисобида мешавад ва нишон медиҳад, ки чанд адад маҳсулоти ниҳоӣ аз ҳисоби як воҳиди манбаи муайян истеҳсол карда мешавад. Захираҳои асосии комплекси агросаноатӣ ҳам захираҳои истеҳсолоти кишоварзӣ мебошанд - замин, об, меҳнат, нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва захираҳои корхонаҳои коркард: иқтидори корхонаҳои коркард, арзиши захираҳои истеҳсолӣ ва ғайра. Дар амал намудҳои гуногуни таҳлил васеъ истифода мешаванд, аммо

муҳимтарини онҳо таҳлили вариантҳо, таҳлили пас аз оптимизатсия ва таҳлили муқоисавӣ мебошанд.

Объекти таҳлили гузаронидашуда якчанд корхонаҳои агросаноатиро дар вилояти Хатлон нишон медиҳад (ниг. ҷадв. 2.4).

**Ҷадвали 2.4. - Нишондиҳандаҳои корхонаҳои алоҳидаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2021**

| Нишонди-ҳандаҳо | ҶММ “Водии заррин” | ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Саодат» | Хоҷагии деҳқонии ба номи «Усто Разоқ» | Хоҷагии деҳқонии «Сабз» | ҶДММ “Комбинати Шири ш.Кӯлоб” |
|---|---|---|---|---|---|
| **Самти фаъолият** | Коркарди нави пахта | Истеҳсоли шир, гӯшт | Боғи интенсивӣ | Истеҳсоли ғаллаи навъи Краснодар | Истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва қаннодӣ |
| **Масоҳат** | 9 га | 321 гектар | 1,5 га | 30 га | 2,3 га |
| **Миқдори истеҳсол** | 15293,4 ҳазор тонна пахта | шир 2173,6 тонна, гӯшт 26,1 тонна | 12 тонна | 1га 100 сентнерӣ | 92 тонна |
| **Дороиҳо** | Дорои 1000 гектар замини корами обӣ, техникаи кишоварзӣ, сохтмонӣ ва гидромелиоративӣ | Дастгоҳҳои замонавии ширдӯшӣ ва сехи коркарди шир | 1 га боғи интенсивӣ | Дастгоҳи пуриктидори олмонӣ барои тоза намудани ғалла | 120 адад таҷҳизоти замонавӣ |
| **Дурнамо** | Таъсиси корхонаи равғанкашӣ ва коркарди чигити тухмӣ | Расонидани саршумори чорво ба 1000 сар | Зиёд намудани ҳосили боғи интенсивӣ ба 20 тонна маҳсулот | Бунёди корхонаҳои нав бо техника ва технологияи инноватсионӣ | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 120 тонна |
| **Кормандон** | 165 нафар | 112 нафар | 45 нафар | 88 нафар | 65 нафар |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои дастраснамуда аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва комбинати шири Кӯлоб.

Таҳлили намудҳои намунавии шаклҳои ҳамгирошуда имконияти арзёбии робитаи байни тавлидоти пешбинишудаи маҳсулот ва дастгирии захираҳои онҳоро, инчунин, дарёфти самти оқилонаи тавозуни пурраи онҳоро равшан месозад. Ду намуди аввал имкон медиҳад, ки рафти ҳалли мушкилотро ҳангоми моделсозӣ таҳлил кунем ва варианти беҳтарини таҳлили натиҷаҳои пас аз моделсозиро интихоб намоем ва таҳлили муқоисавӣ барои муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ пеш ва баъд аз ҳамгироӣ истифода шавад.

Арзёбии самараноки татбиқи моделҳои пешгӯӣ мутобиқи системаи меъёрҳои махсуси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки параметрҳо ва натиҷаҳои ноил шудан ба мақсадҳоро тавсиф мекунад, гузаронида мешавад. Ин система метавонад як қатор меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии зеринро дар бар гирад: меъёрҳои моделсозии ҳадафҳо, меъёрҳои хароҷоти захираҳо (замин, об, меҳнат, моддӣ ва пулӣ), ки барои иҷрои инҳо модел лозим аст, меъёрҳои самаранокии натиҷаҳои ниҳоии моделсозӣ ба шумор мераванд. Минбаъд баҳодиҳӣ дар асоси баҳодиҳии қаблии самаранокии татбиқи моделсозӣ дар асоси ташаккули маҷмуӣ барои давраи пешбинишаванда гузаронида мешавад. Баҳодиҳӣ самаранокии умумии иқтисодии намудҳои модели сохторҳои ҷудошаванда ва натиҷаҳои иҷтимоии дар раванди муносибатҳои ҳамгироӣ дар зерсохторҳои комплекси агросаноатӣ бадастовардаро муайян мекунад.

Рушди самараноки равандҳои ҳамгироӣ дар КАС тадқиқоти густурдаи илмиро талаб мекунад. Муносибати оқилона ва эҷоди муносибатҳои созанда байни истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккули механизми фаъолият ва танзими онҳо дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ сохта мешаванд. Ҳалли ин масъала бо кумаки модели математикӣ, ки шароити онро муайян мекунад, имконпазир аст. Мутобиқати манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, корхонаҳои коркард ва сохторҳои тиҷоратӣ, инчунин, параметрҳои оптималии мутақобилан муфид ва муносибатҳои ҳамаи иштирокчиёни ин раванди ҳамгироиро муқаррар мекунанд.

Дар марҳилаи ҳамоҳангсозии манфиати иқтисодии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард, ба назари мо, шакли аз ҳама мувофиқтар ин ассотсиатсияҳо шуда метавонанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар мавриди хизматрасонӣ барои истеҳсолкунандагон пешниҳод карда мешавад, ки вазифаҳои мақсаднокеро интихоб кунанд:

а) нархи хариди тарафайн ва миқдори ашёи хоми харидашуда;

б) имконияти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар доираи ассотсиатсия, яъне як қисми маҳсулоти истеҳсолшударо мустақилона ташкил мекунад.

Татбиқи ҳолати охирин имкон медиҳад то як андоза шароити иқтисодии байни монополист ва истеҳсолкунандаи молро ҳамоҳанг карда, онро дастгирии молиявӣ кунад. Дар асоси ин, ҳадафи моделсозии иқтисодию математикии равандҳои ҳамгироӣ дар доираи ассотсиатсия бояд муайян карда шавад, шароити муносибатҳои мутақобилан муфид ва устувори байни ин субъектҳои хоҷагидорӣ ва субъектҳои аз рӯйи параметрҳо оптималии худ фаъолияти муштарак баранд.

Шароити ибтидоӣ барои сохтани модели математикии шарикии иқтисодӣ байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард дар шакли иттиҳодияҳо чунинанд:

1) истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа қисми зиёди ашёи хомро ба як корхона фурӯшад;

2) истеҳсолкунанда имкон дорад маҳсулоти худро бо нархи харид фурӯшад ва як қисми ашёи хомро мустақилона дар бозори нархҳо фурӯшад;

3) мутобиқати манфиатҳои ҳар як иштирокчӣ дар ҷараёни ягонаи технологӣ (истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва ба ташкилотҳои ассотсиатсия дар сурати истифодаи миқдори махсус), инъикоси манфиати онҳо дар шарикӣ.

Хулосаи зербоб

Дар таҳқиқоти анҷомдодаи мо ҳангоми сохтани модели иқтисодию математикии мутобиқати манфиатҳои шарикон дар сохторҳои ҳамгирошуда дар баробари дигар равиши методологии тартибдодашуда он ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- мустақилияти пурраи ҳуқуқии шарикон;
- манфиатҳои афзалиятноки ҳар яки онҳо;
- рушди эволютсионии иқтисодиёт, муносибатҳои техникӣ ва сохторӣ;
- таваҷҷуҳи ҳамаи иштирокчиён ва натиҷаҳои ниҳоӣ.

Аммо дар миқёси минтақаҳо ва дар маҷмуъ, кулли мамлакат, ҳамгироии агросаноатӣ бинобар мушкилоти ташкилӣ ва молиявӣ хеле суст инкишоф меёбад. Истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд, ки ташкили корхонаҳои комплекси агросаноатии ҳамгирошударо мушкил мегардонад.

Сабабҳои ташкилӣ аз он иборатанд, ки ҳеҷ дастур ва муқаррароти мушаххаси методӣ ва методологӣ вуҷуд надоранд, ки чӣ гуна ин ё он шакли интегратсияро ташаккул ва эҷод кардан лозим бошад, дар ин ҳолат чӣ тавр оид ба навсозии истеҳсолот, баланд бардоштани рақобат ва васеъ кардани бозор андеша намуд. Субъектҳои хоҷагидории мустақил, моликон ба ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, амали якҷоя дар бозори озуқаворӣ, ҳамкорӣ ва ҳимояи манфиатҳои худ дар назди мақомоти давлатӣ эҳтиёҷ доранд. Дар чунин шароит ҳамгироии агросаноатӣ ба танзим ва дастгирии давлатӣ ниёз дорад.

# БОБИ III.
# МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ҲАМГИРОШУДАИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Танзими давлатии рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Дастгирии давлатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи танзими давлатӣ буда, маҷмуи фишангҳо ва воситаҳои мухталиф, маблағгузории имтиёзнок ва ройгон ба корхонаҳо ва соҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ зараровар мебошад. Зарурати дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ объективӣ буда, он аз табиати иқтисодии фарқияти мавқеи истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ва мавқеи ҳамаи иштирокчиёни бозор маншаъ мегирад, зеро бо сабабҳои объективӣ кишоварзӣ дар бозори озод дар муқоиса бо дигар бахшҳои иқтисодиёт рақобатнопазир аст.

Дастгирӣ бояд бо истифодаи муносибати меъёрӣ ва принсипҳои маблағгузории муштарак, фарқияташон вобаста ба имкониятҳои молиявии онҳо татбиқ карда шавад. Воситаҳои иқтисодии чунин дастгирӣ ҳангоми истифода ба ҳар як самт метавонад фарқ кунад:

✓ низомҳои махсуси андозбандӣ; пешниҳоди субсидияҳо, аз ҷумла дастгирии қарздиҳӣ, суғурта ва лизинг, субвенсия, кафолат ва ҷуброн ба молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва дигар шаклҳои маблағгузории буҷетӣ;

✓ сармоягузории давлатӣ, аз ҷумла бобати беҳдошти дастрасӣ ба маводи сифатноки истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди инфрасохтори обёрӣ ва кишоварзӣ;

✓ тартиботи техникӣ, стандартикунонӣ ва кам кардани расмиёти иҷозатномадиҳӣ, рафъи дигар монеаҳои маъмурӣ ва маҳдудиятҳо.

Мақсади сиёсати аграрӣ аз таъмини инкишофи тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, баланд бардоштани самаранокӣ, қобилияти

рақобатпазирӣ ва дар ин асос, таъмини амнияти озуқавории низоми бехатарии миллии ҷумҳурӣ иборат мебошад.

Хусусияти асосии давраи ҷорӣ аз он иборат аст, ки ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар қисми тақсими заминҳои таъйиноти кишоварзӣ тақрибан ба охир мерасад. Дар натиҷа, замин молики худро пайдо намуда, муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ карда шуд. Аммо барои рушди минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ роҳу усулҳои тоза тақозо мегардад ва аз ин рӯ, бояд сиёсати нави аграрӣ таҳия ва татбиқ гардад, ки мантиқан идомаи ғояҳои асосии давраи якуми ислоҳоти аграрӣ бошад ва бояд афзалият ва самтҳои рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар кишвар, сохтор, сиёсати молиявию қарзӣ ва меъёрию ҳуқуқии таъмини ислоҳотро барои солҳои минбаъда муайян намояд.

Айни замон давлат пурра сиёсати банақшагирии мутамарказ ва тақсимоти захираҳои моддию техникӣ ва маҳсулоти истеҳсолиро озод намуд. Ҳамзамон, давлат бояд дар самти кумак ба субъектҳои хоҷагидор дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, фароҳам овардани шароитҳои имтиёзнок оид ба масъалаҳои андозбандӣ, молиякунонӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ ва дигар хизматрасониҳои ёрирасон воситаҳои таъсири танзимотӣ дошта бошад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 183926 хоҷагии деҳқонии шаклҳои гуногун, аз онҳо 159 хоҷагии давлатӣ, 59 ассотсиатсияи хоҷагии деҳқонӣ, 3678 хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 276 адад ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 560 хоҷагии ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 179005 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият карда истодаанд.

Таърихи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ бидуни танзим ва дастгирии ҳукумат таъмин карда намешавад. Бо сабабҳои объективӣ кишоварзӣ наметавонад бо дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ рақобат кунад: ин ба тақсимоти корхонаҳои кишоварзӣ, ноустувории даромади онҳо, давраи дарозмуддати истеҳсолот, маҳдудиятҳои биологӣ ва табиӣ ва ғайра вобаста аст.

Дар давраиислоҳоти аграрӣ давлат ба худтанзимкунии бозор такя карда, аз танзими бахши кишоварзӣ даст кашид. Маълум аст, ки хуручи давлат аз бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба кам шудани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат кардааст. Бояд қайд кард, ки механизмҳои бозор на танҳо ҳама мушкилоти комплекси агросаноатиро ҳаллу фасл карда метавонанд ва кӯшишҳои муштарак дар доираи ҳамгироии агросаноатӣ ҳалли худро ёфта наметавонанд, аз ин рӯ, давлат маҷбур аст, ки мушкилоти мураккаби комплекси агросаноатиро ба эътибор гирад: муносибатҳои баробарӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва ғайра. Проблемаҳои танзими рушди муносибатҳои ҳамкориҳои ҳамгироӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ бояд такмил ва муҳайё карда шаванд, зеро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва дар раванди ислоҳоти аграрӣ шаклҳои нави идоракунӣ ва моликият ташаккул ёфтанд, ҳамзамон, муносибатҳои нави истеҳсолӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд.

Самаранок ҷорӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ бевосита аз коркарди илмии механизми хоҷагидорӣ, бо назардошти дигаргунии муносибатҳои моликият ва ислоҳоти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ вобаста аст. Чунин механизм бояд дар асоси мувофиқгардонии шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии корхонаҳо, шакли моликият ва муносибатҳои байни соҳибмулкон бунёд карда мешавад[53].

Механизми танзими давлатии муносибатҳои ҳамкориҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ сохтори мураккаб аст ва ба назари мо, ошкор кардани гуногуншаклии муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии иштирокчиёни сохтори ҳамгироӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Механизмҳои танзимкунандаи бозор дар самти таъмини манфиатҳои иштирокчиён дар сохторҳои ҳамгирошуда натиҷаи дилхоҳ надодаанд. Истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар назди корхонаҳои коркард ва ташкилотҳои тиҷоратӣ монополист шуданд. Аз ин рӯ, зарурати татбиқи механизми танзими

[53] Шарифов З.Р. Механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва такмили он дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ [Матн]/ З.Р. Шарифов // Кишоварзӣ. - 2018. - №4. - С.177.

давлатии муносибатҳои ҳамкориҳои хамгирои̣ аз ҳарвақта бештар аст. Татбиқи танзими давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо механизмҳои худтанзимкунӣ дар бозор бояд ҳамчун вазифаи муҳимтарини муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии сохторҳои ҷудошуда бо мақсади баровардани маҷмуи агросаноатӣ аз буҳрони кунунии иқтисодиву иқтисодӣ ба масири рушди дарозмуддати устувор нигаронида шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври амиқ исбот мекунад, ки яке аз вазифаҳои давлат танзими муносибатҳои иқтисодии шарикони сохторҳои ҷудошуда бо усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ барои баробар кардани даромади иштирокчиёни ин воҳидҳо, бахусус ҳифзи манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз манфиатҳои монополистии соҳаҳои I ва III комплекси агросаноатӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки рушди ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгирои̣ ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонанд, ки онҳоро дар асоси механизми мувофиқашудаи иқтисодӣ бартараф кардан мумкин аст. Қисми ҷудонашавандаи ин механизм, ба андешаи К.С. Тернов, танзими давлатии ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгирои̣ мебошад. Вай чунин мешуморад, ки «... давлат тавассути маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ бояд ҳамгироии сохторҳои ташкилӣ ва иқтисодиро, ки аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ бо кишоварзӣ алоқаманданд, ҳавасманд кунад»[54]. Ба ақидаи ӯ, усули асосии иҷрои ин вазифа сиёсати қарздиҳӣ ва андоз, ташкили фондҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, сиёсати нархгузорӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои муассир, инчунин, чораҳои маҳдудкунанда барои пешгирии монополияи баъзе сохторҳои ҳамгирошуда мебошанд.

Вобаста ба хусусиятҳои муайяни комплексҳои агросаноатӣ механизми хоҷагидории он дар марҳилаи бунёд ва барқарорсозии муносибатҳои нави

[54] Терновых, К.С. Агропромышленная интеграция в условиях трансформации экономики: тенденции и механизм реализации [Текст]/ К.С. Терновых, П.С. Гребнев. – Воронеж: ВГАУ, 2002. – С.48.

бозорӣ қарор дошта, андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба сафарбар намудани захираҳои дохилӣ дар бахши аграрӣ, ба худтанзимкунӣ ва бо назардошти танзими давлатӣ мувофиқ гардондани он, ташаккули механизми хоҷагидории комплексҳои агросаноатӣ ҷиҳатҳои бозорӣ дошта, дар баробари дигар мушкилот имконият медиҳад, ки чунин вазифаҳои муҳим ҳал карда шаванд:

-таъмини бехатари озуқаворӣи мамлакат бо роҳи баланд бардоштани таъминоти техникии корхонаҳои агросаноатӣ ва кадрҳои баландихтисос;

- ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамон;

-парвариш ва кишти навъҳои сермаҳсули зироатҳо ва зоти чорво;

- такмили инфрасохтори бозори озуқаворӣ ва низоми фурӯши он[55].

Ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, ташкилӣ ва технологӣ дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ таъсиси механизми танзими давлатиро тақозо мекунад, ки бо маҷмуи тадбирҳои таъсиррасони давлат ба рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироӣ хос аст.

Зарурати танзими давлатӣ ва дастгирии ҳамкорӣ, инчунин, равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар вазъияти зерин ба он вобаста аст:

- рушди ноустувори истеҳсолоти кишоварзӣ;

- нокифоягии амнияти озуқаворӣи кишвар;

- мувозинати баланди иқтисодӣ байни соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо;

- даромади пасти кормандони соҳаи кишоварзӣ;

- номукаммалии механизми рушди ҳамкорӣ ва муносибатҳои ҳамгироӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.

Таҷрибаи раванди рушди иқтисодиёти бозаргонии ҷаҳонӣ ва кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққиёфта нишон медиҳад, ки сиёсати кишоварзии онҳо ба мақсадҳои зерин равона шудааст: дастгирии истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ

[55] Шарифов, З.Р. Механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва такмили он дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ [Матн]/ З.Р. Шарифов // Кишоварзӣ. - 2018. - №4. - С.177.

тоза ва ҳифзи муҳити зист; рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ; тавсеа тиҷорати хориҷӣ ва сиёсати ҳамгироӣ.

А. Кириленко самтҳои таъсири давлатро дар марҳилаи ташаккул ва рушди равандҳои ҳамгироӣ чунин тавсиф мекунад, яъне, дар марҳилаи ибтидоии ҳамгироӣ ҳалли масъалаи муносибатҳои замин ва амвол, қарзи андози корхонаҳои муфлисшуда, ки ҷузъи таркибии ҳамгироӣ мебошанд, муҳим буда, инчунин, инҳоро ҷудо мекунанд: хадамоти иҷтимоӣ ва нафақахӯрон; таълим бо тафаккури нав; дастгирии давлатӣ; дастгоҳи бекорон; фароҳам овардани шароити мусоид дар бозорҳои минтақа; дастгирии иттилоотӣ; сиёсати мутавозуни андоз ва зиддинҳисорӣ; фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузорон ва ғайра мебошанд.

Дар марҳилаи рушд ва такмил омӯзиши кадрҳои роҳбарикунандаи соҳаҳои васеъ; дастгирии давлатии лоиҳаҳои технологияҳои нав; дастгирии барномаҳои иҷтимоии сохтори ҳамгироӣ; баробар кардани шароит дар бозорҳои минтақавӣ, ҳамзамон, самтҳои марҳилаи ибтидоӣ, ба монанди дастгирии иттилоотӣ, сиёсати мутавозини андоз ва зиддинҳисорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузорон нигоҳ дошта мешаванд. Бо баланд бардоштани самаранокии гурӯҳҳои ҳамгироӣ, минтақаҳои алоҳида ва ҷомеа ба барқарорсозии иқтисодиёти тамоми соҳа мусоидат мекунанд[56].

Зарурати танзими давлатӣ ва дастгирии ташаккулёфтаҳои маҷмуӣ, сарфи назар аз шакли идоракунӣ ва моликияташон, амнияти озуқавории кишварро ба манфиати миллӣ асоснок мекунад ва ба пешгирии нобудшавии оммавии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ нигаронида шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҷараёниислоҳоти аграрӣ ва тадриҷан даст кашидани давлат аз танзими кишоварзӣ, сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ бо истифода аз ин бо нархҳои бефоида, тухмиҳо, сӯзишворӣ ва кимиёвиву нуриҳои минералӣ барои ҳосили оянда кафолат медиҳанд (хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи

[56] Кириленко, А.С. Интеграционные процессы в сельском хозяйстве (на примере Иркутской области) [Текст]/А.С. Кириленко // Экономист. – М., 2003. – № 3. – С.86-88.

парвариши пахта ва ғайра). Ҳамин тариқ, хоҷагиҳои деҳқонӣ аз сармоягузорон қарздор мемонанд.

Дар ин ҷо мо бо андешаи академик И.Ф. Хитскова, ки вазифаи танзими давлатиро пешгирӣ ё сари вақт муайян ва бартараф кардани оқибатҳои манфии равандҳои ҳамгирой тавассути чораҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ медонад,[57] розӣ ҳастем.

Равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирой дар иқтисоди бозаргонӣ ҳамчун як низоми мураккаб инкишоф ёфта, муносибатҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ (замин, моликият, мубодила ва тақсимот)-ро дар бар мегиранд, ки механизми танзими ин муносибатҳоро талаб мекунанд. Дар ин ҳолат, Д.Б. Қодиров дуруст қайд мекунад, ки «... ҳамагуна дигаргуниҳои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба муносибатҳои моликият асос ёфтаанд, дар механизми танзим инъикос шудаанд».[58]

Вазифаи давлат дар нақшаи ташкилии танзими рушди ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгирой таъмини санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ ва маблағгузории барномаҳо барои таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба ташкили шаклҳои мухталифи сохторҳои ҳамгирошуда бо назардошти сохторҳои истеҳсолии кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Аммо, бояд қайд кард, ки ҳангоми таҳияи тавсияҳо бояд қонунҳои бозор ва бартарияти шаклҳои моликият дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба назар гирифта шаванд. Ба муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин, бо назардошти манфиатҳои иштирокчиён дар сохторҳои ҷудонашаванда аз нуқтаи назари замин, моликият ва тақсими онҳо диққати махсус бояд дод.

Хусусияти таъсир ва роҳҳои истифодаи танзими давлатӣ бояд бо истифодаи усулу олотҳои мувофиқ анҷом дода шавад. Усул ва воситаҳои таъсири давлат ба рушди ҳамкориҳо ва ҳамгирой дар соҳаи кишоварзӣ бояд вобаста ба ҳадафҳои сиёсати аграрӣ бо назардошти ҷаҳонишавии

---

[57] Хицков, И.Ф. Кооперация, управление, организация в сельском хозяйстве: теория и практика. Монография [Текст]/ И.Ф.Хицков. – Воронеж: Изд-во ВГУ, 1991. – С.168.

[58] Кодиров, Д.К. Организация фермерских хозяйств - важный путь преобразования [Текст]/ Д.К. Кодиров, И.Ш. Шукуров // Сборник научно- теоретической. конференции, посвященная проблемам макро и микроэкономики Республики Таджикистан. – Душанбе. – 1996. -С.80-85.

иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва истиқлолияти озуқаворecho кишвар амалӣ карда шаванд. Мутаносибан, ҳадафи танзими давлатӣ дар доираи ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироӣ ҳифзи манфиатҳои хоҷагиҳои фермерӣ дар шаклҳои ҳамбастагӣ ва фароҳам овардани шароит барои тавлиди васеи молҳо мебошад ва манфиати давлат афзоиши иқтисодиёти соҳа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коҳиши камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣии кишвар буда, манфиатҳои иштирокчиёни сохторҳои ҳамгироӣ асосан бо манфиатҳои давлат мувофиқат мекунанд.

Низоми тадбирҳои танзими давлатии равандҳои ҳамгироӣ бояд системавӣ ва ҳамгиро бошанд, ки дар маҷмуъ, ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири назаррас доранд.

Дар асоси ин, мо чунин мешуморем, ки барои ташаккули механизми оқилонаи равандҳои ҳамгироӣ ба муносибати ҳамаҷонибаи методологӣ ниёз дорем. Дар ин робита, мо бояд ба андешаи О.Г. Чарикова арҷ гузорем, ки қайд мекунад: «... вобаста ба вазъи кунунӣ шаклҳо ва усулҳои танзими давлатӣ метавонанд хеле гуногун бошанд, аммо онҳо бояд аз озодии иқтисодии субъектҳои хоҷагидории бозор манфиатнок бошанд»[59].

Аммо, М.А. Сагдиев тадбирҳои таъсири давлатро ба рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироӣ ҳамчун ҳавасмандкунанда ва маҳдудкунанда тавсиф мекунад: «... нисбати ҳамгироии амудӣ чораҳои ҳавасмандкунии давлатӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ заруранд. Ҳамзамон, вобаста ба баъзе шаклҳои ҳамгироии уфуқӣ ва як қатор хоҷагиҳои кишоварзӣ чораҳои маҳдудкунии зиддимонополӣ зарур аст»[60].

Танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин, равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ, аз ҷумла бо истифодаи усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд. Дар байни олимон чунин нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки мо ҳам дар он мегӯем, ки усулҳои маъмурӣ ва иқтисодии танзим ҳам қавӣ ва ҳам

[59] Чарыкова, О.Г. Организационно-экономический механизм развития зернового рынка (теория, методология, практика): монография [Текст]/ О.Г. Чарыкова. – Воронеж: ОАО «Центрально-Черноземное книжное издательство», 2006. – С.29.

[60] Сагдиев, М.А. Управление интегрированными агропромышленными формированиями (теория и практика): дис. …д-ра экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ М.А. Сагдиев. – Казань, 2005. – С.214.

заифиҳо доранд. Ё, тавре ки О.Г. Чарикова қайд мекунад, «... ҳама гуна танзимгарони иқтисодӣ муҳри маъмурият доранд ва дар навбати худ, усулҳои маъмурӣ ва ташкилии танзим хусусиятҳои танзимкунандаи иқтисодиро дар бар мегиранд»[61].

Ҳ.А. Одинаев қайд мекунад, ки «... воситаҳои ташкилӣ ва маъмурӣ дақиқӣ ва итминони ҳадафҳои гузошташударо таъмин мекунанд, аммо онҳо чандир нестанд ва хароҷоти аз ҳад зиёди маъмурӣ равандҳои инноватсиониро ҳавасманд намекунанд. Дар мавриди воситаҳои иқтисодӣ, аз як тараф, онҳо хеле самараноканд ... ва аз тарафи дигар, онҳо ба равандҳои таваррум ва хатари коҳиши рақобатпазирӣ ва ғайра ҳассос мебошанд»[62].

Интихоби сохтори муносиби ҳамоҳангсозии усулҳои иқтисодӣ ва маъмурии танзим аз самти сиёсати аграрӣ ва вазъи кунунии иқтисодиву иҷтимоии кишвар вобаста аст. Ба ақидаи мо, дар ҷараёни танзими давлатӣ усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ бояд якдигарро пурра кунанд ва интихоби сохторҳои оптималии воситаҳоеро, ки ба рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгирой ва тавсеаи раванди репродуктивии бахши кишоварзии иқтисодиёт мусоидат мекунанд, хеле зарур аст.

Ҷ.О. Раҳимов қайд намудааст, ки ҷиҳати беҳдошти вазъияти иқтисодии соҳаи кишоварзӣ ёрии фаъоли давлатӣ даркор аст. Дар ин ҷо, вазифаи асосӣ бояд ба роҳ мондани такрористеҳсоли молиявӣ бошад, ки танҳо тавассути бартараф кардани нобаробарии нархҳо дар КАС, протексионизми оқилона, зиёдкунии фармоиши давлатӣ ба намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои кафолатнок, такмили сиёсати андозӣ, қарзӣ ва молиякунонии давлатӣ имконпазир мегардад. Беҳдошти ҳолати иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ ва рушди минбаъдаи онҳоро на танҳо аз ҳисоби чорабиниҳои дастгирии давлатӣ, балки бештар бо беҳтар истифода бурдани иқтидори

---

[61] Чарыкова, О.Г. Организационно-экономический механизм развития зернового рынка (теория, методология, практика): монография [Текст]/ О.Г. Чарыкова. – Воронеж: ОАО «Центрально-Черноземное книжное издательство», 2006. – С.29.

[62] Одинаев Х. Таджикистан: проблемы малого агробизнеса [Текст]/ Х.Одинаев. - Душанбе: Шарки Озод, 1996. – С.72.

хоҷагиҳо аз ҳисоби такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва низоми идоракунии истеҳсолот ноил шудан мумкин аст[63].

Раванди ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ метавонад тағйир ёбад, аммо танзими давлатӣ бояд доимӣ бошад, аз ин рӯ, василаҳои таъсири он метавонанд тағйир ёбанд. Дар ин ҷо бо В.Г. Закшевский розӣ буда наметавонем, ки қайд мекунад: «Усулҳои танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ на танҳо давраи бухрониро фаро мегиранд, балки пас аз ба охир расидани он низ идома медиҳанд. Аз ин рӯ, тарзу усулҳои танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ табиати доимӣ доранд»[64].

Иқтисодиёти кишвар, дар маҷмуъ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ дар давраи ниҳоят мушкили гузариш қарор дорад ва айни замон давлат имконоти кофӣ надорад, то ки соҳаи кишоварзиро ба таври дахлдор бо субсидия таъмин намояд. Бо сабаби маҳдудияти молиявӣ ва захираҳои моддӣ дар як вақт инкишоф додани ҳамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ имконнопазир буда, бо дарназардошти барномаҳои мавҷуда ва нақшавии давлатӣ ва стратегияи кумаки созмонҳои байналмилалии кумакрасон муносибати интихобӣ ва лоиҳавӣ зарур мебошад.

- таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ;
- мушаххасгардонии нақши давлат дар пешбурди ислоҳоти аграрӣ дар шароити дигаргуниҳои бозаргонии иқтисодиёт ва демократикунонии идоракунӣ;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатии кишвар;
- муайян намудани робитаҳои мутақобилаи мақомоти давлатӣ дар таъмини маблағгузории устувори соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии об ва саноати коркард;
- муайян намудани механизми фаъолияти мутақобилаи давлат бо дигар субъектҳои иштирокчии рушди комплекси агросаноатӣ дар пешбурди

[63] Раҳимов, Ҷ.О. Самаранокии корхонаҳои кишоварзӣ: моҳияти иқтисодӣ, усули баҳодиҳӣ, самтҳои афзалиятнокии рушд [Матн]/ Ҷ.О. Раҳимов// Кишоварз. – 2017. - №4. - С.51.
[64] Закшевский В.Г. Экономический механизм стабилизации и развития аграрного производства в системе государственного регулирования: дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ В.Г. Закшевский. – Воронеж, 1999. – С.20.

сиёсати аграрӣ - бо бахши хусусӣ, сармоягузории байналмилалӣ ва ватанӣ, донорҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ) ва ғайра.

Молистеҳсолкунандагони деҳот, ҳамчунин, ғайримустақим бо роҳи озод намудан аз пардохти чандин андоз, ба истиснои андози ягонаи замин, дастгирӣ карда мешаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд ва дигар созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба бахши иқтисодиёти аграрӣ кумаки молиявию қарзии дахлдор мерасонанд[65].

Чӣ тавре ки Пешвои миллат пайваста қайд менамоянд, бояд хоҷагидорон ва кишоварзон кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки барои ғанӣ гардонидани маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ кишти такрориро фаъол гардонанд.

Дар ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 дар як қатор категорияҳои хоҷагӣ куллан тағйир ёфтааст: аз ҷумла дар соли 2020 ғалладона ва лӯбиё 1561356 ҳазор тонна, пахта 396015 ҳазор тонна, картошка 1022545 ҳазор тонна, сабзавот 2479360 ҳазор тонна, полезӣ 756962 ҳазор тонна, мевагиҳо 467802 ҳазор тонна, ангур 239096 ҳазор тонна, истеҳсоли гӯшт дар вазни зинда 300182 ҳазор тонна, шир 1020978 ҳазор тонна, тухм 983065 ҳаз. дона, пашм 8017 тонна, пилла 388 тонна ва асал 4221 тонна истеҳсол шудааст.

Саршумори чорвои калони шохдор 2391,4 ҳазор сар, аз ин модагов – 1244,8 ҳазор сар, гӯсфанду буз – 5797,5 ҳазор сар, асп – 82,5 ҳазор сар ва паранда – 9782,7 ҳазор сарро ташкил медиҳад.

Аз маълумоти бадастомадаи соли 2020 ва таҳлилу муқоиса бо соли 2016 чунин натиҷагириҳо ба даст омад, ки дар шакли диаграмма нишон дода шудааст. Яъне, дар соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти нишондодашуда нисбат ба соли 2016 дар панҷ соли охир дар чунин шакл тағйир ёфтаанд: ғалладона ва лӯбиё 8,7%, пахта 39%, картошка 13,8%, сабзавот 41,8 %, полезӣ 27,3%, мева ва буттамева 28,4%, ангур 11,3%, истеҳсоли гӯшт 28,6, истеҳсоли шир 11,2%, истеҳсоли тухм 191,5%, 9,7%, истеҳсоли пилла -55% ва истеҳсоли

---

[65] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 декабри соли 2008, № 658.

асал 5,6%. Дар таҳлил маълум гардид, ки истеҳсоли ғалладона ва лӯбиё, пилла ва асал на он қадар қаноаткунанда аст.

**Диаграммаи 3.1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2016 - 2020**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти оморӣ// Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Парвариши ғалладона ва лӯбиё яке аз маҳсулоте мебошанд, ки кишоварзон метавонанд онҳоро такрористеҳсол кунанд. Истеҳсоли пахта низ ғайриқаноатбахш аст. Кишоварзонро зарур аст, ки ҳарчи бештар ба истеҳсоли пахта таҷриба омӯзанд. Барои муайян кардани истеҳсоли гӯшт ва шир, саршумори чорвои калон ва гӯсфанду буз таҳлил чунин натиҷа дод: саршумори чорвои калон 4,9%, модагов 6,5%, гӯсфанду буз 6,2%, ки аз ин саршумор истеҳсоли гӯшт 28,6 %, истеҳсоли шир 11,2 % ташкил медиҳад.

Дар муносибат ба масъалаҳои танзими давлатии бахши аграрӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ тағйироти назаррас ба мушоҳида мерасад. Мақомоти давлатӣ аз дахолати мустақим ба равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии фаъолияти хоҷагии молистеҳсолкунандагон ба усулҳои иқтисодии танзим рӯ овардаанд. Заминаи чунин тадбирҳои сиёсати аграрӣ бештар такмил ёфта, ҳамзамон, бо рушди муносибатҳои бозаргонӣ ғанӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ташаккул додани консепсия ва таҳияи моделҳои афзалиятноки рушди муносибатҳои ҳамгироидошта дар КАС, ба назар гирифтани шароитҳои табиӣ ва иқтисодии минтақаҳо, инфрасохтори

афзалиятноки саноатӣ ва иҷтимоӣ ва инфрасохтори бозорӣ хеле муҳим мебошад. Дар баробари ин, меъёр ин афзоиши истеҳсоли маҳсулот, кам шудани арзиши он мебошад. Тавре ки тадқиқотҳо нишон медиҳанд, тағйир додани сохтори хоҷагиҳои даромадовар ва корхонаҳои калони махсус, ба мисли комплекси чорводорӣ, парандапарварӣ, комплексҳои гармхона ва ғайра мувофиқи мақсад нест.

Бо назардошти ин мулоҳизаҳо, дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди кишвари мо, ҳамгироӣ ба истеҳсолоти агросаноатӣ - яке аз усулҳои асосии танзими муносибатҳои иқтисодии байни корхонаҳои коркард ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ боқӣ мемонад, ки мундариҷаи бисёр барномаҳо ва консепсияҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад (ниг. ҷадв. 3.1).

**Ҷадвали 3.1.- Баррасии ташаккулёбии муносибатҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Ҳуҷҷати давлатӣ | Қисмат ва моддаҳои ҳуҷҷат | Моҳият |
|---|---|---|---|
| 1. | Консепсияи сиёсати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.12.2008с., № 658) | 3.Самтҳои асосии ноилгардии мақсадҳои консепсия:<br>б) Такмил шаклҳои хоҷагидорӣ | Таъсиси сохторҳои вертикалии ҳамгироиёфта бо муттаҳидсозии манфиатҳои истеҳсолкунандагони ашёи кишоварзӣ ва коркардкунандагони он. |
| | | 3. Самтҳои асосии ноилгардии мақсадҳои консепсия:<br>в) рушди соҳа | Ҳавасмандгардонии таъсиси ширкатҳои ба таври вертикалӣ ҳамгироиёфтаи кишоварзӣ аз рӯйи шабакаи технологӣ «истеҳсол – ашё – коркард – фурӯш». |
| | | 4. Такмили идораи давлатии соҳаи кишоварзӣ | Дар бозорҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим таъсис додани сохторҳои ҳамгироиёфтаи вертикалӣ зарур мебошанд, ки замина барои татбиқи сиёсати давлатии озуқаворӣ хоҳанд гардид. |
| 2. | Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (аз 01.08.2012с., №383) | 2. Мушкилоти асосии ба рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ монеа эҷодкунанда | …муносибатҳои ҳамгироиёфта миёни молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, корхонаҳои коркардкунанда ва шабакаҳои тиҷоратӣ вайрон гардидаанд |
| | | 3. Мақсад ва вазифаҳои Барнома:<br>33. Коркарди истеҳсолоти кишоварзӣ. | рушди алоқаҳои ҳамгироигардида миёни кооперативҳо ва тиҷорати кишоварзии хусусӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | **Идомаи ҷадвали 3.1.** | |
| | | 3. Мақсад ва вазифаҳои Барнома:<br>44. Коркарди истеҳсолоти кишоварзӣ | Мусоидат ва дастгирии ташаккули гурӯҳҳои ҳамгироидоштаи молиявӣ-саноатии бахши хусусӣ, ки ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти истеҳсоли кишоварзӣ машғул хоҳанд гардид. |
| 3. | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | 5.1. Бахши воқеӣ: Мушкилоти асосӣ | Сатҳи пасти кооператсия ва ҳамгироии дохилисоҳавӣ ва байниҳудудӣ, тараққӣ наёфтани равиши кластерӣ. |

**Сарчашма:** таҳлили муаллиф дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мо бояд ба рушди бахши хусусӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда, заминаи ягонаи ҳуқуқиро барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, муҳайё созем.

Вобаста ба имконият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон деҳқононро (фермеронро) тавассути ҷудо намудани тухмӣ, захираҳои моддию техникӣ, кредитҳои молӣ ва грантҳо дастгирӣ менамояд.

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ кайд намуданд, “Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад”[66].

Дар солҳои истиқлолият барои рушди соҳаҳои пешсафи иқтисодиёт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Вақти он расидааст, ки роҳҳои ёрирасони рушди алоқаҳои байнисоҳавӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо ва ба ин васила

---
[66] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019, Душанбе - [манбаи электронӣ]: URL:http://www.president.tj.

мусоидат намудан дар рушди иқтисодиёти кишвар, дар умум ҷустуҷӯ карда шаванд.

Танзими давлатии муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ асоснок кардани самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ, низоми усулҳои таъсири давлат, инчунин, таҳлили самаранокии танзим мебошад, ки ба муносибатҳои устувори иқтисодӣ ва такрористеҳсоли ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошуда бо мақсади рафъи буҳрони аграрӣ мусоидат мекунанд[67].

Тавре ки дар боло қайд кардем, танзими давлатии муносибатҳои ҳамкориҳои ҳамгироӣ раванди давомдор аст. Дар нақшаи таҳияшудаи механизми танзими давлатии ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ самтҳои афзалиятноки танзими равандҳои ҳамгироӣ асосноканд ва вобаста ба ин, усулҳо (маъмурӣ ва иқтисодӣ) ва воситаҳои танзими ин равандҳо интихоб карда шудаанд.

Унсури дигари сиёсати давлат ин дастгирии ҳамаҷонибаи рушди ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ мебошад. Бо муттаҳид намудани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, коркардкунандагон, харидорон ва ташкилотҳои савдои амудӣ дар воҳидҳои ҳамгирошуда бояд баробар бошанд ва ҳиссаи одилона дошта бошанд. Аммо, чунин ташаккулиҳо низ ба механизми фасеҳи танзими муносибатҳои моликият ва тақсимот ниёз дорад. Давлат метавонад тавассути равандҳои ғайримустақим ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироиро тақвият бахшад, масалан, барои фаъол кардани равандҳои ҳамгироӣ давлат андозҳои сохторҳои ҳамгирошударо кам мекунад ё ба онҳо қарзи имтиёзнок медиҳад.

Як намуди муҳимтарин ва самарабахши танзими давлатиро метавон намудҳои гуногуни барномаҳои мақсаднок ҳисобид. Барномаҳои мақсаднок «имкон медиҳанд, ки ҳалли ҳамаҷониба ва систематикии мушкилот таъмин карда шавад, хавфи истифодаи самарабахши маблағҳои ҷудошударо

[67] Давлатов Ќ.Ќ. ва дигарон. Иќтисодиёти хоҷагии ќишлоќ: курси лексияҳо [Матн]/Ќ.Ќ. Давлатов ва дигарон. - Душанбе: Диловар-ДМТ, 2005.. – С.272.

тавассути ҷалби сармоягузорони гуногун барои маблағгузорӣ ба онҳо тақсим кунад, маблағҳои сармоягузориро бо натиҷаҳои мушаххас пайваст кунад, аз истифодаи беназорат ва ғайрисистемавии захираҳои молиявӣ ва моддӣ дур шавад, манфиатҳои давлат ва ҳар як мушаххасоти иштирокчии барномаро муттаҳид кунад»[68].

Барномаҳои мақсадноки давлатӣ унсури муҳимтарини танзими давлатии ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки аҳаммияти барномаҳои мақсаднок аз он иборат аст, ки онҳо бояд нақши ҳамоҳангсоз ва идоракунандаро дар рушди иҷтимоию иқтисодии бахшҳо ва дар маҷмуъ, комплекси агросаноатӣ бозанд. Ҳамзамон, барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар доираи комплекси агросаноатӣ бояд ба ҳалли мушкилоти зерин мусоидат намоянд:

- тақвияти равандҳои ҳамгироӣ;
- рафъи фарқиятҳои аз ҳад зиёди байни шаҳр ва деҳа;
- баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ;
- татбиқи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иштирокчиён дар сохторҳои ҳамгирошуда;
- мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ;
- афзоиши назарраси ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии чорво ва ғайра.

Аз нуқтаи назари танзим ва дастгирӣ барои давлат иттилоот дар бораи ҳолат ва рушди ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ хеле муҳим аст. Иттилооти боэътимод ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки равандҳои рушдро дар ин соҳа назорат кунанд ва дар ин асос чораҳои зарурири амалӣ намоянд. Ҳамин тавр, бо мақсади пайгирӣ ва саривақт муайян кардани оқибатҳои манфии равандҳои ҳамгироӣ пешниҳод мекунем, ки дар сохтори Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ шуъбаи мониторинги ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ таъсис дода шавад. Дар асоси мониторинги ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгироӣ, ки аз ҷониби шуъбаи «Мониторинги ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ» бояд гузаронида

---

68 Чарыкова, О.Г. Организационно-экономический механизм развития зернового рынка (теория, методология, практика): монография / О.Г. Чарыкова. – Воронеж: ОАО «Центрально-Черноземное книжное издательство», 2006. – С.29.

шавад, имкон пайдо мешавад, ки хусусиятҳои ҳолат ва рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгирои̇ муайян карда шаванд. Маълумоте, ки дар рафти мониторинг ба даст оварда мешавад, сабабҳои рушди заифи онҳоро нишон медиҳад ва қарори стратегии идоракунии худро қабул мекунад. Давлат дар натиҷаи таҳлил усулҳои таъсири давлатро ба рушди ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгирои̇ ҳам маъмурӣ ва ҳам иқтисодӣ қабул мекунад.

Усулҳои маъмурӣ ва воситаҳои танзими муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирои̇ хеле муҳим мебошанд, аммо онҳо бояд бо усулҳои иқтисодӣ ва бо мақсади рушди самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ ва фароҳам овардани шароит барои тавлиди васеи ширкаткунандагон дар сохторҳои ҷудошаванда илова карда шаванд. Тадбирҳои иқтисодии танзими давлатӣ иборатанд аз: нархҳо ва нархгузорӣ, андоз ва андозбандӣ, маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ, субсидияҳо ва субвенсияҳо, суғурта ва ғайра.

Вазифаи асосии танзими давлатии нархҳо ташкили хароҷоти истеҳсоли ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошуда дар асоси такрористеҳсоли васеъ мебошад. Танзими давлатии нархҳо мақсадҳои муқаррар кардани нархҳои кафолатноки давлатиро ба маҳсулоти сохтаи ҳамгирои̇, ҳифзи гумрукии истеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ ва маблағгузории хариди озуқавориро ба фонди захираи давлатӣ татбиқ менамояд.

Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ таъсиси механизми самарабахши танзими ҳамкорӣ ва ҳамгирои̇ торафт бештар талаб карда мешавад. Яке аз унсурҳои таркибии ин механизм системаи танзими андозии ҳамкориҳо ва равандҳои ҳамгирои̇ мебошад. Давлат сиёсати андозро ҳамчун танзимгари мушаххас васеъ истифода карда, ба равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгирои̇ таъсири мусбат мерасонад ва ҳамзамон онҳоро фаъол мекунад.

Самтҳои танзими давлатии устуворӣ ва рушди комплекси агросаноатӣ, ба назари мо, маблағгузории буҷетӣ ва қарзҳои имтиёзнок барои сохторҳои ҳамгирошуда ва таҷдиди қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар назди сармоягузорон мебошанд. Маблағгузории буҷет бояд дар шакли ҷубронҳо, субсидияҳо ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ бошад, масалан: субсидия ва

субвенсия барои истеҳсол ва парвариши тухмии элита, ҷуброни қисми хароҷоти хариди техникаи кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти муҳофизати растанӣ, суғуртаи зироат ва ғайра мебошанд.

Самти муҳимми таъсири давлат ба рушди ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ маблағгузории мустақими сохторҳои ҷудошаванда мебошад. Ба ақидаи мо, маблағгузорӣ бояд дар самтҳои зерин амалӣ карда шавад:

- рушди корҳои илмию тадқиқотӣ дар самтҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ (аз ҷумла рушди ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ);

- рушди илми кишоварзӣ, тарбияи мутахассисон дар самти ҳамкориҳои кишоварзӣ ва ҳамгироии агросаноатӣ;

- амалигардонии барномаҳои дастгирии мақсадноки воҳидҳои муттаҳидшуда;

- чорабиниҳои мелиоративӣ ва ҳифзи муҳити зист.

Вазифаи дигари муҳимми давлат дар самти дастгирии молиявӣ ва қарзӣ, ба фикри мо, ҳавасмандгардонӣ ва ташвиқи кооперативҳои қарзӣ дар деҳот ва гурӯҳҳои молиявию агросаноатӣ мебошад, зеро сохторҳои ҳамгироӣ бо сабаби мавҷуд набудан ё камтар хурд будани сохторҳои муштарак барои бахши бонкӣ мизоҷони бештар дар муқоиса бо корхонаҳои кишоварзӣ доранд[69].

Омилҳои асосие, ки ба ҳамкориҳои агросаноатӣ дар кишварҳои пешрафта мусоидат мекунанд, таҳкими танзими давлатии бахши агробизнес, ҷамъоварӣ ва тамаркузи сармоя дар онҳо, инчунин, баланд бардоштани аҳаммияти бахшҳои ғайрикишоварзӣ дар маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ мебошанд[70].

Хулосаи зербоб

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки бо истифодаи усулҳои маъмурию иқтисодии танзим дар якҷоягӣ бо механизми

[69] Хицков, И.Ф. Интеграционные связи в агропромышленном производстве [Текст]/И.Ф. Хицков // АПК: экономика, управление. –М., 2003. – № 9. – С. 9-17.
[70] Комшанов, Д. Интеграция и проблемы экономии труда в сельском хозяйстве [Текст]/ Д. Комшанов, Л.Жуков // АПК: экономика, управление. – 2004. – № 1. – С. 59-66.

худтанзимкунии бозор барои тақвияти ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ бояд корҳои зеринро анҷом диҳем:

- танзими ҳуқуқии фаъолияти сохторҳои ҳамгироӣ дар соҳаи КАС: таҳияи тавсияҳои илман асосноки танзимкунанда барои сохторҳои ҳамгирошуда бо назардошти қонунҳои бозор ва шаклҳои гуногуни моликият, қоидаҳои оқилона барои инҳисороти корхонаҳои кишоварзӣ;

- дар сохтори Вазорати кишоварзӣ таъсис додани Департаменти мониторинги равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бо мақсади гирифтани иттилооти саривақтӣ дар бораи рушд ва ҳолат, инчунин мониторинги равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ;

- бо мақсади аз байн бурдани муқаррароти монополии самтҳои I ва III комплекси агросаноатӣ сиёсати зиддиинҳисориро пешбарӣ мекунад, ки ба рушди равандҳои ҳамгироӣ бо назардошти манфиатҳои хоҷагиҳои иштироккунандаи сохторҳои ҳамгирошуда мусоидат менамояд;

- аз нуқтаи назари нархгузорӣ, дахолат ба мол набояд ба маҳсулоти асосии истеҳсол, балки ба маҳсулоти коркард муқаррар карда шавад. Ин усул истеҳсолкунандагони деҳот ва корхонаҳои коркардро ба равандҳои муттаҳидсозӣ ҳавасманд мекунад;

- механизми андозбандӣ нисбат ба комплекси агросаноатӣ бояд ба ҳамоҳангсозии оқилонаи вазифаҳои фискалӣ ва ҳавасмандкунанда мусоидат намуда, барои амалисозии дигаргуниҳои сохторӣ дар самти пурзӯр намудани ҳамкорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ шароити мусоид фароҳам орад;

- танзими молиявию қарзӣ дар шакли барномаҳои маблағгузории самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатӣ, ки субсидия ба истеҳсол ва парвариши тухмии элита, ҷуброни як қисми хароҷот барои хариди техникаи кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти муҳофизати растанӣ, суғуртаи зироат ва ғайра бояд амалӣ карда шавад;

- барои додани қарзҳои дастрас ва имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ давлат бояд кооперативҳои қарзии деҳот ва гурӯҳҳои молиявӣ ва агросаноатиро дастгирӣ ва ҳавасманд намояд;

- дар робита бо рушди иҷтимоии деҳот давлат бояд байни гурӯҳҳои ҷудошаванда рақобат эълон кунад ва он сохторҳои ҷудонашавандаро, ки дар рушди инфрасохтори иҷтимоии манотиқи деҳот саҳм гузоштаанд, ҳавасманд кунад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили маводи назариявӣ ва амалӣ, мо ба хулосае омадем, ки танзими давлатии муносибатҳои ҳамгироӣ маҷмуи чораҳоест, ки аз ҷониби давлат бо истифодаи усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо механизми худтанзимкунии бозор барои ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда, ки устувории иқтисодиётро таъмин мекунанд, амалӣ карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки ҳадафи ниҳоии равандҳои ҳамгироӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолият ва тавсеаи такрористеҳсоли иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошудаи соҳаи кишоварзӣ мебошад.

### 3.2. Рушди сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ

Соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлат ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гардидааст. Ба уҳдаи он амнияти озуқаворвии кишоварзӣ ҳамчун самти стратегии давлатӣ гузошта шудааст. Дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути шакл ва усулҳои муайян амалӣ карда мешавад. Зарурати ба низом даровардани шаклу усулҳои дастгирӣ аз он вобаста аст, ки айни замон бо мақсади баланд бардоштани иқтисодиёти кишоварзӣ ва дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба татбиқи усулҳои гуногуни дахолати давлатро ба саноат шуруъ кардаанд.

Шаклу усулҳо ва механизмҳои баррасишаванда бо хароҷоти муайяни маблағҳои давлатӣ барои ҳалли мушкилот, ба монанди баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рақобатпазирии он, ташкили механизми устувори иқтисодии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ, ҳавасмандгардонии инноватсия алоқаманд мебошанд. Истифодаи маблағҳо, замин, рушди бозор ва инфрасохтори иҷтимоӣ боиси коҳиши бекорӣ дар деҳот ва афзоиши музди меҳнат мегардад.

Маҳсулоти афзалиятнок барои содирот маҳсулоти пахтакорӣ, боғпарварӣ, истеҳсоли меваи хушк, картошкаи барвақтӣ, карами барвақтӣ, помидор, полезиҳо, ситрусиҳо, истеҳсолоти афшураҳои мевагию сабзавотӣ ба ҳисоб меравaнд. Мустаҳкам гардонидани истеҳсолоти ватанӣ барои қонеъ гардонидани талаботи худӣ ва пур кардани ҷойҳои холии бозорҳои минтақавӣ зарур аст:

- мустаҳкам гардонидани истеҳсолоти ватанӣ барои қонеъ гардонидани талаботи худӣ ва барои пур кардани ҷойҳои холии бозорҳои минтақавӣ;

- рушд ва вусъати масоҳати боғҳо, бехмеваҳо ва зироатҳои равғандор;

- дастгирии молиявии инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ доир ба навсозии фондҳои асосӣ: азхудкунии технологияҳои нав; дарёфти мошину таҷҳизоти нав; таъмини тухмии навъи аъло ва чорвои зотӣ; таъмини нуриҳои минералӣ; таъмини воситаҳои муҳофизати растанӣ;

- таҳияи механизми оқилона ва самараноки агролизинг;

- чораҳои ҷубронӣ, ки молистеҳсолкунандагони кишоварзиро аз таъсиррасонии манфӣ ба иқтисодиёташон ва қиматшавии захираҳои моддию техникии дар соҳа истифодашаванда ҳифз менамоянд;

- дастгирии молиявии рафъи хатарҳои истеҳсолӣ, ки бо ҳодисаҳои табиат ё дигар воқеаҳо робита дошта, аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ надоранд;

- ҳавасмандии барқарорсозии майдонҳои кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ, инчунин истеҳсолоти махсулоти чорводорӣ;

- мутобиқ намудани истеҳсолоти кишоварзӣ ба меъёрҳои экологӣ;

- ташаккули инфрасохтори истеҳсолии таъйиноти умумӣ;

- ҳавасмандгардонии ҷалби кормандони ботахассус, омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар самти сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ;

- таъминоти иттилоотӣ ва машваратӣ[71].

---

[71] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020", 1 августи соли 2012, №383, ш.Душанбе

Вале нишондиҳандаҳои соҳа ҷиҳати иҷрои босифати барномаҳои қабулгардида ҳанӯз нокифоя буда, корҳо дар самти баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ қонеъкунанда нестанд.

Муаммои муҳим дар муносибатҳои бозори озуқаворӣ ва давлат сиёсати содирот ва воридот мебошад. Танзими давлатии муносибатҳои содиротӣ-воридотӣ бо роҳи маҳдудиятҳои воридотӣ ва субсидияҳои содиротӣ амалӣ карда мешавад. Бо мақсади ҳимояи истеҳсолкунандагони ватании кишоварзӣ аз воридоти маҳсулоти арзони кишоварзӣ ва хӯрокворӣ, давлат бояд квотаҳои воридотиро татбиқ кунад, аммо дар ин ҷо муносибати мувофиқе лозим аст. Хусусияти соҳавии соҳаи кишоварзии ватанӣ ва имконияти худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ барои баъзе намудҳои маҳсулот бояд ба назар гирифта шаванд. Барои намуди молҳое, ки барои ҷумҳурӣ анъанавӣ нестанд, истеҳсоли онҳо бесамар аст, квотаҳо муқаррар карда нашудааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ҳавасмандгардонии маҳсулоти кишоварзӣ барои содирот чораҳои мухталифро амалӣ карда истодааст. Масалан, ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ (ба истиснои нахи пахта) бо меъёри сифр андозбандӣ карда мешавад.

